ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ТДУ: 343.2/.7 (575.3)
ТБК: 67.408 (2Т)
Ш – 49

Бо ҳуқуқи дастнавис

ШЕРАЛИЗОД САМИАЛЛОҲИ МАҲМАДСАИД

ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ: НАЗАРИЯ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР АМАЛИЯ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

РОҲБАРИ ИЛМӢ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
САФАРЗОДА А.И.

ДУШАНБЕ – 2025

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3
МУҚАДДИМА……..……..……..…4
БОБИ 1. МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАЪРИХ ВА ТАСНИФИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ.....20-74
1.1. Мафҳум, моҳият ва таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ**.....20-49**
1.2. Таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....49-74**
БОБИ 2. ТАТБИҚИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ДАР МАТНИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....75-205
2.1 Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии принсипи қонуният**.....75-94**
2.2 Принсипи баробарӣ дар назди қонун**.....94-111**
2.3 Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ**.....111-133**
2.4 Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ**.....133-156**
2.5 Принсипи адолат**.....156-181**
2.6 Принсипи инсондӯстӣ**.....181-198**
2.7 Принсипи демократӣ**.....199-205**
БОБИ 3. ТАҶРИБАИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ.....206-215
3.1. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ**.....206-215**
ХУЛОСА.....216-222
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....223-224
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).....225-241
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....242-243

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Америка

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

КҶ Булғористон – Кодекси ҷиноятии Булғористон

КҶ Гурҷистон – Кодекси ҷиноятии Гурҷистон

КҶ Қазоқистон – Кодекси ҷиноятии Қазоқистон

КҶ Испания – Кодекси ҷиноятии Испания

КҶ Ҷопон – Кодекси ҷиноятии Ҷопон

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ Украина – Кодекси ҷиноятии Украина

КҶ Швецария – Кодекси ҷиноятии Швецария

КМҶ ҶТ – Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҲМ ҶТ – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қ. – қисм

м. – модда;

м.м. – моддаҳо

С. – саҳифа

ФР – Федератсияи Россия

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶШС – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

ғ. – ғайра

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Қонунгузории ҷиноятӣ дар низоми ҳуқуқии ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ), мавқеи асосиро ишғол намуда, асоси ҳуқуқи миллӣ мебошад. Нақши он танҳо ба иҷрои вазифаи репрессивӣ дар мубориза бо ҷиноятқорӣ маҳдуд намешавад, зеро ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчунин вазифаҳои муҳофизатӣ ва танзимкунандаро ба уҳда дорад, ки ба ҳифзи арзишҳои муҳими ҷамъиятӣ ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ равона шудаанд. Ба шумораи чунин неъматҳои муҳофизатшаванда ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, амнияти экологӣ, шаклҳои гуногуни моликият, инчунин асосҳои сохти конститутсионӣ ва соҳибихтиёрии ҶТ дохил мешаванд. Илова бар ин, қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳимояи давлат ва ҷомеа аз ҳамлаҳои ҷиноятӣ равона шуда, механизмҳои ҳуқуқиро барои нигоҳдории субот ва устувории тартиботи ҷамъиятӣ фароҳам меорад. Дар маънои васеътар, он, инчунин ба таъмини сулҳи байналмилалӣ ва амнияти башарият мусоидат намуда, уҳдадориҳои давлатро дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҷаҳонии мубориза бо ҷиноятқориро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҶТ на танҳо воситаи татбиқи ҷазо, балки механизми муҳими ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷамъиятӣ, ҳифзи шахс ва таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун асосҳои муҳими низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад намуда, татбиқи муназзам ва асосноки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро таъмин менамоянд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррароти асосии ибтидоӣ доранд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам шудаанд ва мазмун, хусусиятҳои муҳтавоӣ ва самти онро инъикос менамоянд. Принсипҳои мазкур заминаи бунёдии танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

ва ҷазо буда, дар баробари ин ба ташаккули меъёрҳои соҳаҳои ҳамсояи ҳуқуқ низ таъсир мерасонанд.

Зикр намудан зарур аст, ки принсипҳои ҳуқуқ, дар якҷоягӣ бо мавзуъ ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ, дар институционализатсия ва муайянкунии ҳар як соҳаи ҳуқуқ нақши калидӣ мебозанд, зеро онҳо хусусиятҳои муҳтавоӣ ва мустақилияти методологии онро инъикос менамоянд. Аз ин лиҳоз, дар Кодекси ҷиноятии ҶТ таҳкими принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, ки онҳо аз санадҳои кодификатсионии қаблан мавҷудбуда фарқ мекунад. Муқаррар намудани принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои низомсозӣ ба танзими ҳуқуқӣ дар ин самт асоси устувори консептуалӣ дода, ба татбиқи мақсадҳои қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамояд ва ҳамчун механизме хизмат мекунад, ки ҳамҳангӣ, пайдарпайӣ ва самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро таъмин менамояд.

Бояд қайд кард, ки институтсионализатсия ва мустаҳкамсозии меъёрии принсипҳо дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир то андозае аз таъсири санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки барои татбиқ ба системаҳои ҳуқуқии миллӣ ҳатмӣ мебошанд, вобаста аст. Раванди ташаккул ва таҳкими принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҳамбастагии зич бо уҳдадориҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад, ки ба ягонагии равишҳои ҳуқуқӣ, таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шахсият ва мутобиқ гардонидани қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Муқаррар намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин ҷустуҷӯи шаклҳои муҳими ифодаи ҳуқуқии онҳо ҷузъҳои таркибии навсозӣ ва рушди устувори низоми ҳуқуқӣ мебошанд. Ин принсипҳо вазифаи низомсозиро иҷро намуда, ягонагии меъёрӣ ва пайвастагии мантиқии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро таъмин менамоянд. Институтсионализатсияи онҳо кафолати эътимоди ҳуқуқӣ ва

пешгӯишавандаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро таъмин намуда, аз тафсири худсарона ва татбиқи қонуни ҷиноятӣ пешгирӣ менамояд. Илова бар ин, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи талаботи қонуният, адолат ва таносуби ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар шароити рушди босуръати ҷомеаи тоҷик ғояҳои адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ ва қонуният аҳаммияти рӯзафзун пайдо менамоянд, ки заминаи ташаккул ва қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ мегарданд. Маҳз ҳамин принсипҳо раванди фаъолияти қонунгузориро муайян намуда, мутобиқати онро ҳам ба талаботҳои дохилии ҷомеа ва ҳам ба стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон таъмин мекунанд.

Муқаррар ва дуруст мустаҳкам кардани ин принсипҳо ҳамчун асоси қонунгузории ҷиноятӣ дар таъмини татбиқи самараноки онҳо дар амал нақши калидӣ дорад. Онҳо на танҳо категорияҳои назариявӣ, балки ҳамчун дастурҳои амалӣ барои мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда баромад мекунанд, ки ҳимояи ҳуқуқҳои шахс, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини алоқамандии байни манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандро дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ кафолат медиҳанд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои консептуалӣ ва меъёриро ифода мекунанд, ки татбиқи қонунгузории ҷиноятиро дар самти қонуният, адолат ва инсондӯтсӣ таъмин намуда, инчунин самаранокии ҳуқуқӣ ва аҳамияти иҷтимоии онро муайян мекунанд. Чунин принсипҳо хусусияти низомсозӣ дошта, раванди танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян намуда, имконпазирии худсариро истисно менамоянд ва риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шахсро дар самти ҳифзи ҳуқуқ таъмин мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо муқаррароти конститутсионӣ-ҳуқуқие, ки дар Конститутсияи ҶТ ифода ёфтаанд, пайвастагии амиқ дошта, заминаи меъёрию арзишии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии давлатро ташкил медиҳанд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ моҳияти консепсияи идеологии ҳуқуқи ҷиноятии муосирро дар худ таҷассум мекунад. Дар асоси он анъанаҳои назарияи ҳуқуқии ҷиноятии миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи қонунгузории ҷиноятии ҷаҳонӣ гузошта шудааст. Принсипҳо аз муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ, ки ҳуқуқ, мансубият ва мақсади ҳуқуқро ифода мекунанд, бармеоянд. Хусусияти фарқкунандаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар гуногунии дохилии онҳо ифода меёбад.

Дар асоси нишондоди банди 26 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 [5] тасдиқ шудааст, инсондӯстона (гуманизатсия) гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба субъектони муайян муқаррар мегардад, ки ин ба вазъи ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии муносибатҳо таъсири амиқ мерасонад.

Мутобиқи банди 9 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 ноябри соли 2013, №492 [6] тасдиқ шудааст, яке аз самтҳои асосии сиёсати ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҶТ-ро мутобиқсозии вазъи ҷиноятқорӣ ба низоми принсипҳо, афзалиятҳо ва муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶТ, инчунин риоя ва баланд бардоштани самаранокии механизми танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ ташкил менамояд.

Бояд гуфт, ки дар амалияи ҷиноятӣ-ҳуқуқии ҶТ таҳқиқоти махсус оид ба ин мавзуъ вуҷуд надорад ва дар маҷмуъ танҳо чанд нафар аз олимони ватанӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Гузаронидани таҳқиқоти амиқ дар ин соҳа бевосита ба инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва дар амал татбиқ намудани муқаррароти он мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, зарурати омӯзиши ҳамаҷониба ва мунтазами илмии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба як қатор омилҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста аст. Якум, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ самтҳои калидӣ мебошанд, ки тамомияти дохилӣ, мухолифати мантиқӣ ва самти инсондӯстӣ (гуманистӣ)-и қонунгузории ҷиноятии ҶТ-ро таъмин

мекунанд. Дуюм, мустаҳкамсозии меъёрӣ ва татбиқи амалии онҳо бевосита ба самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир расонида, асосҳои қонуният ва адолатро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ташаккул медиҳад ва инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро дар шароити таъқиби ҷиноятӣ кафолат медиҳад. Сеюм, дар шароити дигаргунии муносибатҳои ҷамъиятӣ, васеъ гардидани уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон ва зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ ба стандартҳои универсалии ҳуқуқӣ, омӯзиши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нигоҳи таъмини рушди устувори низоми ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии қонунгузории ҷиноятӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои адлияи судии ҷиноятӣ аҳаммияти хоса дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Мавзуи мавриди назар дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ дар ин самт мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ доир ба масъалаи баррасишаванда олимони зиёд, аз ҷумла Н.Б. Азимзода (Н.Б. Азимов) [134, с. 453] , С.А. Раҷабов [145, с. 341] ва М.Ф. Ҳамидова [150, с. 372] корҳои илмӣ анҷом додаанд. Масъалаҳои алоҳида доир ба мавқеъ ва аҳаммияти принсипҳо, ҳамчунин дар дастурҳои таълимии олимони тоҷик А.М. Диноршоев, У.А. Азиззода, ва Ш.Ф. Искандаров [30, с. 324], З.Ҳ. Искандаров [33, с. 136], Р.Ҳ. Раҳимзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода [82, с. 550], Ҳ.С. Салимов, ва Н.А. Ғаффорова [81, с. 453], А.И. Сафарзода [122, с. 56-58], Р.Ш. Сотиволдиев [68, с. 719], Т.Ш. Шарипов [89, с. 496] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Аз олимони хориҷӣ доир ба ин мавзуъ олимони зерин таҳқиқот бурдаанд: Н.А. Беляев [22, с. 425], А.И. Байко [24, с. 395], А.В. Барков [95, с. 50-57], Г.Б. Виттенберг [97, с. 90-94],, Л.В. Головко [101, с. 61-69], Ю.А. Демидов [29, с. 318], П.Р. Дагел, П.А. Феделов [28, с. 220], Н.И. Загородников [104, с. 65-74], И.Г. Иванов [105, с. 56-60], С.Г. Келина, В.Н.

Кудрявтсев [35, с. 392], [36, с. 16], Я.М. Крайний [30, с. 324], И.Ф. Кузнетсова [113, с. 33-38], Н.А. Лопашенко [44, с. 15-16], В.В. Малтсев [115, с. 51-55], [116, с. 98-102], А.В. Наумов [52, с. 410], [54, с. 500], [55, с. 312], [51, с. 416], А.И. Плотников [62, с. 356], П.А. Фефелов [76, с. 420], [75, с. 350], В.Д. Филимонов [79, с. 344], [35, с. 392], [77, с. 425], [78, с. 336], М.Д. Шаргородский [84, с. 522] ва диг.

Дар баробари таҳқиқоти болозикр, то имрӯз дар Тоҷикистон доир ба мавзуи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нигоҳи назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия таҳқиқоти кам анҷом дода шудааст. Бо дарназардошти ин, мавзуи мазкур таҳқиқоти амиқ ва бештарро талаб менамояд. Имрӯз баъзе масъалаҳои муҳимми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нигоҳи назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия то ба ҳол баҳснок мебошад, ки бартараф нагардидани онҳо боиси мухолифат дар татбиқи муқарраротҳои дахлдори моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мегардад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳти унвони «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2021-2025» ба иҷро расонида шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ таҳлили ҳамаҷониба ва мунтазами ҷанбаҳои назариявӣ, заминаи меъёрӣ ва хусусиятҳои амалияи муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мутобиқи ҳадафи пешбинишуда, таҳқиқот ба ҳалли вазифаҳои асосии зерин нигаронида шудааст:

– таҳлили амиқи мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар доктрина;

– тасниф намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ;

– таҳлили назариявӣ, ҳуқуқӣ ва меъёрии принсипи баробарии ҳама дар назди қонун, муайян намудани нақши он дар таъмини адолати таъқиби ҷиноятӣ ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи шахс;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи ногузирии ҷавобгарӣ;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи адолат;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи инсондӯстӣ;

– таҳлил ва баррасӣ намудани асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии принсипи демократизм;

– муайян намудани ҳолати ҳуқуқии таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатои ҷамъиятӣ оид ба татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонунгузорӣ ва амалия ташкил медиҳанд.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро масъалаҳои доктриналии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи онҳо ташкил менамояд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тасвиб ва муҳокимаро дар кафедра сипарӣ намудааст. Макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқот ба таври ҳаматарафа, системавӣ ва пурра масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи

амалиявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2021-2025-ро фаро мегирад.

Асоси назариявии таҳқиқот. Асоси назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ дар ин самт ташкил менамояд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ доир ба масъалаи баррасишаванда олимони зерин таҳқиқот бурдаанд: Н.Б. Азимзода (Н.Б. Азимов), С.А. Раҷабов ва Х.С. Камолов. Масъалаҳои алоҳида доир ба мавқеъ ва аҳаммияти принсипҳо, ҳамчунин дар дастурҳои таълимии олимони ватанӣ А.М. Диноршоев, А.И. Сафарзода, У.А. Азиззода ва Ш.Ф. Искандаров, З.Ҳ. Искандаров, Т.Ш. Шарипов, Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ҳ.С. Салимов ва Н.А. Ғаффорова, Р.Ш. Сотиволдиев, Ш.Н. Саидов, Ш.Л. Холиқзода ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Олимони хориҷӣ П.А. Фефелов, А.Н. Яковлев, Т.П. Малаш, А.Б. Сахаров, В.А. Нерсесянс, В.В. Малсев, М.Д. Шаргородский, Л.П. Ануфриева, О.Н. Бибик, И.Д. Блишенко, В.Г. Буткевича, В.А. Вдовин, В.В. Гаврилов, Б.Л. Зимненко, Г.В. Игнатенко, А.Г. Кибалник, Н.Ф. Кузнетсова, И.И. Лукашук, С.Ю. Марочкина, Р.А. Мюллерсона, Е.В. Опалич, Т.А. Родионова, А.А. Светков, А.П. Спиридонов, Е.В. Субботина, Е.Т. Усенко, С.В. Черниченко, О.Н. Шибков ва дигарон доир ба ин мавзуъ корҳои илмӣ анҷом додаанд..

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи усулҳои аз ҷониби муаллиф барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда истифодагардида ташкил медиҳанд, аз ҷумла ҳам усулҳои умумии илмӣ ва ҳам усулҳои соҳавию илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, низомӣ-сохторӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ.

Асоси эмпирикии таҳқиқот. Заминаи эмпирикии таҳқиқотро қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, ки ба масъалаҳои татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалия ташкил медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии институти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо назардошти тамоюлҳои имрӯзаи дигаргунсозии қонунгузории миллӣ ва татбиқи стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Бори аввал дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои низомсозӣ, ки самт, мазмун ва самаранокии танзими ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунанд, ҳамаҷониба таҳқиқ карда шавад. Бо истифода аз усулҳои сохторӣ-системаӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-мантиқӣ ва таҳлилӣ табиати ҳуқуқӣ, мазмун ва ҳадафи функсионалии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин нақши онҳо дар таъмини адолат, қонуният ва инсондӯстӣ дар низоми адолати судии ҷиноятӣ таҳлили амиқ анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқот ба таҳлили ҳамбастагии принсипҳои конститутсионӣ, байналмилалӣ ва соҳавӣ ва муқаррар намудани онҳо дар қонунгузории ҶТ ва амалияи татбиқи онҳо диққати махсус дода шудааст.

Бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун унсури мустақили низомсози соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, пайвастагии дохилии он, устуворӣ ва мувофиқати онҳо ба талаботи адолат, қонуният ва инсондӯстӣ муайян карда шудааст. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф нуқтаи назари аслии таснифоти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро бо назардошти генезисӣ, муқаррароти меъёрӣ ва самти функсионалии онҳо таҳия кардааст.

Навгонии таҳқиқот, инчунин дар пешниҳоди таклифҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ доир ба низомсозӣ ва муттаҳидсозии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва уҳдадориҳое, ки аз санадҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон бармеоянд, ифода ёфтааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

I. Пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта:

1. Асоснок карда шудааст, ки таҳияи масъалаҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шакли қонунгузорӣ аслан дар давраи шуравии рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оғоз гардида буд. Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми сиёсии даврони шуравӣ, пеш аз ҳама, моделҳои принсипҳои аз ҷиҳати идеологӣ пуррашудаи ҳуқуқи ҷиноятиро, таҳия карда шудааст. Принсипҳои демократӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, ки муддати дароз дар қонунгузорӣ инъикос наёфта буданд, танҳо дар доираи доктрина омӯхта мешуданд ва аксар вақт табиати ғоявӣ пайдо мекарданд. Коркардҳои илмӣ, пажӯҳишҳо дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, комёбиҳои раднашавандаи дарки илмии масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар давраи шуравӣ ба даст оварда шуда буданд, баъдтар на танҳо барои корҳои илмии оянда, балки ҳамчун асос дар матни Кодекси ҷиноятии соли 1998 инъикос ёфтанд.

2. Ташаккули назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар шароити қатъии идеологӣ ба амал омад, ки он дар бартарияти принсипҳои синфӣ, ватандустӣ, интернатсионализми пролетарӣ ва ба ном демократияи советӣ ифода ёфт. Ин принсипҳо характери равшан ифодаёфтаи сиёсӣ ва идеологӣ дошта, барои дастгирӣ намудани идеологияи ҳукмрон ва мустаҳкам намудани ҳокимияти синфи ҳукмрон асоси ҳуқуқӣ буданд. Чунин муносибат табиист, ки аз тарафи давлат дарки догматикии тамоми тарафҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба дастурҳои идеологӣ тобеъ будани категорияҳои ҳуқуқиро ифода менамуд. Натиҷаи ҳамин аст, ки принсипҳои демократӣ ва универсалии қонуни ҷиноятӣ, ки ба афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон, инсондустӣ ва адолат асос ёфтаанд, дар таълимот ва қонунгузории советӣ дуруст инкишоф наёфтанд. Муддати дуру дароз ин гуна принсипҳо дар асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, инчунин дар

кодексҳои ҷиноятии худи ҷумҳуриҳо инъикос наёфта, ё тамоман ба эътибор гирифта мешуданд ё ба таври расмӣ зикр карда мешуданд. Ин боиси маҳдуд шудани кафолатҳои ҳуқуқии шахсони алохида ва яктарафа шудани сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ гардид, ки пеш аз ҳама ба муҳофизати манфиатҳои давлат ва сохти сотсиалистӣ нигаронида шудааст. Дар соли 1991 аз тарафи Шурои Олии ИҶШС қабул шудани «Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» марҳалаи муҳими ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ мебошад. Санади меъёрии ҳуқуқии мазкур муносибати прогрессивии танзими ҳуқуқи ҷиноятиро, ки ба эътироф ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, ҷорӣ намудани принсипҳои инсондӯстӣ, қонуният ва адолат нигаронида шудааст, пешбинӣ мекард. Аммо, ба сабаби пошхӯрии минбаъдаи Иттиҳоди Шӯравӣ Асосҳои мазкур эътибори ҳуқуқӣ пайдо накарданд ва танҳо шаҳодати муҳими талошҳои илми ҳуқуқии шӯравӣ барои навсозӣ ва дур шудан аз муқаррароти идеологӣ боқӣ монданд.

3. Исбот карда шудааст, ки аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногунҷабҳа аст. Ба матни Кодекси ҷиноятии ҶТ ворид намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун кафолати роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзёбӣ мегардад.

4. Дар таълимоти ҳуқуқии ҷиноятӣ нуктаи назари ягона ба таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд нест, ки ин аз тафовути асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологӣ вобаста аст. Таваҷҷӯҳ намудан ба принсипҳои дар Конститутсияи ҶТ дарҷгардида, ҳамчун сарчашмаи олии ҳуқуқӣ ба маврид аст. Бо дарназардошти таҳлили назариявию амалии гузаронидашуда, ба низоми принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил кардани чунин принсипҳо ба мақсад мувофиқ аст: принсипи қонуният, баробарӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондӯстӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ. Ин таснифот арзишҳои конститутсиониро пурра инъикос

намуда, мутобиқати қонунгузории ҷиноиро бо принсипҳои бунёдии ҳуқуқӣ таъмин менамояд.

5. Татбиқи принсипи қонуният дар қонунгузории ҷиноятӣ уҳдадории қонунгузорро оид ба фарқ кардани рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятӣ пешбинӣ менамояд ва ба ин васила мутобиқи ҳуқуқӣ ва якхеларо дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Риоя кардани принсипи инсондӯстӣ на танҳо аниқ ва якхела муайян кардани таркиби ҷиноят, балки дар амалияи таъини ҷазо таъмин намудани давомнокӣ ва мувозинатро талаб мекунад. Ин ҳолат тақозо менамояд, ки низоми санксияҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мунтазам такмил дода шуда, мутаносибӣ ва фардикунонии онҳо муайян карда шавад. Вобаста ба ин, дар КҶ ҶТ муқаррар намудани меъёри дақиқ оид ба асосҳои сабук ва вазнин кардани ҷазо аҳамияти махсус дорад. Чунин ҳолат ба таҳкими адолат, ҳолати дурнамо ва инсондӯстонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, таъмини мувозинати байни мақсадҳои ҷазо ва ҳифзи ҳуқуқи шахс мусоидат мекунад.

6. Асоснок гардидааст, ки муқаррароти авф ва бахшиши ҷазо ба принсипи ногузирии ҷавобгарӣ мухолифат намекунанд, зеро тибқи тартиби муқарраргардида санадҳои авф ва бахшиши ҷазо аз ҷониби мақомоти олии давлатӣ тавассути қабул кардани қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунанд, сурат мегирад ва илова бар ин, чунин раванд дар ҳолатҳои истисноӣ ва нисбатан кам ба амал бароварда мешавад. Дар баробари ин, дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани асосҳои ҳуқуқии моддӣ ва тартиби муқарраршудаи анҷом додани кирдорҳои зикршуда ҳам дар доираи ҷиноят ва ҳам дар доираи шахс татбиқи принсипи ногузирии ҷавобгариро имконнопазир (танзимнашаванда) мегардонад. Асосҳои мазкур камбудии муқаррароти қонуни ҷиноятӣ буда, такмили минбаъдаи матни м.м. 82, 83 Кодекси ҷиноятии ҶТ-ро тақозо мекунанд.

7. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи адолати судӣ номгӯи принсипҳои адолати судии ҷиноятиро бо принсипҳои дар қонуни ҷиноятӣ муқарраргардида ва дорои мазмуни мурофиавии ҷиноятӣ пурра кардан зарур аст. Маҳз дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ нақши принсипҳои қонуни ҷиноятӣ дар шакли принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ махсусан муҳим аст. Ҳамин тариқ, яке аз самтҳои муҳими такмили амалияи таъқиби ҷиноятӣ таҳқиқотҳое мебошанд, ки ба таҳлили амалияи нашршудаи мақомоти олии судӣ асос ёфтаанд.

II. Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона карда шудаанд:

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъмини асоснокии ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешниҳодҳои зерин оид ба такмили он асоснок карда мешаванд:

1. Бо мақсади мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қ. 3 м. 4 илова намудани муқаррароти зерин зарур мебошад: «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар мегирад». Ин номутобиқатии эҳтимолии ҳуқуқиро дар таснифи санадҳо бартараф намуда, ба риояи қатъии принсипи қонуният мусоидат мекунад.

2. Бо мақсади баланд бардоштани возеҳияти ҳуқуқӣ нисбат ба лаҳзаи содир намудани ҷиноят дар қ. 2 м. 12 Кодекси ҷиноятии ҶТ-ро дар шакли зерин ифода кардан ба мақсад мувофиқ аст: «Вақти содир намудани ҷиноят вақти воқеии ба охир расидани он, аз ҷумла лаҳзаи фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки пешбининамудаи Кодекси мазкур эътироф карда мешавад». Ин тавзеҳот тафсири якхелаи мӯҳлати амали ҷиноятро таъмин мекунад.

3. Бо дарназардошти муқаррароти м. 17 Конститутсияи ҶТ таклиф дар шакли муқаррарот оид ба такмили мазмуни принсипи баробарӣ дар назди қонун (м. 5 Кодекси ҷиноятии ҶТ) пешниҳод шудааст. Чунин шакл

инъикоси пурраи принсипи баробарҳуқуқии конститутсиониро таъмин намуда, мухолифатро дар таҳрири ҷорӣ бартараф мекунад».

4. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба м.м. 18 ва 30 Кодекси ҷиноятии ҶТ ба мақсад мувофиқ шуморида шудааст. Тағйироти мазкур имкон медиҳад ҳолатҳои гунаҳкории мураккаб дақиқтар танзим карда шаванд ва ҳамоҳангии меъёрҳое, ки масъалаҳои гунаҳкорӣ ва ҷавобгарии ҳамшариконро танзим мекунанд, таъмин гардад. Таклифҳои пешниҳодгардида ба таҳкими принсипҳои қонуният, баробарӣ ва адолат, инчунин ба баланд бардоштани сифати танзими ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҶТ равона шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар доираи он андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии ҶТ ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокӣ ва саҳеҳии аксари муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар рисола ифодаёфтаро васеъгӣ ва гуногунҷанбагии сарчашмаҳои истифодагардида собит менамояд. Гузаронидани таҳлилҳои дуруст, истифодаи усулҳои асосӣ, маводҳои дуруст интихобшуда бо назардошти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар назди ӯ гузошташударо пурра иҷро кунад. Муҳаққиқ зимни таҳияи рисолаи

диссертатсионӣ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро бо истинод ба нуктаҳои назари доктринаи муосири ватанӣ таҳлил кардааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор санадҳои судӣ оварда шудаанд, бармеоянд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он назардошт эътимоднокианд, ки онҳо дар асоси таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ба даст омадаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқат доранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба нашр расидаанд. Оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърузаҳо баромад намудааст. Чунончи:

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Принсипи адолат ва мавқеи он дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» (25-26 апрели соли 2024, ш. Душанбе);

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Аҳаммияти илмӣ ва амалии таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонуни ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (25-26 апрели соли 2024, ш. Душанбе);

– конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи адолат» (25 октябри соли 2024, ш. Душанбе);

– конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли «Маърифати ҳуқуқӣ» дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ» - бо маърӯза дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (25 октябри соли 2024, ш. Душанбе).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он диссертант 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 10 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 243 саҳифаро дар бар мегирад.

БОБИ 1. МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАЪРИХ ВА ТАСНИФИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

1.1. Мафҳум, моҳият ва таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ

Яке аз талаботҳои ҳатмии ба даст овардани натиҷаҳои объективӣ дар институтҳои илмӣ ин баррасии мавзуи таҳқиқот дар раванди пайдоиш ва рушди таърихии он маҳсуб меёбад, ки бо ин назардошт мебояд принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷиҳати таърихӣ омӯхта ва баррасӣ карда шаванд.

Таваҷҷуҳ ба мушкилоти гузашта асосан бо он ҳолат алоқаманд аст, ки тавассути тасаввурот оид ба гузашта, маълумоти мукаммал ва объективиро ба даст оварда, метавон воқеияти имрӯзаро дарк кард ва дар ин замина, ояндаро пешгӯӣ ва бунёд метавон кард.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба монанди дигар зуҳурот таърихи ба худ хос доранд. Бояд хотиррасон кард, ки маҳз дар давраи шуравӣ омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷониби олимон ба соҳаи фаҳмиши илмӣ гузаронида шуда буд. Дар замони Шуравӣ шумораи зиёди корҳо доир ба масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз нашр бароварда шуданд ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Лекин ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ дар аввал асосан тавассути китобҳои дарсӣ, курсҳои қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд [80, с. 480], [81, с. 344], [85, с. 161], [86, с. 246], [88, с. 152], [87, с. 223].

Сирф бо пайдоиши аввалин китобҳои дарсӣ доир ба ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ (солҳои 30-юм) коркарди илмии масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил гирифт. Аз он давра шуруъ карда, дар самти такмилёбии принсипҳо навгониҳои илмӣ ба вуҷуд омад ва ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир гардид Он асосан бо самти фаъолияти қонунгузорӣ алоқаманд буд, лекин дар он давра аҳаммияти мустақили илмию назариявиро низ дошт. Бодарназардошти ин нукта С.Г. Келина ва В.И.

Кудрявтсев чунин қайд мекунанд: «махсусан диққати назаррас ба ин масъала ба муносибати қабул гардидани қонунгузории ҷиноятии солҳои 1958-1961 дода шуд» [35, с. 56].

Дар корҳои аввалин оид ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, ба онҳо асосан муқаррарotҳое дохил мешуданд, ки бо хусусиятҳои муайян ба ҳама ва ё дар ҳар сурат ба аксари соҳаҳои ҳуқуқи шуравӣ хос буданд.

Қобили зикр аст, ки принсип (аз калимаи лотини principium – ибтидо, асос) ҳамчун ғояи асосӣ, замина, асоси роҳбарикунандаи ягон хел назария, таълимот, илм, ҷаҳонбинӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо бармеояд, ки принсипҳои ҳуқуқ, аз он ҷумла принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ғояҳои асосии роҳбарикунанда, ҳолатҳои бунёдие мебошанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ифода гардида, мазмун ва самти ҳуқуқи ҷиноятиро муайян менамоянд.

Мусаллам аст, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо чунин мазмун аз замоне, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ арзи вуҷуд дорад онро ҳамроҳӣ менамоянд. Вале ба сифати принсипҳои илмӣ онҳо танҳо дар охирҳои асри XVIII ба миён омаданд.

Ҳамин тариқ, таърихи дар қонун муқаррар шудан принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ниҳоят ҷавон мебошанд. Илова ба ин, қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи бештари давлатҳои дунё аз ҷой доштани принсипҳо дараке намедиҳанд.

Я.М. Крайний (1955) дар адабиёт оид ба Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд намуда буд, ки хусусияти фарқкунандаи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ҳамчун ҳуқуқи намуди нави олӣ ба принсипҳои ба худ хоси он: принсипи демократизми шуравӣ, принсипи инсондӯстии шуравӣ, принсипи байналмиллии пролетарӣ, принсипи ватандӯстии шуравӣ, принсипи қонунияти шуравӣ, принсипи фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо фарқ менамуд [40, с. 12-18].

Ба андешаи муаллиф, дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ принсипи демократизми шуравӣ, пеш аз ҳама дар он ифода меёфт, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ манфиатҳои меҳнаткашонро ҳимоя мекард. Демократӣ будани ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, инчунин дар пай дар пай ба амал баровардани принсипи баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи ҷазо барои ҳама гуна шахсоне, ки барои содир кардани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок (ҷиноятӣ) гунаҳгоранд, зоҳир мегардид.

Зимни таҳлили таҷрибаи татбиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони шуравӣ таъкид мегардид, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо он шахсоне кашида мешуданд, ки бо рафтори худ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ хатар расонида, кирдорҳои ба ҷомеа хавфнок содир менамуданд ва ҷавобан ба ин тибқи қонунҳои ҷиноятии амалкунандаи давраи мазкур ба онҳо ҷазо таъин карда мешуд. Дар заминаи афкори ҳуқуқшиносони барҷастаи замони шуравӣ, аз ҷумла андешаи Я.М. Крайний, бояд зикр намуд, ки яке аз принсипҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ — принсипи гуманизм маҳсуб меёфт, ки моҳияти он дар мазмуни аслии сиёсати ҷазодиҳӣ таҷассум ёфта буд. Тибқи ин принсип, ҷазо, ҳарчанд боиси маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои муайяни шахс мегардид, ҳадафи махсуси расонидани азобҳои ҷисмонӣ, таҳқир ё паст задани шаъну шарафи инсонро дар бар надошт. Ин равиш ба таври системавӣ ва пайгирона дар санадҳои қонунгузории ҷиноятии шуравӣ инъикос ёфта, ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун василаи тарбиявӣ ва пешгирикунандаи ҷинояткорӣ арзёбӣ менамуд.

Мавқеи инсондӯстона ва хислати башардӯстонаи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ дар он ифода меёфт, ки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии он судро уҳдадор менамуданд, танҳо нисбат ба он шахсоне ҷазо таъин намоянд, ки гуноҳи онҳо дар содир намудани кирдори хавфноки ба ҷомеа равонашуда исбот гардида, айбдории инфиродии онҳо муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон, татбиқи ҷазо бо риояи қатъии талаботи қонуни ҷиноятӣ ва дар доираи баҳогузории ҳамаҷонибаи ҳолатҳои шахсӣ,

иҷтимоӣ ва вазъияти содиршавии ҷиноят амалӣ мегардид. Қонунгузории ҷиноятии шуравӣ ба суд имконият медод, ки бо дарназардошти ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда, ки мустақиман дар қонун пешбинӣ шудаанд, нисбат ба гунаҳгор ҷазои сабуктар таъин намуда, ё дар ҳолатҳои истисноӣ, агар омилҳои сабуккунандаи назаррас ҷой дошта бошанд, шахсро пурра аз адои ҷазо озод намояд. Илова бар ин, ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ татбиқи васеи институти шартан маҳкумкуниро пешбинӣ менамуд, ки ба суд имконият медод дар шароити муайян бо мақсади татбиқи мақсадҳои тарбиявӣ ва эҳтимоли ислоҳи шахс ҷазоро шартан таъин намояд. Ин ҳама нишонаи возеҳи он аст, ки дар замони шуравӣ низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар баробари ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ба ҳифзи арзишҳои инсонӣ ва эҳтироми шахсияти инсон равона гардида буд.

Муаллиф принсипи интернасионализми пролетариро тавсиф намуда, қайд менамояд, ки “принсипи фавқузикр қабл аз ҳама, дар Конститутсияи ИҶШС таҷассуми бевоситаи хешро пайдо менамояд, ки тибқи он ИҶШС ба шаҳрвандони хориҷие, ки барои ҳифзи манфиатҳои меҳнаткашон, фаъолияти илмӣ ё муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ таъқиб карда мешаванд, паноҳгоҳ медиҳанд” [35, с. 15].

Я.М. Крайний, инчунин принсипи ватандустии шуравиро тавсиф кардааст, ки аз рӯи он хиёнат ба ватан дар қонунгузории ҷиноятии шуравӣ ҳамчун ҷинояти қатъитарин ҳисобида мешуд: «Ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ бар зидди хоинони Ватан муборизаи қатъӣ ва бераҳмона бурда, шаҳрвандонро дар рӯҳияи садоқат ва муҳаббат ба ватани шуравӣ тарбия мекунад» [40, с. 16].

Ба теъдоди принсипҳои муҳимтарини ҳуқуқи шуравӣ муаллиф принсипи қонунияти шуравиро дохил мекард, ки ифодаи мушаххаси он дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ чунин талабот буд, ки дар Ҳукумати Шуравӣ танҳо шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

кашида мешавад. Муаллиф чунин мешуморид, ки ягона асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, танҳо содир намудани кирдорҳое шуда метавонад, ки дар кирдори ӯ мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят бояд муқаррар карда шавад.

Ба андешаи Я.М. Крайний принсипи фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо тамоми ҳуқуқи ҷиноятии шуравиро фаро мегирад ва ин гуфта чунин маъно дорад, ки танҳо шахси муайяне, ки ҷиноят содир кардааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ба ҷазо кашида шуда метавонад. Ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ҷавобгарии ҷиноятии дастҷамъона ва нафароне, ки даст ба қонуншикани мезанад, инчунин ҷавобгарии ҷиноятии нисбати «шахсони ҳуқуқӣ»-ро пешбинӣ наменамояд. Принсипи фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ чунин маъно дорад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо додан бояд аз рӯйи дараҷаи ба ҷамъият хавфи ҷинояти содиршуда ва худи ҷиноятқор, инчунин дараҷаи гуноҳи вай асоснок карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар кори худ Я.М. Крайний аввалан пешниҳод менамояд, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ низоми принсипҳо ташаккул ёфта, хусусият ва аҳаммияти онро низ инъикос менамояд. Баъдан, ӯ бо як тавсифи муайяни ақидавӣ, мазмуни принсипҳои мушаххаси ҷиноятиро пешниҳод мекунад. Сеюм, муаллиф ин ё он принсипи ҳуқуқи ҷиноятиро тавсиф намуда, бавосита муқаррароти принсипи баробарӣ, ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва гуноҳро тафсир намудааст.

Бояд хотиррасон кард, ки дар китобҳои дарсии соли 1959 ва солҳои минбаъда низ, ҳамин принсипҳо бо баъзе тағйиротҳо дар истифода қарор доштанд.

Саҳми назаррасро дар рушди коркарди илмии масъалаи принсипҳои ҳуқуқ Н.И. Загородников гузоштааст, ки аввалин шуда, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро тасниф кардааст. Вай принсипҳои умумиеро, ки дар маҷмуъ ба тамоми ҳуқуқи шуравӣ хосанд ҷудо намуд, ки хусусиятҳои

муайяни хосро он вақт пайдо мекунанд ва онҳо ҳамчун принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шуморида мешаванд [104, с. 65-74].

Ӯ яке аз муаллифоне маҳсуб меёбад, ки аввалин шуда дар замони Шуравӣ чунин принсипҳоро пешниҳод намудааст, аз ҷумла, принсипҳои демократизми шуравӣ, қонунияти шуравӣ, инсондӯстии шуравӣ, интернасионализми (байнимиллӣ) шуравиро эътироф ва мансуб донистааст.

Инчунин ба принсипҳои махсус бошад, муаллиф чунин принсипҳоро шомил менамояд:

Ин матнро ба таври дигар, илмӣ, дақиқ ва таҳлилӣ чунин метавон навишт:

1) Принсипи устуворият яке аз рукнҳои асосии низоми ҳуқуқии ҷиноятии давлати Шуравӣ ба шумор мерафт, ки ҳадафи он таъмини пайваста ва ҳаматарафаи ҳифзи музаффариятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷамъияти сотсиалистӣ буд. Моҳияти ин принсип дар он ифода меёфт, ки фаъолияти тамоми мақомоти таъмини адолати судӣ, аз ҷумла мақомоти тафтишотӣ, судӣ ва прокурорӣ, пеш аз ҳама, ба таҳкими сохтори давлатӣ, ҳифзи манфиатҳои меҳнаткашон, таъмини амнияти дохилӣ ва байналмилалии давлат, пуштибонии сиёсати сулҳомези ИҶШС, ҳифзи озодиҳои сиёсӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон, баробарҳуқуқии миллатҳо ва дӯстии халқҳо, инчунин ҳимояи моликияти ҷамъиятӣ ва тамоми муносибатҳои ҷамъиятии дар асоси сотсиализм ташкилёфта равона карда мешуд;

2) Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, ки яке аз устувортарин асосҳои ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ маҳсуб меёфт, мантиқан тақозо мекард, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо нисбат ба шахсоне татбиқ карда шавад, ки мутобиқи талаботи қонунҳои ҷиноятӣ шахсияти воқеӣ, соҳибихтиёр ва солимфикр дониста мешаванд ва гуноҳи онҳо дар содир намудани кирдори хавфноки ба ҷамъият равонашуда бо далелҳои дахлдор

исбот гардидааст. Ин принсип эҳтимоли масъулияти коллективӣ, интиқол ё тавсеаи ҷавобгарии ҷиноятиро нисбат ба шахсони дигар комилан истисно мекард. Ба ин васила, ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо ҳамон нафареро ба ҷавобгарӣ мекашид, ки шахсан ва огоҳона ё бар асари беэҳтиётии худ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ зарар расонидааст;

3) Принсипи иштироки васеи намояндагони халқ дар татбиқи қонуни ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазо яке аз шаклҳои амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ ва таҳкими робитаи бевоситаи халқ бо низоми адолати судӣ маҳсуб меёфт. Мувофиқи ин принсип, татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ аз ҷониби судҳое амалӣ мегардид, ки дар ҳайати онҳо машваратчиёни халқӣ ҳамчун намояндагони мустақими ҷомеа фаъолият мекарданд. Ҳамчунин, дар марҳилаҳои тафтишот, баррасии парванда ва иҷрои ҷазо иштироки ҳимоячиён ва айбдоркунандагони ҷамъиятӣ пешбинӣ шуда буд. Дар мавориде, ки ҷазо ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуд, назорат ва мусоидат ба иҷрои ҷазо тавассути ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар ҷойҳои кор, таҳсил ва иқомат, амалӣ мешуд. Агар ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ марбут мебуд, иштироки намояндагони халқ тавассути комиссияҳои ҷамъиятӣ, системаи сарпарастии инфиродӣ ва дигар шаклҳои ҳамкории ҷамъиятӣ ҷиҳати ислоҳ ва тарбияи маҳкумшудагон амалӣ мегардид. Ин ҳама нишондиҳандаи он буд, ки ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ба ташаккули муносибати инсонпарварона, тарбиявӣ ва ҷамъиятӣ дар муносибат ба шахсони ба ҷавобгарӣ кашидашуда, аҳамияти хосса медод.

4. Принсипи пешгирии ҷиноят. Муаллиф зикр мекунад, ки пешгирии ҷиноятҳо вобаста ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ду шакл зоҳир мегардад. Дар мавриди аввал, меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ бояд умуман пешгириро таъмин кунанд, ба мазмуни дигар гӯем, ин вазифаи васеи пешгирикунандаи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ба ҳисоб меравад. Онро то андозае меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ амалӣ мегардонанд. Дар ҳолати дигар, меъёрҳои қонуни

ҷиноятӣ вазифаи маҳдудтари пешгирикунандаро иҷро мекунанд, яъне пешгирӣ кардани ҷинояти муайян ё гурӯҳи муайяни ҷиноятҳоро таъмин менамоянд.

5. Принсипи мувофиқати баҳои манфии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ахлоқии кирдорҳои бо ҷиноят эътирофшуда. Чӣ тавре ки муаллиф дарҷ менамояд, ки ҷинояткорӣ дар ҷомеаи шуравӣ – ин кирдори бадахлоқонаест, ки онро ҳар як инсони бошуур ва солимфикри шуравӣ маҳкум мекунад; ҳама гуна кирдоре, ки қонуни ҷиноятиро вайрон мекунад, кирдори бадахлоқона маҳсуб ёфта ва аз ҷиҳати ахлоқӣ, маҳкум карда мешавад; яъне дар он замон кирдорҳое, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ маҳкум карда намешаванд, ҳамчун ҷиноят эътироф карда намешуданд.

6. Принсипи фардикунонии ҷавобгарӣ, ки аз аниқ муайян кардани вазниниии кирдори ба ҷамъият хавфноки содиршуда, ки дар дилхоҳ ҳолат он ҷиноят эътироф шудааст ва муқаррар намудани ҷазо тибқи ҳолатҳои мушаххаси шахси ҷиноят содиркарда ва хусусиятҳои фардии шахсияти ҷинояткор ҷазои сазовор татбиқ гардидан иборат мебошад.

Бояд зикр намуд, муаллиф бори нахуст таснифбандии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро пешниҳод кардааст, ки дар он дар баробари принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, принсипҳои махсусе ҷудо карда шудаанд, ки танҳо ба қонуни ҷиноятии шуравӣ онҳо хос мебошанд. Баъдан, муаллиф мафҳуми принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгориро ба тобиши илмӣ ворид менамояд. Ниҳоят, аз ҳад зиёд тавсифи ғоявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба муаллиф имкон намедиҳад, то ки мазмуни ин ё он принсипро пурра ошкор ва тҳлил намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мафҳуми «принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ» дар заминаи санадҳои ҳуқуқии умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ расман дар соли 1958 ба таври ҳуқуқӣ ифода ёфта буд. Мувофиқи моддаи 2-и Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ (соли 1958) [4], инчунин дар моддаи 2-и Кодекси

ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) [5] ин мафҳум дар муҳтавои қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гардида буд. Воқеан, зикр намудан зарур аст, ки дар матни ин санадҳо танҳо калимаи «принсипҳо» истифода шуда, мазмун, таркиб ва муҳтавои аниқ ва муфассали онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври возеҳ инъикос наёфта буд.

Баъдан, танҳо дар марҳилаи навбатии рушди қонунгузории ҷиноятӣ, яъне дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ, ки 2 июли соли 1991 аз ҷониби Шӯрои Олии ИҶШС қабул гардид [2, с. 862], системаи мукаммал ва расмии принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ барои нахустин бор ба таври комил дарҷ карда шуд. Ин Асосҳо, ки ба талаботи замон ва ниёзҳои ислоҳоти ҳуқуқӣ ҷавобгӯ буданд, принсипҳоро ҳамчун заминаи назариявӣ ва ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятӣ муайян намуда, ба таҳкими мантиқӣ ва сохтори низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар фазои ҳуқуқии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқ мусоидат карданд.

Маҳз аз ҳамин марҳила ба баъд таҳаввулоти назарраси системавӣ ва илмӣ-методологии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Мувофиқи Асосҳои қонунгузории ҷиноятии болозикр ба ҳайси принсипҳо инҳо шомил гардидаанд: қонуният, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, адолат, демократизм ва инсондустӣ.

Ба ҳамин монанд системаи принсипҳо ба ғайр аз принсипи демократизм дар Кодекси ҷиноятии моделӣ барои кишварҳои аъзои ИДМ соли 1995, ки хусусияти тавсиявӣ дорад, нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, КҶ ҶТ соли 1998 аввалин санади ҳуқуқӣ-ҷиноятии амалкунанда на танҳо калимаи «принсипҳо», балки низоми принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуд. Ба ин система принсипҳо зайл мансуб дониста шудаанд: қонуният, баробарӣ дар назди

қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм (м. 3 КҶ ҶТ).

Бояд гуфт, ки дар муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми мушаххаси принсипҳои қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам нашудааст ва дар он намудҳои принсипҳо дар доираи моддаҳои 3-10 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст.

Дар м. 3 КҶ ҶТ принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври умумӣ номбар шудаанд. Онҳо дар моддаҳои минбаъдаи КҶ (м.м.4-10) мушаххас мегарданд. Принсипҳои мазкур аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муқаррароти ҳуқуқи фитрӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, талаботи Конститутсияи ҶТ бармеоянд. Вазифаҳое, ки дар назди қонуни ҷиноятӣ истодаанд, дар асоси принсипҳои номбаршуда амалӣ мегарданд, яъне, он ғояҳои аввалиндараҷае, ки дар асоси онҳо татбиқи қонуни ҷиноятӣ бояд сурат гирад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ принсипҳои ҳуқуқӣ асосан бо он идеяҳое, ки тасаввуротро дар бораи чи тарз будани ҳуқуқ инъикос мекунад, алоқаманд аст [69, с. 18].

Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ (ба истиснои баъзе аз давлатҳои соҳибихтиёри собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқ), масалан, КҶ Булғористон [17], КҶ Гурҷистон [19], КҶ Қазоқистон [20], КҶ Испания [18], КҶ Ҷопон, КҶ Украина, КҶ Шветсария ва ғайра) меъёри махсусро оид ба принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ наменамояд.

Ҳамин вазифаҳои дар назди қонун гузошташуда тавасути дар амал дуруст татбиқшавии қонунгузории ҷиноятӣ аз ҳисоби риоя намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба даст меояд.

Дар робита бо институти ҷиноят ва ҷазо олимон бештар оид ба мавҷудияти принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ, кодификатсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, категория ва институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ ҳарф мезананд.

М.Д. Шаргородский панҷ принсипи зерини ҳуқуқи ҷиноятиро номбар кардааст: “принсипи қонуният – ифодаи худро дар он пайдо мекунад, ки ҳеҷ кас ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида ва нисбаташ ҷазо татбиқ шуда наметавонад, ба ғайр аз кирдоре, ки дар қонуни ҷиноятӣ бо аломатҳои ҷиноят пешбинӣ шуда бошад ва ҷазои ҷиноятӣ танҳо бо ҳукми суд тибқи қонун татбиқ карда мешавад; принсипи интернатсионализми пролетарӣ – дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ифодаи худро дар он пайдо мекунад, ки ҷиноятҳои махсусан хавфноки давлатӣ, ки бар зидди дигар давлати меҳнаткашон содир карда шудаанд, ҷазо дода мешаванд; принсипи демократизми шуравӣ – ба андешаи муаллиф, дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ дар баробарии ҳамагон дар назди қонун, сарфи назар аз ҷинс, миллат ва нажод ифода ёфтааст; принсипи инсондӯстии шуравӣ – дар ғамхорӣ баҳри беҳбудии одамон ва инсондустӣ ифода ёфтааст ва аз он иборат аст, ки мақсади ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ин ҳифзи манфиатҳои тамоми шаҳрвандони шуравӣ, тамоми ҷамъияти шуравӣ мебошад ва ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ мақсади ба маҳкумшуда азоби ҷисмонӣ расонидан ё шаъну шарафи инсонии ӯро паст заданро ифода наменамояд; принсипи ҷавобгарии шахсии гунаҳгорӣ – ифодаи худро дар он пайдо мекунад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки боиси ҷазо мегардад, танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳ ҷазо дода мешавад ва гунаҳгор танҳо шахсе эътироф мегардад, ки ҷиноятро қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ содир кардааст” [84, с. 18].

Мувофиқи таҳлили илмии М.Д. Шаргородский, яке аз мушкилоти методологӣ дар масъалаи таҳқиқ ва тавсифи принсипҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, набудани ягонагии муносибатҳо ва таснифоти консептуалӣ дар байни олимон мебошад. Ба андешаи ӯ, ин ихтилофи назарӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи омехтани мафҳумҳои асосии назарияи ҳуқуқ, аз қабили «принсип», «мақсад», «функсия», «вазифа» ва дигар

категорияҳои марбут ба сохтори ҳуқуқӣ аст, ки дар бархе аз корҳои илмӣ мушоҳида мешавад.

М.Д. Шаргородский, дар ин замина, мавқеи интиқодӣ нисбат ба рӯйхати принсипҳои пешниҳодкардаи Н.И. Загородниковро баён менамояд. Ӯ бар он назар аст, ки аз миёни тамоми принсипҳои зикрнамудаи Загородников танҳо принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ ба маънои илмӣ ва таҳлилӣ ҳамчун принсипи воқеӣ ва умумии ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ қабул карда мешавад. Дар ҳамин ҳол, дигар унсурҳои зикршуда, ба монанди ҳифзи музаффариятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии меҳнаткашони шуравӣ, наметавонанд ба сифати принсипи мустақил арзёбӣ шаванд, зеро онҳо бештар характери умумидеворативӣ ва идеологӣ дошта, вазифа ва рисолати кулли низоми ҳуқуқии шуравиро инъикос менамоянд, на хусусияти мустақили принсипи ҳуқуқи ҷиноятиро [84, с. 21-22].

Ҳамчунин, иштироки намояндагони халқ дар татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, тибқи шарҳи М.Д. Шаргородский, бештари хусусияти институтивӣ дошта, ба соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ мансуб буда, набояд ба сифати принсипи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ маънидод карда шавад. Инчунин, ҷиҳати дигар — пешгирии ҷиноятқорӣ, ба ақидаи олим, низ дорои моҳияти функсионалӣ ва мақсаднок буда, бештар вазифаи амалии низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, на принсипи ҳуқуқӣ.

Дар робита ба масъалаи мувофиқати баҳогузории манфии ахлоқ ва ҳуқуқ, М.Д. Шаргородский таъкид менамояд, ки ин падида на ҳамчун принсип, балки ҳамчун хусусияти табиии низоми ҳуқуқии шуравӣ ва натоиҷи ягонагии сиёсиву маънавии ҷамъияти сотсиалистӣ арзёбӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, мавқеи М.Д. Шаргородский дар таъмини дақиқии илмӣ ва методологии мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ нақши муҳим дошта, барои

таҳқиқи муосири принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ заминаи назариявии муайян фароҳам меорад.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ – ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ифода гардида, мазмуни ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври куллӣ ва дар институтҳои алоҳидаи он муайян месозанд. Вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асоси принсипҳои он, ки аввалин маротиба дар КҶ ҶТ соли 1998 бевосита дарҷ шудаанд, муайян мегарданд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ моҳияти консепсияи ғоявии ҳуқуқи ҷиноятии муосирро таҷассум мекунанд. Онҳо ба анъанаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятии мамлакат, ба таҷрибаи пешқадами қонунгузории ҷиноятии ҷаҳон такя мекунанд [88, с. 27-28].

Ба масъалаи принсипҳо А.А. Пионтковский ва Н.Д. Дурманов аз нигоҳи дигар диққат додаанд [61, с. 9-11]. Муаллифони болозикр ба гуруҳи принсипҳои умумӣ, чунинпринсипҳоро шомил менамоянд, ба монанди инсондӯстии шуравӣ, демократизм, қонуният, интернасионализми пролетарӣ ва ватандӯстии шуравиро пешниҳод намудаанд.

Дар ҷараён онҳо принсипҳои зеринро муфассал таҳлил ва муайян намуданд, ки ба андешаи онҳо қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ ба онҳо асос ёфта ба онҳо такия менамояд:

а) пай дар пай татбиқ кардани муқаррароти ленинӣ дар бораи ягонагии қонунияти шуравӣ дар кишвар;

б) мустаҳкам кардани тадбирҳои пешгирӣ кардани ҷиноят тавассути мубориза алайҳи ҷиноятқорӣ ҷалб намудани ҷомеаи васеи шуравӣ;

в) ба таври қонунгузорӣ дарҷ ва мустаҳкам кардани кафолатҳои риояи волоияти қонун, кафолати таъмини ҳуқуқи инсонҳо дар иҷро ва баамалбароии адолати судӣ;

г) такмил ва инкишофи минбаъдаи принсипи инсондӯстии шуравӣ (яъне маҳдуд ва сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои начандон хавфнок ва ғ.);

д) расонидани таъсир ба шароите, ки барои содир намудани ҷиноят мусоидат мекунад (аз ҷумла, ба тартиб даровардани таҷрибаи ислоҳӣ-меҳнатӣ).

А.Б. Сахаров бошад, баъзе принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятиро баррасӣ кардааст. Миёни принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ муаллиф «ғайр аз чор принсипи анъанавии нишондодашуда (демократизм, инсондӯстӣ, қонунияти шуравӣ ва интернатсионализми пролетарӣ)» [123, с. 56] сетои дигарро нисбат додааст:

– принсипи пай дар пайи ҳифзи сохтори шуравӣ, музаффариятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии меҳнаткашон, ки дар объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, дар низоми қисми махсуси Кодекси ҷиноятии РСФСР равшантар зоҳир мегардад, ки тамоми маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии шуравӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ, арзишҳо ва неъматҳо ва ғ., ки аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ҳифз шудаанд, дар бар мегирад;

– принсипи омезиши диалектикии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ки мазмуни бевоситаи он ифодаи онро менамояд, ки қонун амалҳое, ки манфиатҳои воқеии ҷамъиятиро вайрон мекунанд, ҷазо медиҳад, яъне манфиатҳои аксарияти мутлақи аъзоёни ҷомеаро ё чунин манфиатҳои шахсиро, ки дорои аҳаммияти ҷамъиятӣ мебошанд;

– принсипи моддигардонии мафҳум ва ниҳодҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ба самти доимо ошкор намудани мазмуни моддии қонунгузории ҷиноятӣ, нақш ва вазифаҳои он, мақсади иҷтимоии ҳар як меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ равона шудааст.

Муаллиф ба принсипҳои махсуси ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ чунин принсипҳоро шомил меанмояд:

а) принсипи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдори мушаххаси содиршудае,, ки дар қонун пешбинӣ гардидааст;

б) принсипи ҷавобгарии фардӣ, шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шуда, дар кирдораш аломатҳои таркиби ҷиноят пешбинӣ гардидааст;

в) принсипи ягонагии диалектикии ин муайян кардани асосҳо ва ҳадди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои дар такиби моддию расмӣ;

г) принсипи мувофиқати ин баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва ахлоқии падидаҳо ва мафҳумҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ;

ғ) принсипи мутобиқати ҷавобгарии ҷиноятӣ бо чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ ва дар баъзе мавридҳо иваз намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ алоқаманд аст;

д) принсипи пешгирии содиршавии ҷиноятҳо ва аз нав тарбия намудани маҳкумшудагон дар руҳияи риояи қонуни ҷиноятӣ.

Меъёри таснифбанди намудани принсипҳои номбаршуда ба қатори принсипҳои махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ аз он иборат буд, ки ҳар кадоми онҳо пурра ё бо баъзе зуҳуротҳои ба худ хос ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ хос ва алоқаманд нестанд.

Ба андешаи мо, муаллиф дар асари мазкур кушиш кардааст, ки тамоми коркардҳои мавҷудбуда оид ба масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии шуравиро ба низом дароварад, вале ин ба он оварда расонд, ки ба низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ воситаҳои мубориза алайҳи ҷиноятқорӣ, вазифаҳое, ки дар назди ҳуқуқи ҷиноятӣ гузошта шудааст ва ғ. дохил шудаанд.

Принсипҳо ҳамеша воқеияти объективии марҳилаи таърихии худро инъикос менамоянд. Хусусияти хоси принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз гуногунхелии ба худ хоси онҳо бармеояд.

Дар ибтидо ҳама гуна принсипҳо, аз он ҷумла принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шуури ҳуқуқи ҷой доранд. Минбаъд онҳо дар меъёрҳои

ҳуқуқ мустаҳкам гардида, дар қонунгузории ҷиноятӣ ифодаи худро ёфта, соҳиби сифати нав-меъёриро аз худ мекунанд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тасаввуроти қонунгузорро оид ба асосҳои умумии ташакули муътадили мазмуни қонунгузории ҷиноятӣ таҷассум менамоянд. Дар навбати худ, онҳо пеш аз ҳама бо татбиққунандагони ҳуқуқ нигаронида шуда, талаботи онҳоеро, ки риояи онҳо барои муфатишон, прокурорҳо, истеҳсолоти судии ҷиноятӣ ҳатмист, инъикос менамоянд. Ҳамин талаботҳоро худи қонунгузор низ бояд минбаъд ҳангоми қабули қарор оид ба даровардани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии амалкунанда ба роҳбарӣ гирад [126, с. 94].

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми ба шакли муайян даровардани фармоишоти ҳуқуқии мушаххас ба қонунгузор мусоидат мекунанд. Татбиққунандагони ҳуқуқ дар навбати худ барои маънидод ва дарки меъёрҳои мушаххаси қонун бо мақсади дуруст татбиқ намудани онҳо ба принсипҳои дар КҶ муқарраршуда рӯй меоваранд.

Принсипҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз рӯйи хосиятҳои худ объективӣ бошанд ҳам, дар як вақт категоряи субъективиро низ доро мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар самти муқовимат ба ҷиноятқорӣ тавассути меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ фаъолият намудани давлат (мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиққунанда) ва ҷомеа таҳти тобеияти принсипҳои ҳуқуқ сурат мегирад.

Таҳти мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд асосҳои аввалин, ғояҳои роҳбарикунандае фаҳмида шавад, ки муайянкунандаи мазмун ва самти ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мустаҳкам гардида, барои мақомоти қонунгузор, ҳуқуқтатбиққунанда ва шаҳрвандон дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ҳатмӣ мебошад. Чунончӣ, сараввал савол оид ба муносибати принсипҳои умумиҳуқуқӣ ва соҳавӣ (ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ) пайдо шуданаш мумкин аст. Як қатор

ҳуқуқшиносон миёни принсипҳои умумиҳуқуқӣ ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тафовут мегузоранд (Г.В. Виттенберг , Н.А. Беляев, В.И. Гутсулак) [98, с. 90], [22, с. 40-41], [27, с. 22].

Гурӯҳи дигари олимон миёни мазмуни принсипҳои умумиҳуқуқӣ ва соҳавӣ фарқияти амиқ нагузошта, мазмуни принсипҳои соҳавиро тавасути нишон додани мазмуни ба худ хоси принсипҳои умумисоҳавӣ муайян кардаанд. Дар ин маврид, андешаи олимон П.С. Дагел ва А.Н. Назипов басо муайян шудааст. Ба гуфтаи онҳо принсипҳои махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд нест, принсипҳои умумиҳуқуқӣ тавассути принсипҳои соҳавӣ амал мекунанд. Принсипҳои махсуси соҳавӣ бошанд, иникоси принсипҳои умумисоҳавӣ мебошанд [28, с. 143], [74, с. 19].

Ҳамчунин, пешбинӣ мегардад, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикоси принсипҳои умумиҳуқуқӣ дар шароити воқеияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошанд [26, с. 13], [66, с. 22].

Ҳамзамон, андешаи сеюм низ ҷой дорад, ки мувофиқи он принсипҳои соҳавӣ аз принсипҳои умумиҳуқуқӣ бар намеоянд, балки ба онҳо дохил шуда, ташакул ёфта охиринро ташкил медиҳанд [46, с. 99].

Ба гуфтаи олимон Ю.Е. Пудовочкин ва С.С. Пирвагидов баҳс доир ба он ки принсипҳои соҳавӣ, принсипҳои умумиҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Ба андешаи онҳо, зарур аст, ки «мутаносибии ин принсипҳо бояд аз нигоҳи таълимоти фалсафӣ оид ба мутаносибии категорияҳои умум ва махсус баррасӣ карда шаванд» [64, с. 80].

Аз ин рӯ, дар ҳар кадоми принсипҳои соҳавӣ мазмуни «умумӣ» ва «махсус» мавҷуд аст: Принсипҳои умумиҳуқуқӣ таъминкунандаи устувории тамоми системаи ҳуқуқро ба зимма дошта бошанд, пас принсипҳои соҳавӣ инъикоскунандаи мазмуни «умум» ба талаботи танзими соҳавӣ мебошанд [64, с. 80].

Андешаҳои худро нисбат ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ Ю А. Демидов пешкаш кардааст [102, с. 21]. Ӯ чунин ақида дорад, ки

принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ пеш аз ҳама, алоқаи ҷиноятро бо ҷавобгарии ҷиноятӣ тавсиф мекунанд.

Тафсири илмии мафҳуми «принсипҳои ҳуқуқӣ», ки аз ҷониби ҳуқуқшиноси маъруф Г.А. Кригер пешниҳод шудааст, ба таври мукаммал моҳияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ин категорияро инъикос менамояд. Ба андешаи ӯ, принсипҳои ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои асосӣ ва раҳнамо дар сохтори низоми ҳуқуқӣ баромад мекунанд, ки табиати онҳо на танҳо аз талаботи ҳуқуқи мусодиф, балки пеш аз ҳама, аз воқеиятҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва хусусиятҳои сохтори иҷтимоӣ бармеоянд. [110, с. 123-126], [118, с. 102-106].

Тибқи шарҳи Г.А. Кригер, принсипҳои ҳуқуқӣ дар баробари доштани муҳтавои идеологӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ, ҳамчун ғояҳои асосии раҳнамо дар низоми ҳуқуқ амал мекунанд. Онҳо самти умумӣ ва асосҳои идоракунӣ ва танзими ҳуқуқиро муайян намуда, моҳият ва ҳудуди истифодаи маҷбуркунии давлатӣ ва дигар воситаҳои таъсиррасониро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мушаххас мекунанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки Г.А. Кригер ба принсипҳои ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун як ҷузъи назариявӣ, балки ҳамчун абзори амалӣ ва воқеии танзим ва муҳофизати ҳуқуқӣ менигарад. Ба андешаи ӯ, ин принсипҳо дар зинаи баландтар аз меъёрҳои ҳуқуқии ҷудогона қарор дошта, барои таъмини мутобиқати низоми ҳуқуқӣ ба талаботи ҷомеа ва шароити рушди иҷтимоӣ замина фароҳам меоранд. Онҳо ҳамчун меъёри умумии баробар барои ҳамаи субъектҳои ҳуқуқӣ амал карда, на танҳо ҳудуди татбиқи қонунгузорӣ, балки мундариҷаи иҷтимоии он ва механизмҳои татбиқи маҷбуркунии давлатиро низ муайян менамоянд.

Дар маҷмӯъ, таърифи пешниҳодкардаи Г.А. Кригер бо тавсеаи фаҳмиши классикӣ дар бораи принсипҳои ҳуқуқӣ мутобиқат дошта, онҳоро ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқие шарҳ медиҳад, ки ба

инкишофи мутаносиби муносибатҳои ҳуқуқӣ ва таҳкими волоияти қонун замина мегузоранд.

Ба сифати принсипҳои соҳавӣ нисбат ба ҳуқуқи ҷиноятӣ муаллиф мансуб донистаас, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан танҳо барои кирдори ҷиноятии барои ҷамъият хавфнок, ҷавобгарӣ танҳо барои содир намудани кирдори ҷиноятии дар қонун пешбинишуда; хусусияти фардии ҷавобгарӣ; фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо; сарфакории таъқиби ҷиноятӣ, ногузир будани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдори содиршуда мансуб медонанд

Ин принсипҳо ба андешаи Г.А. Кригер дар шакли мутамарказ хусусиятҳои хоси ташкили танзими ҳуқуқии ҳуқуқи ҷиноятии шуравиро инъикос намуда, ба иҷрои вазифаи асосии ин соҳа – ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятии шуравӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ва тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром ба тартиботи ҳуқуқии шуравӣ, мусоидат мекунанд.

Ба ақидаи Г.Б. Виттенберг [98, с. 68], [121, с. 89-93] ду гурӯҳи принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ мавҷуданд: якум, принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ – он принсипҳое, ки барои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи шуравӣ умумианд ва дар баробари ин дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ рушд меёбанд. Ба онҳо дохил мешаванд: кирдори ба ҷамъият хавфноке, ки нисбати он ҷазо дода шудааст, қонуният, интернатсионализми пролетарӣ, демократизми шуравӣ, инсондӯстии шуравӣ. Дуюм, принсипҳои асосие, ки танҳо ё асосан ба ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ ҳамчун соҳаи махсуси ҳуқуқи шуравӣ хосанд. Ба ин гурӯҳ чунин принсипҳо дохил мешаванд: пешгирӣ кардани ҷиноятҳо, ҷавобгарии шахсии танҳо шахси гунаҳгор, ҳифзи ҳаматарафаи шахс, фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо, иштироки омма дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ.

Г.Б. Виттенберг махсусан таъкид кардааст, ки «принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ миёни якдигар алоқаи зич доранд, якдигарро

асоснок ва пурра мекунанд» [97, с. 90]. Бояд гуфт, ки муаллиф дар асарҳои худ вобастагии байниҳамдигарӣ ва пурракунандаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро, ки хусусиятҳои низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос менамоянд, нишон додааст.

П.А. Фефелов иброз медорад, ки «Принсипҳо ин манбаҳои асосие мебошанд, ки алоқаҳои устувортаринро инъикос мекунанд, онҳоро на тағйир додан ва на ба ин ё он самт равона кардан ғайриимкон аст» [75, с. 350], [76, с. 420], [125, с. 40-43].

Тафсири муосири категорияи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар андешаҳои олимони шинохта, аз ҷумла П.А. Фефелов, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва таҷдиди илмиро дар бораи сохтор ва моҳияти ин принсипҳо дар бар мегирад. Ба андешаи муаллиф, дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ду гурӯҳи принсипҳо ҷудо карда мешаванд: принсипҳои умумҳуқуқӣ, ки барои тамоми соҳаҳои ҳуқуқ хосанд ва принсипҳои махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки хусусияти соҳавӣ доранд.

Ба гурӯҳи принсипҳои умумҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонуният, инсондӯстӣ, демократизм дохил мешаванд, ки ҳамчун арзишҳои универсалӣ барои тамоми низоми ҳуқуқии давлат, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, асоси меъёрию танзимкунандаро ташкил медиҳанд. Дар ҳамин ҳол, принсипҳои махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз қабили фардикунонии ҷазо, ногузирии ҷавобгарӣ ва дигарон, бар асоси ҳамин арзишҳо бунёд ёфта, онҳоро мушаххас ва амалӣ месозанд.

П.А. Фефелов дуруст таъкид менамояд, ки принсипҳои ногузирии ҷавобгарӣ ва фардикунонии ҷазо на танҳо хоси соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, балки дар худ муҳтавои принсипҳои умумҳуқуқиро таҷассум намуда, талаботи қонуният, демократизм ва инсондӯстиро тавассути шакли ҳуқуқии соҳа мушаххас мекунанд. Ногузирии ҷавобгарӣ кафолати баробарии ҳама шаҳрвандон дар назди қонунро таъмин менамояд, ки бевосита ба татбиқи принсипи демократизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ равона

шудааст. Дар навбати худ, фардикунонии ҷазо, ки ба ҳисоб гирифтани ҳолатҳои инфиродии шахсият ва вазъияти содиршавии ҷиноятро талаб мекунад, кафолати муносибати одилона ва инсонпарварона ба шахси гунаҳгорро таъмин менамояд, ки моҳиятан ҷавҳари принсипи инсондӯстиро инъикос мекунад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ин ду принсип, дар робитаи зич бо ҳам қарор дошта, амалан ифодаи ҳамзамонии талаботи қонуният ва эҳтироми ҳуқуқҳои шахсият мебошанд. Ба андешаи Фефелов, ноэътиноӣ ё вайрон намудани ҳар кадоми онҳо, на танҳо ба амалкарди нодурусти ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки ба поймолшавии худи моҳияти ҳуқуқ ва принсипи қонуният оварда мерасонад [76, с. 124].

Таҳлили П.А. Фефелов хусусияти конститутсионии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро равшан мекунад, зеро онҳо бевосита аз муқаррароти конститутсионӣ маншаъ гирифта, дар сатҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷанбаи мушаххас ва татбиқӣ пайдо мекунанд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқоти муаллиф дар ин самт ҳамчун яке аз корҳои бунёдӣ ва муҳим дар таҳқиқи назариявии масоили принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ арзёбӣ мегардад, ки на танҳо паҳлӯҳои илмӣ, балки паҳлӯҳои амалӣ ва методологии рушди соҳа, инчунин робитаи он бо қонуният ва конститутсияро фаро мегирад.

Ба ақидаи С.Г. Келина ва В.Н. Кудрявтсев принсипҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ инҳо мебошанд: 1) қонуният; 2) баробарии шаҳрвандон дар назди қонун; 3) принсипи ҷавобгарии шахсӣ; 4) принсипи гунаҳгорӣ; 5) ногузирии ҷавобгарӣ; 6) адолат; 7) инсонпарварӣ; 8) демократизм [35, с. 63-64].

Ҷанбаи асосӣ дар интихоби принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба андешаи муаллифони мазкур, ин нишон додани принсипҳое, ки моҳияти ҳақиқии ҳуқуқи ҷиноятии шуравиро инъикос мекунанд, вазифаҳои онро дар давлати Шуравӣ муайян мекунанд, ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, мавқеи шахс ва фаъолияти мақомотҳои дахлдори ҳифзи ҳуқуқ дар муносибат ба

содир намудани ҷиноят. Дар принсипҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ақидаҳои роҳнамо ва принсипҳои бунёдӣ бояд таҷассум ёфта бошанд, ки ба шаҳрвандон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қонунгузор тасаввурот диҳанд, ки шаҳрванд дар кадом ҳолатҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда метавонад ва чӣ гуна шакл, сарҳад ва ҳаҷми ҷавобгарӣ барои кирдор муайян карда шаванд» [36, с. 16].

Муаллифони болозикр принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар шакли моддаҳои модели назариявии КҶ чунин ифода кардаанд; I) Моддаи 2. Принсипи қонуният.

1) Ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо қонуни ҷиноятӣ муайян менамояд.

2) Ҳеҷ кас наметавонад дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шавад ё ҷазо дода шавад ба истиснои қарори суд ва тибқи қонун.

3) Шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста мешавад, уҳдадориҳо дорад ва аз ҳуқуққҳои муқаррарнамудаи қонун истифода мебарад.

4) Мазмуни қонуни ҷиноятӣ бояд мутобиқи матни он фаҳмида шавад;

II) Моддаи 3. Принсипи баробарӣ дар назди қонун.

Шахсоне, ки ҷиноят содир намудааст дар назди қонун баробаранд ва сарфи назар аз мансубияти миллӣ, нажжодӣ, ҷинс, маълумот, забон, муносибат ба дин, намуд ва хусусияти машғулият, ҷойи истиқомат ва дигар ҳолатҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд;

III) Моддаи 4. Принсипи ҷавобгарии фардӣ.

Шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ва ба ҷавобгарии ҷинояти кашида мешавад, танҳо барои кордоре, ки ӯ шахсан онро содир кардааст, ҷавобгар аст;

IV) Моддаи 5. Принсипи ҷавобгарии гунаҳгорӣ.

1) Шахс танҳо барои ҳамон кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки дар натиҷаи он ба вуҷудомада, ки дар

содир намудани онҳо гуноҳи ӯ муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, яъне қасд ва беэҳтиётӣ.

2) Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳаракат (беҳаракатӣ), ки аз беэҳтиётӣ содир шудааст, инчунин барои аз беэҳтиётӣ расонидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок танҳо дар ҳолатҳое, ки дар қонун бевосита нишон дода шудааст, ба миён меояд;

V) Моддаи 6. Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ.

1) Ҳар шахсе, ки дар кирдори (ҳаракат ё беҳаракати) и ӯ таркиби ҷиноят муқаррар шудааст, ба ҷазо ё дигар тадбирҳои таъсиррасон гирифтор мешавад, ки бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

2) Ҳеҷ кас наметавонад барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад;

VI) Моддаи 7. Принсипи инсондӯстӣ.

1) Ба шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, бояд ҷазои камтарин ё дигар чораи таъсиррасони ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки барои ислоҳи он ва пешгирии ҷиноятҳои нав зарур ва кифоя аст, таъин карда шавад.

2) Ҷазо ва дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба расонидани азобҳои ҷисмонӣ ё паст задани шаъну шарафи инсон нигаронида нашудаанд.

VII) Моддаи 8. Принсипи адолат.

1) Ҷазо ё чораи дигари таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки нисбат ба шахси содирнамудаи ҷиноят татбиқ карда мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба вазнинии ҷиноят, дараҷаи гуноҳ ва ба дараҷаи хавфи ҷамъиятии шахсияти ӯ, мувофиқ бошад.

2) Нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд, инчунин нисбат ба ҷиноятқороне, ки дар ҳолати ретсидив қарор доранд (ретсидивист) нисбати он ҷазои сахт татбиқ карда мешавад;

VIII) Моддаи 9. Принсипи демократизм.

Дар ҳолатҳои аз ҷониби қонун пешбинишуда барои ислоҳи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ҷамъиятҳои меҳнатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бо хоҳиши онҳо ё бо розигии онҳо ҷалб карда мешаванд [36, с. 20-31].

Шаклҳои болозикри моддаҳо, ки аз ҷониби С.Г. Келина ва И.П. Кудрявтсев пешниҳод карда шудаанд, асоси муқаррароти моддаҳои КҶ ҶТ доир ба масъалаҳои принсипҳои қонуни ҷиноятиро ташкил медиҳанд ва ин раванд нақши баланди таъсири илми ҳуқуқи ҷиноятии шуравиро дар ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон нишон медиҳад.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмунан аз принсипҳои ҳамноми худ, ки дар дигар соҳаи ҳуқуқ мустаҳкам карда шудаанд тафовут доранд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар хусуси принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузир будани ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм на ба таври умумӣ, балки мушаххассан ва мувофиқ бо предмети ба танзим даровардан чунин як соҳаи мустақили ҳуқуқ сухан меравад. Масалан, принсипи қонуният – тавасути шартҳое, ки кирдоро чун ҷиноят эътироф намуда ва ҷазоро барои он пешбиникунанда; принсипи адолат – ҷазо ва дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хафнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд инъикос гардида, мустаҳкам карда шудааст [66, с. 22].

Чуноне ки ишора карда шуд, танзими ҳуқуқии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бори аввал дар муқаррароти КҶ ҶТ соли 1998 ифода ёфтаанд. Хусусан бештари принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бори нахуст дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Суди Олии ИҶШС ба миён омадаанд. Чунончи, дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Дар бораи минбаъд ташакул додани фаъолияти судӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо» аз 3 декабри соли 1976 диққати судҳо ба он ҷалб карда шуд, ки «самаранокии

фаъолияти пешгирикунанда аз риояи бечунучаои принсипи ногузирии ҷавобгарӣ барои ҷинояти содиршуда вобастагӣ дорад», аз ин рӯ дар «марҳилаи ба суддиҳӣ ва дар раванди баррасии судии парвандаҳо, бояд чораҳои бо қонун пешбинишуда, нисбати тамоми иштирокчиёни ҷиноят ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани онҳо татбиқ карда шавад; фактҳои беасос рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ намудани он нисбати шахси дар содир намудани ҷиноят ширкатдошта, маводҳои парванда инро тасдиқ менамоянд, ки набояд аз мади назар дур монад» [17, с. 79-80].

Дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Дар бораи минбаъд мустаҳкам кардани қонуният ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ» аз 5 декабри соли 1986 ба зарурати риояи принсипи адолати сотсиалистӣ бо дар назардошти оне ки «ба судҳо зарур аст талаботи қонунро оид ба фардикунонии ҷазо қатъиян роия намуда, чи ба ҳолати таъини ҷазои аз ҳад зиёд сахт ва чи сабуки беасос роҳ надода, дар ин маврид бояд ба ҳисоб гиранд, ки ҷазои қонунӣ ва одилона на фақат ҷазои ҷиноятӣ содиршуда мебошад, балки мақсади ҷазо низ он аст, ки маҳкумшударо ислоҳ ва аз нав тарбия кардан, инчунин ҷиноятҳои нав содир накардани чи маҳкумшудагон ва чи шахсони дигарро пешгирӣ намояд» [16, с. 80-81], ишора шудааст.

Дар баробари пеши назар овардани як қатор қарорҳои пленумҳо, ки дар онҳо бевосита калимаи «принсип» истифода шудааст, ҳаминро низ бояд қайд намуд, ки як қатор меъёрҳои мафҳуми мазмуни принсипҳои инсондустӣ, адолат, гуноҳ ва ғайраи муосирро ташкилдиҳанда дар қарорҳои Пленумҳо бе расман эътироф намудани онҳо чун принсип кушода дода шудаанд. Масалан, принсипи инсондустӣ дар меъёрҳои қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Дар бораи аз ҷониби судҳо иҷро кардани шарҳи роҳбарикунандаи Пленуми Суди Олии ИҶШС ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» аз 9 июли соли 1982 дар хусуси он ки «Ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ танҳо дар

ҳолате таъин карда мешавад, ки суд бо дар назардошти ҳолати мушаххаси парванда ва маълумот оид ба шахсияти гунаҳгор ба хулоса меояд, ки интихоби ҷазои дигар номумкин мебошад» [16, с. 81] ҷой дода шудааст.

Меъёрҳои принсипи гуноҳ дар парванда он ки тарафи субъективии кирдор муайянкунандаи муносибати шахс ба имконяти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок аст, дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Дар бораи таҷрибаи судӣ аз рӯйи парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ....» аз 6 октябри соли 1970 баён шудааст [16, с. 81].

Ҳамин тариқ, меъёрҳои дар м. 3-10 КҶ ҶТ муқарраршуда барои ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои ИДМ ягон мафҳуми нави номаълум набуда, вале бевосита дар матни қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам шудани онҳо арзиши басо муҳимро доро мебошанд.

Ю.Д. Блувштейн дар монографияи худ «Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва адолати иҷтимоӣ» аҳаммият ва мавқеи ҳуқуқи ҷиноятиро дар системаи чораҳои таъмини адолати иҷтимоӣ инъикос намуда, алоқамандии адолати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи ҷиноятиро баррасӣ намуда, масъалаҳои адолати қонуни ҷиноятӣ ва адолати ҷазои ҷиноятиро таҳқиқ кардааст. Муаллиф иброз менамояд, : «... ҳамаи он чизе, ки ба ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ дахл дорад, бояд ба ғояи адолати иҷтимоӣ комилан мувофиқ бошад» [23, с. 89].

Бояд хотиррасон кард, ки бисёр аз олимони ҳуқуқшинос дар корҳои худ маҳз масъалаҳои татбиқ намудани принсипи адолатро дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ таҳқиқ намуда, афзалияти ин принсипро нисбат ба дигар принсипҳое, ки ба низоми ҳуқуқи ҷиноятии принсипҳо дохил мешаванд, таъкид кардаанд [90, с. 218], [127, с. 99-104], [94, с. 121-124], [100, с. 74-77], [63, с. 412], [112, с. 85-89], [111, с. 92-93].

Э.А. Саркисова дар таҳқиқоти худ «Инсонпарварӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ» мушкилоти татбиқ намудани ғояҳои инсонпараврiро дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳлил кардааст [67, с. 123].

Принсипҳои муайяни ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ низ дар таҳқиқоти П.С. Дагел, И.В. Василев, И.С. Малсин ва дигар муаллифон омӯзиш карда шудаанд.

Баррасӣ ва таҳлили ҷиддии адабиёти илмии бахшида ба масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки маҳз дар даврони шуравӣ заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти системавии масоили марбут ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гузошта шудааст. Дар ин давра илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи мустақил ва бунёдӣ ташаккул ёфта, тадриҷан масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун бахши муҳими назария ва амалиёти ҳуқуқӣ фаро гирифт.

Дар марҳилаи аввал, таваҷҷуҳи олимони соҳа бештар ба таҳияи умумии асосҳои назариявии низоми принсипҳо ва равшан кардани моҳияти консептуалии ҳар як принсип равона гардид. Бо рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ, ба тадқиқи амиқтари робитаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии давлати шуравӣ аҳамияти бештар дода шуд.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, ки бисёре аз муаллифон дар таҳқиқоти худ ҳузури тавсифҳои идеологишудаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун хусусияти хоси давраи мазкур қайд менамуданд. Дар заминаи чунин ҳолат, аксарияти принсипҳои дорои табиати демократӣ ва инсондустона муддати тӯлонӣ дар матни санадҳои қонунгузории расмӣ инъикос намегардиданд ва бештар дар сатҳи илмӣ ва таълимӣ таҳқиқ ва тарғиб мешуданд. Маҳз ҳамин раванд боис гардид, ки дар тафаккури ҳуқуқшиносии давраи шуравӣ дарк ва фаҳмиши амиқи моҳияти воқеии чунин принсипҳо ба таври тадриҷӣ ташаккул ёфт.

Бо вуҷуди маҳдудиятҳои идеологӣ, дастовардҳои илмии бадастомада дар соҳаи омӯзиши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар даврони шуравӣ аҳамияти назарраси назариявӣ ва амалиро соҳиб гардиданд. Ин дастовардҳо, ки натиҷаи тадқиқоти амиқ, таҳлили танқидӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии он давра буданд, дар таҳияи қонунгузории нав, аз ҷумла дар

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998, ба таври мустақим инъикос ёфтанд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки рушди илмии масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар даврони шуравӣ, сарфи назар аз маҳдудиятҳои идеологӣ, заминаи муҳим ва устувор барои ташаккули модели муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоштааст.

Ҳамин тавр, таҳлили зербоби мафҳум, моҳият ва таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои асоснокро пешниҳод намудан мумикн аст:

1) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми «принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ» бори нахуст дар заминаи санадҳои ҳуқуқии умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ расман ифода ёфтааст. Тибқи муқаррароти моддаи 2-и Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ аз соли 1958 ва моддаи 2-и Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, истилоҳи «принсипҳо» дар муҳтавои қонунгузории ҷиноятӣ ба таври расмӣ ворид карда шуд. Бо вуҷуди ин, дар матни ин санадҳо танҳо ба худи истилоҳи «принсипҳо» ишора шуда, таркиб, муҳтаво ва ҷузъиёти мушаххаси онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври возеҳ ва муфассал инъикос наёфта буданд. Таҳаввули минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии умумииттифоқӣ бо таҳия ва қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқ, ки 2 июли соли 1991 аз ҷониби Шӯрои Олии ИҶШС қабул гардид, тавсеа ёфт. Маҳз дар ин санад барои нахустин бор системаи мукаммал ва мураттаби принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар сатҳи расмии ҳуқуқӣ муқаррар карда шуд. Ин санад баёнгари марҳилаи сифатан нави инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар фазои ҳуқуқии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон буда, заминаи методологӣ ва назариявии равшани таҳияи минбаъдаи қонунгузории ҷиноятиро фароҳам овард. Бояд таъкид намуд, ки таҷассуми системаи мукаммали принсипҳои

ҳуқуқи ҷиноятӣ дар санадҳои ҳуқуқии солҳои 1991 ифодаи муносибати таҳаввулёфта ва илмӣ-назариявӣ ба масоили асосҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, заминаи муҳим барои ташаккули модели муосири ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

2) КҶ ҶТ соли 1998 аввалин санади ҳуқуқӣ-ҷиноятии амалкунанда на танҳо калимаи «принсипҳо», балки низоми принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намуд. Ба ин система принсипҳо зайл мансуб дониста шудаанд: қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм (м. 3 КҶ ҶТ). Дар муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми мушаххаси принсипҳои қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам нашудааст ва дар он намудҳои принсипҳо дар доираи моддаҳои 3-10 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст. Дар м. 3 КҶ ҶТ принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври умумӣ номбар шудаанд. Онҳо дар моддаҳои минбаъдаи КҶ (м.м. 4-10) мушаххас мегарданд. Принсипҳои мазкур аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муқаррароти ҳуқуқи фитрӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, талаботи Конститутсияи ҶТ бармеоянд. Вазифаҳое, ки дар назди қонуни ҷиноятӣ истодаанд, дар асоси принсипҳои номбаршуда амалӣ мегарданд, яъне, он ғояҳои аввалиндараҷае, ки дар асоси онҳо татбиқи қонуни ҷиноятӣ бояд сурат гирад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ принсипҳои ҳуқуқӣ асосан бо он идеяҳое, ки тасаввуротро дар бораи чи тарз будани ҳуқуқ инъикос мекунад, алоқаманд аст.

3) Принсипҳо ҳамеша воқеияти объективии марҳилаи таърихии худро инъикос менамоянд. Хусусияти хоси принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз гуногунхелии ба худ хоси онҳо бармеояд. Дар ибтидо ҳама гуна принсипҳо, аз он ҷумла принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шуури ҳуқуқи ҷой доранд. Минбаъд онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам гардида, дар қонунгузории ҷиноятӣ ифодаи худро ёфта, соҳиби сифати нав – меъёриро аз худ мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тасаввуроти қонунгузорро

оид ба асосҳои умумии ташакули муътадили мазмуни қонунгузории ҷиноятӣ таҷассум менамоянд. Дар навбати худ, онҳо пеш аз ҳама, бо татбиққунандагони ҳуқуқ нигаронида шуда, талаботи онҳоеро, ки риояи онҳо барои муфатишон, прокурорҳо, истеҳсолоти судии ҷиноятӣ ҳатмист, инъикос менамоянд. Ҳамин талаботҳоро худи қонунгузор низ бояд минбаъд ҳангоми қабули қарор оид ба даровардани тағйирот ва иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии амалкунанда ба роҳбарӣ гирад.

4) Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми ба шакли муайян даровардани фармоишоти ҳуқуқии мушаххас ба қонунгузор мусоидат мекунанд. Татбиққунандагони ҳуқуқ дар навбати худ барои маънидод ва дарки меъёрҳои мушаххаси қонун бо мақсади дуруст татбиқ намудани онҳо ба принсипҳои дар КҶ муқарраршуда рӯй меоваранд. Принсипҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз рӯйи хосиятҳои худ объективӣ бошанд ҳам, дар як вақт категоряи субъективиро низ доро мебошанд.

5) Таҳти мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд асосҳои аввалин ва ғояҳои роҳбарикунандае дар назар дошта шавад, ки муайянкунандаи мазмун ва самти ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мустаҳкам гардида, барои мақомоти қонунгузор, ҳуқуқтатбиққунанда ва шаҳрвандон дар соҳаи муқовимат алайҳи ҷиноятқорӣ ҳатмӣ ба ҳисоб раванд.

1.2. Таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба таври мусаллам КҶ ҶТ, ки соли 1998 қабул шудааст, марҳилаи нави рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро таҷассум менамояд. Мувофиқи м. 3 Қонуни чиноятӣ ба принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузир будани ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ,

адолат, инсондӯстӣ ва демократизм асос меёбад. Принсипҳои мазкур аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муқаррароти ҳуқуқи фитрӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, талаботи Конститутсияи ҶТ бармеоянд.

Вазифаҳое, ки дар назди қонуни ҷиноятӣ истодаанд, дар асоси принсипҳои номбаршуда амалӣ мегарданд, яъне он ғояҳои аввалиндараҷае, ки дар асоси онҳо татбиқи қонуни ҷиноятӣ бояд сурат гирад, муҳим ба шумор мераванд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ принсипҳои ҳуқуқӣ асосан бо он идеяҳое, ки тасаввуротро дар бораи чӣ тарз будани ҳуқуқ инъикос мекунад, алоқаманд аст.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати кафолати таъмини волоияти қонун ва дуруст татбиқ гардидани меъёрҳои қонуни ҷиноятиро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва маҳдудкунии беасоси ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ифода менамояд. Онҳо дар шуури инсонҳо тасаввурот ва дарки дурусти меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар ҷомеа, инчунин дар бораи татбиқи дурусти моҳияти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои шахс дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва таъмини адолати судиро ташаккул медиҳанд.

Тасниф ва ҷудо намудани низоми принсипҳо ба принсипҳои умумҳуқуқӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дорои аҳамияти муҳими консептуалӣ мебошад, ки ба таври мустақим ба таҳкими пайвастагӣ ва ягонагии низоми ҳуқуқии ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Ин равиш на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки дар амалияи қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ аҳамияти калидӣ дорад.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар доираи низоми ҳуқуқ, на танҳо муносибатҳои ҷамъиятии таҳти танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ қарордоштаро ба тартиб медароранд, балки ҳамчун абзори методологӣ ва ғоявии пешакӣ самти рушди сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро дар ҷомеа муайян месозанд. Маҳз тавассути

принсипҳо моҳият ва руҳияи қонунгузории ҷиноятӣ шакл мегирад, ки дар сатҳи таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқӣ, инчунин дар ҷараёни татбиқи мустақими меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода меёбад. Бояд таъкид намуд, ки таъсири принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо ба сатҳи умумии сиёсати қонунгузорӣ маҳдуд нашуда, онҳо ҳангоми тафсир, муайянсозӣ ва татбиқи мустақими меъёрҳои мушаххаси моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои марбутаи соҳавӣ низ нақши муайянкунанда доранд. Дар ин росто, мувофиқати мазмунӣ ва моҳиятии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ҳамчун қоидаҳои умумӣ ва арзишҳои таҳкурсии соҳа баромад мекунанд, талаботи ҳатмӣ ва методологӣ ба ҳисоб меравад.

Рад ё нодида гирифтани ин робитаи зич ва тавозуни зарурӣ миёни принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, тибқи таҳлилҳои илмӣ, метавонад боиси бархӯрди мантиқии дохилисоҳаӣ ва байнисоҳаӣ гардад, ки дар натиҷа ба ихтилоф дар низоми ҳуқуқ, ба сатҳи пасти амалӣ гардидани қонунгузорӣ ва таҳрифи ғояҳои асосии адолати судӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тавр, таносуби мутақобила ва мутобиқати методологии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва меъёрҳои мушаххаси қонунгузории ҷиноятӣ, заминаи муҳим ва шарти зарурӣ барои таъмин намудани ягонагӣ, устуворӣ ва самаранокии низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Профессор В.Д. Филимонов нақши муттаҳидкунандаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро қайд намуда, таъкид мекунад, ки «принсипҳо ин нақшро ба таври зайл иҷро мекунанд: 1) самтҳоеро нишон медиҳанд, ки қонунгузории ҷиноятӣ бояд дар кадом самт рушд ва такмил дода шавад, масалан, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат ва ғ.; 2) мазмуни таъсири ҳамгироиро ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намуда, онҳоро ба ҳифзи объектҳои муҳимтарини

иҷтимоии аҳаммиятдошта, мутамарказ менамоянд; 3) ягонагии ҳуқуқи ҷиноятиро тавассути пешниҳоди талаботи ягона ба ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқии таркибии он таъмин менамоянд» [79, с. 23].

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ҳалли масъалаҳои Қонуни ҷиноятӣ дар ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити зист, сохтори конститутсионии ҶТ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, таъмини сулҳу амнияти инсоният, инчунин пешгирии ҷиноятҳо аҳаммияти калон доранд.

Бояд гуфт, ки Кодекси ҷиноятии соли 1998 як қатор камбудиҳои ҷиддӣ вобаста ба танзими принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар бар мегирад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ онҳо қайд карда шудаанд: «Боби 1 «вазифаҳо ва принсипҳои Қонуни ҷиноятии ҶТ. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ» номгузорӣ шудааст». Ҳамзамон, аксари принсипҳо ба танзими ҷавобгарии танҳо шахсоне нигаронида шудаанд, ки ҷиноят содир кардаанд. Дар бораи ҳифзи манфиатҳои ҷабрдидагон бевосита чизе гуфта намешавад.

Дар сарлавҳаи боби 1 сухан дар бораи «принсипҳои Қонуни ҷиноятии ҶТ» ва дар моддаи 3 КҶ ҶТ – дар бораи «принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ» меравад. Зимнан, маводи меъёрии Кодекс бо он чизе, ки ба ҷавобгарии воқеӣ дахл дорад (таъсис, татбиқ, татбиқи он дар шаклҳои гуногун) маҳдуд намешавад.

Бояд гуфт, ки пайваст кардани принсипҳои дар м.м. 3-10 КҶ ҶТ дарҷгардида, маънои онро дорад, ки оид ба адолат дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд танҳо дар робита ба арзёбӣ гардидани муносибати байни кирдор ва чораи ҷавобгарӣ барои он баррасӣ карда шавад, дар ҳоле ки адолат бояд аллакай дар марҳалаи ҳалли масъалаи ҷиноятӣ донистани ин ё он кирдори барои ҷамъият хавфнок, зоҳир шавад.

Ба андешаи мо, ҳангоми танзими принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, бояд бо мафҳуми «принсипҳои қонуни ҷиноятӣ», ки дар сарлавҳаи боби 1 КҶ ҶТ истифода шудааст, амал кард.

Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки номи моддаи 3 КҶ ҶТ дар шакли зерин пешбинӣ карда шавад: «Принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ».

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун идеяҳои ҳуқуқии асосӣ, ки дар таъсис ва татбиқи меъёрҳои ҷиноятӣ асос мегузоранд, вобаста ба меъёрҳои назариявӣ, функсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ ба намуданҳои гуногун тақсим мешаванд. Ин таснифот имкон медиҳад, ки фаҳмиши консептуалии принсипҳо бештар дақиқ ва дуруст гардад ва ба татбиқи амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намояд. Чунин намудҳои таснифи онҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Аз рӯи соҳаи татбиқ

а) принсипҳои умумии ҳуқуқӣ;

б) принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятӣ.

2. Аз рӯи сарчашмаи ҳуқуқӣ

а) принсипҳои конститутсионӣ;

б) принсипҳои қонунгузорӣ.

в) принсипҳои доктринавӣ: тавассути илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи судӣ таҳия шудаанд; на ҳама вакт кодификатсия шуда, ба ташаккули қонун ва амалия таъсир мерасонад.

3. Аз рӯи вазифа дар низоми адолати судии ҷиноятӣ

а) принсипҳои моддӣ: муайян кардани ҷиноят ва ҷазоро танзим мекунанд (масалан, қонуният, гунаҳкорӣ).

б) принсипҳои мурофиавӣ: ба раванди тафтишот, таъқиби ҷиноятӣ ва қабули ҳукм мусоидат мекунанд (масалан, адолат).

в) принсипҳои ҷазодиҳӣ ва ислоҳӣ: ба раванди иҷрои ҷазо ва муносибат бо маҳкумшудагон таъсир мерасонанд (масалан, инсондӯстӣ).

4. Аз рӯи аҳамияти тартиб (иерархӣ)

а) принсипҳои асосӣ (фундаменталӣ);

б) принсипҳои дуюмдараҷа: аз принсипҳои асосӣ бармеоянд ва ба таври мушаххас ё маҳдудтар татбиқ мешаванд (масалан, принсипи мутаносибӣ аз адолат бармеояд).

Ба андешаи В.В. Малтсев мавқеи қонунгузорӣ оид ба ҷойгиркунии муқаррароти асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дар боби Вазифаҳо ва принсипҳои Кодекси ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Ба андешаи ӯ “ин қарори қонунгузорӣ имкон медиҳад тахмин кунем, ки муқаррарот дар бораи он ки «асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои ҷиноятро дар бар мегирад ва дар Кодекси мазкур пешбинӣ шудааст» дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун асосӣ дониста мешавад, ки «алоқаи ҷудонашавандаи байни асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро мефаҳмонад» [116, с. 98].

Як зумраи олимон ва муҳақиқони соҳа дар танзими ҳуқуқии принсипҳо пешбинӣ намудани муқаррарот оид ба асосҳои ҷавобгарии ҷиноятиро дуруст намеҳисобанд. И.Э. Звечаровский қайд менамояд, ки «Бебаҳс, бо моҳияти худ агар чӣ ин муқаррарот бояд дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад, пас на ҳамчун принсипи ҳуқуқ, балки ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дар боби вобаста ба «Шахсоне, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд» пешбинӣ карда шавад [31, с. 40-41].

Яке аз ҷанбаҳои асосии масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ин ташаккули мафҳуми «принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «принсипҳои қонуни ҷиноятӣ» ташкил менамояд.

Дар воқеъ маълум аст, ки таърифи расмии мафҳуми «принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «принсипҳои қонуни ҷиноятӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ мавҷуд намебошад. Дар назарияи илмӣ ва таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад вобаста ба таърифи маҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ анъанае ба вуҷуд омадааст, ки ин мафҳумҳо таҷассум карда шуда, худи мазмуни ин мафҳумҳо ба такрористеҳсолии таърифи мафҳуми «принсип»

бо нишон додани доираи амали он, равона карда мешавад. Ҳамин тавр, маълум аст, ки принсип ин «мавқеи асосӣ, ибтидоии ҳар як назария, таълимот, ҷаҳонбинӣ, барномаи назариявӣ» маҳсуб меёбад [57, с. 594].

Дар бораи мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ метавон якчанд нуқтаи назари илмиро пешкаш намоем:

1) принсипҳо ин асосҳо ва ғояҳои бунёдӣ, муқаррароти ибтидоӣ, самтҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳал карда мешаванд;

2) принсипҳо (ақидаҳои) асосии роҳбарикунанда, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мустаҳкам ва ифода гардидаанд, ки мазмуни онро дар маҷмуъ ва ё ниҳодҳои алоҳидаи ҳуқуқи ҷинояти муайян мекунанд;

3) принсипҳо ин муқаррароттҳои ибтидоии меъёрии ҳуқуқӣ, ақидаҳое, ки дар доираи ин ё он соҳаи ҳуқуқ ва эътибори умумиро доро буда дар танзими меъёрҳои ҳуқуқи ҷинояти дарҷ меёбанд;

4) ғояҳои асосӣ ё роҳбарикунандае мебошанд, ки ба танзими меъёрҳои ҳуқуқ ҷинояти равона мегарданд [31, с. 36], [108, с. 54].

Ба назари мо, бо дарназардошти таҳлили мафҳумҳои амалкунанда ва назарияҳои илмии ҳуқуқшиносӣ, зарурати мушаххас намудани таърифи мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ комилан асоснок ва саривақтӣ мебошад. Таҳлилҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки дар бисёре аз таърифҳои пешниҳодшуда, мафҳуми мазкур ба таври умумӣ ва такрории мафҳуми классикии «принсип» маҳдуд гардида, хусусиятҳои соҳавӣ, табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва хосияти мустақили ин падидаи ҳуқуқӣ ба таври кофӣ инъикос намешаванд. Яке аз масъалаҳои муҳим, ки бояд равшан карда шавад, зарурати гузаронидани тафовут ва сарҳадгузории возеҳ миёни принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва принсипҳои қонуни ҷиноятӣ мебошад. Дар робита ба ин, дар илми ҳуқуқ тафриқаи зерин мавриди қабул қарор гирифтааст: принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун унсурҳои умумиметодологӣ ва арзишии низоми ҳуқуқӣ амал мекунанд, ки онҳо

новобаста аз шакли ҳуқуқӣ дар муҳити иҷтимоӣ ва низоми ҳуқуқ ташаккул ёфта, худи низоми қонунгузориро роҳнамоӣ мекунанд. Ин принсипҳо метавонанд хусусияти эътирофнашудаи мустақими ҳуқуқӣ дошта бошанд ва дар сатҳи таълимот, таърихи инкишофи ҳуқуқ, таҷрибаи судӣ ва ҳатто шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ташаккул ёбанд.

Дар баробари ин, принсипҳои қонуни ҷиноятӣ, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, он принсипҳое мебошанд, ки ба таври расмӣ дар матни Қонуни ҷиноятӣ (Кодекси ҷиноятӣ) муқаррар гардидаанд ва хусусияти ҳатмӣ, меъёрӣ ва амалкунандаи ҳуқуқӣ доранд. Ин ду маҷмӯи принсипҳо бо ҳам алоқаманди зич дошта, дар амалия ва таҳияи қонунгузорӣ якдигарро такмил медиҳанд, аммо аз нигоҳи манбаъ, табиат ва шакли ифода фарқ мекунанд. Бояд зикр кард, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, новобаста аз он ки онҳо дар қонунгузорӣ ба таври мустақим ифода ёфтаанд ё не, ҳамчун қоидаҳои умумӣ ва асосҳои роҳнамо барои ташаккули сиёсат, қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ амал мекунанд. Қисми муайяни онҳо дар шакли ҳуқуқи мусодиф дар қонунгузории ҷиноятӣ ифода ёфта, ба принсипҳои қонуни ҷиноятӣ мубаддал мегарданд ва ба ин васила хусусияти ҳатмӣ, амалкунанда ва меъёрӣ касб менамоянд. Ҳамин тариқ, дар таҳқиқи илмии масоили мазкур дуруст ва зарур мебошад, ки:

1. Тафовут ва ҳамзамон робитаи байни принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва принсипҳои қонуни ҷиноятӣ дақиқ муайян карда шавад;
2. Таърифи мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти хусусиятҳои ҳуқуқӣ, сотсиологӣ ва идеологии онҳо, инчунин нақши онҳо дар ташаккул ва амалиёти низоми ҳуқуқии ҷиноятӣ бозбинӣ ва мушаххас карда шавад.

Ин равиш ба таҳкими заминаҳои назариявии таҳия ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи илмии омӯзиши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, ин мафҳумҳо бо ҳам бо чунин тарз алоқаманди пайдо мекунанд: принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ин ҳамон принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ифодаи ҳуқуқӣ пайдо кардаанд.

В.Д. Филимонов дар назария ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро равшантар ва муфассалтар иброз намудааст: ки «принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ин талаботҳое мебошанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ нисбати фаъолияти қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва рафтори шаҳрвандон ифода ёфтаанд, ки бо дастурҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, Конститутсия, инчунин бо вазифаҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ асоснок шудаанд, ифодакунандаи муқаррароте мебошанд, ки мазмуни тамоми ё муҳими меъёрҳои ҳуқуқиро муайян намуда, онҳоро ба як низоми ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муттаҳид менамоянд» [79, с. 34].

Бояд қайд намуд, ки дар ин самт олими мазкур баёни мафҳумҳои принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ фарқият намегузорад, инчунин мавҷуд набудани ишора ба ҳамаи аломатҳоеро, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро тавсиф медиҳанд, метавон ҳамчун камбудиҳои ҷиддии таъриф шарҳ дода шаванд.

Аломатҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро пешбини намуда, хусусиятҳои зерини онро нишон додан мумкин аст:

1. Мавқеи аввал ва ибтидоии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки моҳияти тамоми низоми қонунгузории ҷиноятӣ ва мазмуни маҷмӯи меъёрҳои онро муайян мекунад, дар зинаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва конститутсионӣ қарор дорад. Ин мавқеи ибтидоӣ, аз як тараф, мустақиман дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшидашуда, ба мисли Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (1948), Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуққҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) ва дигар санадҳои байналмилалӣ ифода меёбад. Аз тарафи дигар, он дар моддаҳои конститутсияҳои

давлатҳои мухталиф, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷассум ёфтааст. Ҳамчунин, яке аз манбаъҳои муайянкунандаи мавқеи аввалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳадафи стратегии он, яъне муқовимат ба ҷиноятқорӣ, мебошад, ки аз нигоҳи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ асоси эҷоди қонунгузории ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро ташаккул медиҳад.

2. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба маънои васеи илмӣ, на танҳо унсурҳои сохтории низоми ҳуқуқӣ, балки бозтоб ва идомаи мантиқии арзишҳои иҷтимоӣ ва ғояҳои идеологии ҷамъият мебошанд. Онҳо асоси иҷтимоии принсипҳои шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва ҳамчун категорияҳои шуури ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Ҳар як принсип дар муҳтавои худ тасаввуроти устувори иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро таҷассум менамояд, ки дар тафаккур ва мафкураи ҷамъиятӣ оид ба адолати ҷиноятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва арзиши волоияти қонун шакл мегирад. Аз ин ҷост, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «ақида» ё мафҳуми мураккаби назариявӣ на танҳо маҳсули фикр ва таҷрибаи ҳуқуқии инсон мебошанд, балки инчунин ҳамчун пояи методологӣ ва арзишии ташаккули сиёсати қонунгузорӣ ва амалиёти судӣ хизмат мекунанд.

3. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳамчун маҷмӯи муқаррароти роҳнамо ва арзишҳои таҳкурсии низоми ҳуқуқ, қисмати ҷудонашавандаи системаи ғояҳои ҳуқуқӣ ва сиёсати қонунгузории ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Дар шароити муосир, ҳуқуқи ҷиноятӣ ба маҷмӯи мураттаби принсипҳо ниёз дорад, ки ин низом набояд танҳо ба як принсипи ҷудогона такя кунад, новобаста аз аҳамияти хоссаи он, зеро худи ҳуқуқи ҷиноятӣ соҳаи мураккаби ҳуқуқ буда, барои иҷрои як қатор вазифаҳои иҷтимоӣ ва танзими манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таъин шудааст.

Зарурати низоммандсозии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ пеш аз ҳама ба хотири таъмини мутаносибӣ, ҳамоҳангӣ ва ягонагии дохилии ин принсипҳо бармеояд. Низоми чунин принсипҳо на танҳо хосияти маҷмӯӣ ва пайвастагии онҳоро муайян мекунад, балки воситаи самараноки пешгирии муносибати яктарафа ва ихтиёрии ҳуқуқтатбиққунандагонро дар раванди ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ фароҳам меорад. Аҳамияти низоммандсозӣ дар он ифода меёбад, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун маҷмӯи ягона пешниҳод гардида, талаботи ҳар як принсип на дар шакли ҷудогона, балки дар иртибот ва мувофиқати пурраи онҳо дар маҷмӯъ ба назар гирифта мешавад. Ин равиш ба он роҳ намедиҳад, ки дар амалиёти ҳуқуқӣ иҷрои талаботи як принсип ба беэътибор мондани дигар принсипҳо оварда расонад, ки чунин ҳолат ба таҳрифи ҳуқуқ ва кам шудани эътимод ба низоми адолати судӣ оварда мерасонад.

Илова бар ин, самаранокӣ ва татбиқи воқеии ҳар як принсипи ҷудогонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба пуррагӣ ва иҷрои ҳамзамонии дигар принсипҳо вобаста мебошад. Ба ибораи дигар, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои хусусияти якдигарпуркунанда ва ҳамоҳангсоз мебошанд ва танҳо дар ҳолате, ки онҳо дар сатҳи низомии муттаҳидшуда амал мекунанд, метавонанд барои татбиқи адолати ҷиноятӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷамъият ва ҳуқуқу озодиҳои инсон заминаи воқеӣ ва устувор фароҳам оранд.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар м. 3-10 КҶ ҶТ зикр шудаанд, мустақил мебошанд. Дар адабиёт ва маъхазҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба дараҷаи вобастагии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҳамдигар, инчунин дар бораи аҳаммияти яке аз онҳо нисбат ба дигарон, назари ягона вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, С.Г. Келина ва В.П. Кудрявтсев қайд менамоянд, ки «болои низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ду принсипи пешбари ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ – қонуният ва баробари ҳама дар назди қонун истодааст, ки

мавқеи пешбари онҳо, пеш аз ҳама, бо он муайян карда мешавад, ки асоси ин принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро принсипҳои якхела ташкил медиҳанд, ки дар Конститутсия муқаррар шудаанд, инчунин ба он, ки дигар принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба онҳо асос ёфта, моҳиятан як шакли тағйирёфта ва мушаххасси онҳо мебошанд» [35, с. 66].

И.А. Пиркова аҳаммияти махсуси принсипҳои қонуният ва адолатро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд мекунад, зеро дигар принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷуз зуҳур ва мушаххасгардонии онҳо чизе нестанд [65, с. 124].

И.Э. Звечаровский иброз менамояд, ки маҳз ба принсипҳои гунаҳгорӣ ва қонуният, инъикоси онҳо дар қонун ва татбиқи онҳо дар амалия, арзёбии ин ё он таълимот дар ҷомеаи мутамаддин нигаронида шудааст [31, с. 59].

Ба андешаи Т.В. Кленова «дар тамоми низоми соҳа принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷассум ёфта, адолат ҳамчун ғояи ибтидоии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар он мавқеи махсусро ишғол мекунад» [108, с. 56].

Лекин А.Н. Бойко имкони вобастагии тобеи байни ҳама ё алоҳидаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин аҳаммияти иловагии яке аз онҳоро нисбат ба дигарон, қатъиян рад мекунад [39, с. 32].

Муаллиф чунин андешаро дастгирӣ мекунад, ки дар низоми принсипҳо омезиши ҷуфти онҳоро бояд дид, ки мураккабии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, нокифоягии дохилии меъёрҳои ҳуқуқии умумиро барои тавсифи пурра ва дақиқи ҳодисаҳои алоҳида, инъикос менамояд.

4. Талаботе, ки аз хусусияти устувор бармеоянд на танҳо ба вазъияти муваққатан асоснок шудааст (вазъияти ҷангӣ, вазъияти фавқулодда, афзоиши ҷиноят ва ғ.), балки аз муносибати ташаккулёфтаи қонунгузор ба арзишҳои иҷтимоӣ, ки дар кишвар муқаррар шудаанд, вобаста аст. Дар давоми даҳ соли охир ба КҶ ҶТ тағйиру иловаҳои бисёре ворид гардида, ба муқаррароти принсипҳо дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи

ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2020, №1661 [8] тағйирот ворид гадида, танҳо ивази истилоҳи «принцип» ба «принсип» пешбинӣ гардидааст.

5. Моҳияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои хусусияти шарти таърихӣ мебошад, ки ин падида, аз як тараф, ба марҳилаҳои муайяни инкишофи ҷамъият ва ҳуқуқ, ва аз тарафи дигар, ба хусусиятҳои дохилии низоми ҳуқуқии ҳар як давлат вобастагӣ дорад. Таҳаввули таърихии принсипи қонуният дар ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз мисолҳои возеҳи ин раванд маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, таҳлил нишон медиҳад, ки то қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар соли 1961, истифодаи қонун аз рӯи қиёс дар ҳуқуқи ҷиноятӣ имконпазир буд. Бо муқаррар гардидани санадҳои мазкур, ин равиш манъ карда шуд, ки ин ифодаи таҳкими мантиқи классикии принсипи қонуният мебошад.

Ҳамзамон, тафовутҳо дар низомҳои ҳуқуқии миллии кишварҳои гуногун, ки дар зинаи таърихӣ ташаккул ёфтаанд, нишон медиҳанд, ки мазмуни амалии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба анъанаҳои ҳуқуқӣ, модели ҳукуқӣ ва табиати сиёсӣ-иҷтимоии ҳар як давлат метавонад фарқ намояд. Масалан, дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипи гунаҳгорӣ дар он ифода меёбад, ки танҳо шахсони воқеӣ метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Аммо дар ҳуқуқи ҷиноятии як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Британияи Кабир, Фаронса ва ИМА, масъулияти ҷиноятӣ ба субъектҳои ҳуқуқӣ низ васеъ мегардад, ки ин фарқияти модели ҳуқуқӣ ва натиҷаи равандҳои таърихии инкишофи ҳуқуқ дар он кишварҳо мебошад. Муҳим аст, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо маҳсули фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии инсонҳо мебошанд, балки бозтоб ва инъикоси қонуниятҳои объективии рушди ҷомеа ва ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди он ки ин принсипҳо дар шакли ҳуқуқӣ тавассути қонун мураттаб мегарданд, қобили зикр аст, ки

дар раванди таҳия ва қабул намудани онҳо, омили субъективизм ва хатогиҳои инсонӣ истисно намешавад.

Аз ин рӯ, яке аз мушкилоти методологии муҳими таҳияи муосири принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар тавозуни дуруст ва оқилонаи объективӣ ва субъективӣ ифода меёбад. Яъне, аз як тараф, бояд ба талаботи объективии инкишофи ҷамъият ва қонуниятҳое, ки новобаста аз иродаи шахс вуҷуд доранд, такя кард, ва аз тарафи дигар, дар ҷараёни кодификатсия ва танзими ҳуқуқӣ бояд қобилиятҳои зеҳнӣ, касбӣ ва иродавии шахсони ҳуқуқэҷодкунанда ба таври дуруст ва масъулона истифода шаванд. Дар маҷмӯъ, фаҳмиши дуруст ва ҳамзамонии равиши объективӣ ва субъективӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шарти асосии таҳкими қонуният, адолати судӣ ва самаранокии низоми ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҳар як ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад.

6. Муқарраротҳое, ки барои қонунгузории ҷиноятӣ хусусияти умумӣ ва фарогир доранд ва мазмуни кулли Кодекси ҷиноятӣ ё қисми назарраси меъёрҳои онро фаро мегиранд, на ҳамеша метавонанд ҳамчун принсипи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ шинохта шаванд. Сабаби ин дар он аст, ки чунин муқаррарот, новобаста аз аҳамияти умумияшон, хусусияти фардикунонидашудаи соҳавӣ надоранд ва бештар ҳамчун қоидаҳои умумии танзимкунанда ё арзишҳои системавии байнисоҳавӣ амал мекунанд.

Маҳз аз ҳамин ҷост, ки қисми зиёди принсипҳои ҳуқуқ дорои аҳамияти умумҳуқуқӣ ва байнисоҳавӣ мебошанд. Онҳо на танҳо ба як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ, мисли ҳуқуқи ҷиноятӣ, маҳдуд намешаванд, балки дар соҳаҳои дигари ҳуқуқ, ба мисли ҳуқуқи граждани, маъмурӣ ва байналмилалӣ низ татбиқ мешаванд. Масалан, принсипи ҷавобгарии гунаҳгорӣ, ки яке аз рукнҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад, дар соҳаи ҳуқуқи граждани низ мавриди истифода қарор мегирад, ҳарчанд мазмуни амалии он вобаста ба хусусияти соҳавӣ ва табиати танзими

ҳуқуқӣ тағйир меёбад. Ин ҳолат муҳимияти дақиқ ва мутафовит таҳлил кардани принсипҳои ҳуқуқро дар робита ба хусусиятҳои соҳавӣ тақозо менамояд. Яъне, принсипи муайян метавонад дар заминаи умумӣ аҳамияти универсалӣ дошта бошад, аммо танҳо ҳангоми ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии соҳа, моҳият ва муҳтавои амалии он пурра равшан мешавад. Бо ҳамин сабаб, ҳангоми таҳияи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, зарур аст, ки принсипҳое, ки хусусияти умумҳуқуқӣ доранд, аз принсипҳое, ки ба таври мушаххас хоси соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, ба таври илмӣ ҷудо карда шаванд. Ин равиш ба таъмини возеҳият, якхелафаҳмӣ ва самаранокии татбиқи принсипҳо дар амалиёти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат менамояд.

7. Яке аз унсурҳои механизми танзими ҳуқуқӣ мебошанд. Дар баробари предмет ва усули танзими ҳуқуқӣ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ҷудокунии соҳаҳои ҳуқуқ аҳаммияти калон доранд.

Қонуни ҷиноятӣ на танҳо маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятқорӣ мебошад, балки ҳамчун воситаи муҳими татбиқи сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ амал мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи таҳлили таносуб ва робитаи байни принсипҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ) ва принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ дар шароити муосири таҳаввулоти ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ аҳамияти назарраси назариявӣ ва амалӣ касб мекунад. Ба андешаи олими маъруф И.А. Исмаилов, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «самтҳои дохилии ташкил, фаъолият ва рушди низоми мубориза бо ҷиноятқорӣ» ва ҳамзамон ҳамчун ифодаи маҷмуии моҳият ва муҳтавои сиёсати ҷиноятӣ баромад мекунанд. Ин мавқеи илмӣ ду ҷанбаи муҳимро фаро мегирад:

1. Ҷанбаи сохторӣ-ташкилотӣ, ки дар он принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ чун унсурҳои системавӣ ва дохилии ташаккул ва фаъолияти низоми мубориза бо ҷиноятқорӣ нақш мебозанд. Ин принсипҳо аз ҷумла

принсипи қонуният, инсондӯстӣ, демократизм, фардикунонии ҷавобгарӣ, гунаҳгорӣ ва ғайраро фаро мегиранд, ки ҳамчун қоидаҳои асосӣ самти татбиқи қонун ва адолати судиро муайян месозанд.

2. Ҷанбаи сиёсӣ-моҳиятӣ, ки тибқи он принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ифодаи ҳуқуқии сиёсати ҷиноятии давлат мебошанд. Онҳо моҳияти стратегӣ ва арзишии сиёсати давлатро дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ инъикос мекунанд. [34, с. 142]. Аз ин нуқтаи назар, таносуби байни принсипҳои Кодекси ҷиноятӣ ва сиёсати ҷиноятӣ дуҷониба мебошад: аз як тараф, сиёсати ҷиноятӣ заминаи иҷтимоӣ ва сиёсиро барои ташаккул ва таҳияи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ фароҳам меорад; аз ҷониби дигар, маҳз тавассути принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, сиёсати ҷиноятӣ дар шакли ҳуқуқии мушаххас ва ҳатмӣ ифода ва татбиқ мешавад. Дар маҷмӯъ, ин робитаи зич ва мутақобилан таъсиррасон заминаи муҳим барои таъмини якпорчагӣ, устуворӣ ва самаранокии низоми мубориза бо ҷинояткорӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи тартибот ва амнияти ҳуқуқӣ мебошад.

Тафсири пешниҳодкардаи О.Ю. Манин дар бораи принсипҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ бо як нигоҳ ба моҳияти стратегӣ ва сохтории ин падида равона шудааст. Ба андешаи ӯ, принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ ҳамчун ғояҳои асосӣ ва роҳнамои методологӣ амал мекунанд, ки мазмуни қонунгузории ҷиноятӣ, самтҳои амалисозии он ва механизми мубориза бо ҷинояткориро ҳам дар сатҳи умумидеворативӣ ва ҳам дар сатҳи ҳалли вазифаҳои мушаххас муайян месозанд [117, с. 173]. Муаллиф бо пешниҳоди низоми мукаммали принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ, онҳоро дар шакли принсипҳои умумӣ ва хусусӣ гурӯҳбандӣ мекунад, ки муҳимтаринашон чунинанд: қонуният, демократизм, адолат, инсондӯстӣ. Дар маҷмӯъ, тавсифи пешниҳодкардаи Манин таъкид мекунад, ки принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ хусусияти саросарӣ, роҳнамоӣ ва мукаммал

дошта, онҳо моҳиятан на танҳо мазмуни қонунгузорӣ, балки тамоми механизми амалисозии сиёсати ҷиноятиро, аз қабили муайян кардани усулҳо, воситаҳо, самтҳо ва стратегияҳои мубориза бо ҷиноятқориро фаро мегиранд. Ин муносибат аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта, барои ташаккули сиёсати ҷиноятии самаранок, мутобиқ ва илмӣ асосёфта дар шароити муосир, аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, манфиати амалӣ дорад.

Мо ҷонибдори ақидаи профессори маъруф А.И. Коробеев ҳастем, ки дар таҳқиқоти илмии худ принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ҳамчун маҷмӯи ақидаҳо ва роҳнамоиҳои асосӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятқорӣ тавсиф мекунад. Ба андешаи ӯ, ин принсипҳо ҳамчун бунёдҳои методологӣ ва арзишӣ, ки дар мундариҷаи дастурҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷассум ёфтаанд, амал мекунанд ва на танҳо самти ташаккули воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии мубориза бо ҷиноятқориро муайян месозанд, балки бевосита ба амалияи татбиқи онҳо низ таъсир мерасонанд [109, с. 269-270]. Ин тафсир ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ танҳо як маҷмӯи назариявӣ ё ғояҳои умумӣ нестанд, балки онҳо дорои хусусияти амалӣ, ташаккулдиҳанда ва танзимкунанда мебошанд. Маҳз тавассути ин принсипҳо на танҳо мундариҷаи қонунгузории ҷиноятӣ, балки равандҳои воқеии ташаккули сиёсати ҷиноятӣ, таҳияи воситаҳои ҳуқуқӣ, таҳияи стратегияҳои мубориза бо ҷиноятқорӣ ва механизмҳои татбиқи қонун муайян карда мешавад.

Муҳимияти ин мавқеъ дар он аст, ки он робитаи зичи байни сиёсати ҷиноятӣ ва ҳуқуқи ҷиноятиро нишон медиҳад, яъне: принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ самти умумии стратегӣ ва арзишии мубориза бо ҷиноятқориро муайян мекунанд; меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ифодаи ҳуқуқии ин принсипҳо буда, онҳоро дар шакли ҳатмии ҳуқуқӣ ташаккул медиҳанд; амалияи татбиқи ҳуқуқ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ин принсипҳо такя намуда, тартиб ва механизмҳои воқеии пешгирӣ,

ошкорсозӣ ва пешбурди мубориза бо ҷиноятқориро таъмин мекунад. Бо ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки фаҳмиши муосир ва амиқи моҳияти принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки дар андешаи А.И. Коробеев ифода ёфтааст, барои таҳияи сиёсат ва қонунгузории муосири ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо заминаи назариявӣ ва амалии муҳим фароҳам меорад.

Муаллиф ба он назар аст, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ сарчашма гирифта, онҳоро мушаххас ва муфассал гардонида, онро бо маводҳои ҳуқуқӣ таъмин мегардонад.

Ҳамин тариқ, принсипҳои бунёдии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ҷумлаи принсипҳои «созанда» («ташкилкунанда»)-и ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд, яъне принсипҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ асоси ташаккули принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд.

Дар самти таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ ҷиноятӣ масъалаи таснифи принсипҳо нақши меҳвариро ишғол менамояд.

С.С. Алексеев дарвоқеъ мақсаднок зикр намудааст, ки «таснифи баъзе ашёҳо, падидаҳо на танҳо барои коркарди ибтидоӣ ва ба тартиб даровардани маводи дахлдор аҳаммияти калон дорад. Ғайр аз вазифаҳои низомсозӣ, таснифкунӣ дигар вазифаҳои мураккабро низ иҷро мекунад: он имкон медиҳад, ки тамоми ҳаҷми маводи таснифшударо ба майдони назари таҳқиқотчӣ ҷалб кунад, доираи васеи объектҳои омӯхташавандаро фаро гирад ва аз ин рӯ, аз яктарафа будани тафсири илмии онҳоро канорагирӣ кунад. Аз ҳама асосӣ – таснифот имкон медиҳад, ки ҳангоми муайян кардани меъёрҳои он хусусиятҳои нав ва сифатии ин ашёҳо ва падидаҳо ошкор карда шаванд» [93, с. 16].

Ба андешаи мо, таърифи мафҳуми «тасниф» дар таҳқиқоти А.И. Бойко ва А.Н. Ратков «Таснифи ҷиноятҳо ва аҳаммияти он дар ҳуқуқи муосир» мушаххасстар оварда шудааст: «Тасниф яке аз воситаҳои

навъбандии ҳуқуқии падидаҳо ё мафҳумҳо, шарти асосии самтгузории сарфакорона ва зуд дар доираи васеи талаботҳои меъёрии давлат мебошад, он амали мантиқӣ ва натиҷаи ба категорияҳои нисбатан якхела – аз рӯи меъёрҳои муайян ва бо мақсади истифодаи минбаъда дар илму амалия, тақсим кардани тамоми ҳаҷми ин талабот, падидаҳо ва мафҳумҳо ба ҳисоб меравад» [24, с. 21].

Дар ҳолати дигар, принсипҳои соҳавии ҳуқуқ аз принсипҳои умумиҳуқуқӣ бо нишон додани хусусиятҳои соҳавии онҳо ҷудо карда мешаванд. С.Г. Келина ва В.П. Кудрявтсев кӯшишҳои ҷудо кардани принсипҳои соҳавиро, яъне принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар шакли «соф», бесамар мешуморанд, зеро агар ягон принсипи ҳуқуқӣ ба принсипҳои умумиҳуқуқӣ тааллуқ дошта бошад, пас он дар ҳама соҳаҳои ҳуқуқ амал мекунад (масалан, принсипи қонуният), вале дар ҳар як гурӯҳи соҳаҳои ҳуқуқ ва дар ҳар як соҳаи мушаххаси ҳуқуқ ин принсип ба таври худ зоҳир мешавад, «хусусияти зуҳури он бо хусусиятҳои предмет ва усули танзими ҳар як соҳаи ҳуқуқ муайян карда мешавад, яъне бо хусусиятҳои вазифаҳо ва уҳдадориҳое, ки ин ё он соҳаи ҳуқуқ онро иҷро мекунанд. Вобаста ба ин, зарур шуморида намешавад, ки ин принсипҳоро муайян ва ҷудо кунем, ки хоси ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд ва дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ такрор намешаванд, балки ҷудо кардани принсипҳое, ки моҳияти ҳақиқии ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос мекунанд, вазифа ва функсияҳои онро дар давлат муайян мекунанд, шарт ва зарур мебошад» [35, с. 62-63].

Ба теъдоди чунин принсипҳо муаллифон инҳоро дахл менамоянд: а) қонуният; б) баробарии шаҳрвандон дар назди қонун; в) принсипи ҷавобгарии шахсӣ; г) принсипи гунаҳгорӣ; д) ногузирии ҷавобгарӣ; в) адолати ҷавобгарӣ; ж) инсондӯстӣ; з) принсипи демократизм. Дар ин рӯйхат, ба ақидаи муаллифон, маҳз ҳамон принсипҳои ҳуқуқӣ ҷиноятӣ дохил карда шудаанд, ки масъалаҳои муҳимтарини ҳуқуқи ҷиноятиро фаро мегиранд.

П.А. Фефелов бошад, ду гурӯҳи принсипҳоро ҷудо мекунад: умумиҳуқуқӣ ва мушаххас [75, с. 98]. Ба ақидаи муаллиф, принсипҳои умумиҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногун на бевосита дар баробари принсипҳои соҳавӣ, балки танҳо ба воситаи ҳамин принсипҳои соҳавӣ амал мекунанд. Ӯ ба охирин принсипи фардикунонии ҷазоро дохил мекунад, чунки ин принсип «танҳо дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар шудааст, дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ бошад, на ҳамчун принсипи ин ё он соҳаи ҳуқуқ, балки ҳамчун ғояи шуури ҳуқуқӣ баромад мекунад. Дар хусуси чунин принсипҳо бошад, ба монанди «ҷавобгарии фардӣ», «принсипи ҷавобгарии гуноҳ», муаллиф қайд менамояд, ки онҳо бо принсипи фардикунонии ҷазо фаро гирифта мешаванд, принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун бошад, дар принсипи махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ - принсипи ногузирии ҷазо, мушаххас карда мешавад [75, с. 99].

Ҳамин тариқ, ҷонибдорони ин равия чунин мешуморанд, ки принсипҳои умумиҳуқуқӣ (принсипҳои низоми ҳуқуқ) тавассути принсипҳои соҳавӣ зуҳур мешаванд, ки дар навбати худ як навъ тағйирёбии принсипҳои умумиҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи И.Э. Звечаровский «принсипхои умумиҳуқуқӣ, байнисоҳавӣ ва махсус ҳамчун категорияҳои умумӣ, махсус ва ягона мутаносибан бо ҳам алоқаманданд» [31, с. 37].

Ба андешаи Т.В. Кленова дар танзими ҳуқуқи соҳавӣ принсипҳои умумиҳуқуқӣ низ мазмуни мустақил доранд, онҳо на танҳо дар принсипҳои махсуси соҳавӣ татбиқ карда мешаванд, балки принсипҳои соҳаи муайянеро дар як низом пурра ва муттаҳид менамоянд [108, с. 55].

Профессор Б.Д. Филимонов бошад, таснифбандии хоси принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро бо чунин тарзҳо пешниҳод менамояд:

1) вобаста ба хусусият ва мундариҷа:

– он принсипҳое, ки мазмун, моҳият ва системаи меъёрҳои ҳуқуқиро муайян мекунанд ва чавобгариро барои содир намудани ҷиноятҳои

мушаххас муқаррар менамоянд, ки ин хоси меъёрҳои қисми махсуси меъёрҳои Қонуни ҷинояти дарҷ меёбад.

Инчунин ин–принсипҳое эътироф мегарданд, ки асосан ба Қисми умумии Қонуни ҷиноятии рабт дошта ва дар онҳо ифода меёбанлд (аз ҷумла дар принсипи қонуният, баробарии ҳама дар назди қонун, гунаҳгорӣ, адолат, инсондӯстӣ) вуҷуд доранд.

2) вобаста ба сохтори меъёрҳо:

– содда: он меъёрҳое ба ҳисоб мераванд, ки аз як талабот, як унсур ва як меъёр таркиб ёфтаанд;

– мураккаб: аз ду ё зиёда талабот, аз ду ва зиёда унсур иборат ёфтанд, ки бо як самти умумии иҷтимоӣ алоқаманданд [78, с. 126].

Таваҷҷуҳи зиёди илмиро таснифи ба амал бароварда шудаи принсипҳое, ки оё принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Конститутсия пешакӣ муқаррар шудаанд ё на, пайдо мекунад. Ин таснифотро метавон ба таври зерин пешбинӣ намуд:

1) принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ба муқаррароти конститутсионӣ асос ёфтаанд, ин муқаррарот дар бораи қонуният (мод. 5, 14, 15, 19 ва ғ. Конститутсияи ҶТ – м. 4 КҶ ҶТ), баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд (м. 17-и Конститутсияи ҶТ – м. 5 КҶ ҶТ), инсондӯстӣ (м. 20 Конститутсияи ҶТ – моддаи 9 КҶ ҶТ), номумкин будани таъини ҷазои такрорӣ барои ҳамон як ҷиноят (м. қ. 2, м. 20 Конститутсияи ҶТ – қ. 2 м. 8 КҶ ҶТ).

2) принсипҳое, ки мустаҳкамии конститутсионии пешакӣ наёфтаанд (принсипи гунаҳгорӣ – м. 7 КҶ ҶТ, принсипи адолати ҷазои ҷиноятӣ, принсипи ногузирии ҷавобгарӣ – м. 6 КҶ ҶТ ва дигар чорабҳои хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дошта – қ. 1 м. 8 КҶ ҶТ).

Дар заминаи таҳлили муқаррароти м.м. 3-10 КҶ ҶТ метавон қайд намуд, ки аксари мушаххасоти аҳаммияти умумиҳуқуқии принсипҳои КҶ ҶТ дар як қатор муқаррароти меъёрии Конститутсияи ҶТ пешбинӣ карда

шудаанд. Дар доираи ин низом ба гурӯҳҳо тасниф намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мақсадҳои таснифшавӣ, метавонад гуногун бошанд: аз ҷиҳати мазмун, аз ҷиҳати аҳаммият, миқёс ва ғ. Қобили зикр аст, ки ҳар гуна таснифот аз ҷиҳати назариявӣ метавонад дуруст бошад, агар ба сифати асос аломати устувор гирифта, хосияти сифатӣ ва асолати падидаҳои таснифшавандаро ифода намояд.

Бояд иброз намуд, ки айни замон вобаста ба муайян намудани номгӯи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ миёни олимон назарияҳои мухталиф мавҷуд мебошад. Аз ҷумла, ба шумораи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ сарфаи ҷазо (таъқиб)-и ҷиноятӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ ва аз нав тарбия намудани маҳкумшудагон ва ғ. мансуб дониста мешаванд. Вале, бояд иброз намуд, ки ҳамчун принсип эътироф намудани мафҳумҳои мазкур баҳснок мебошад.

Принсипи сарфакоронаи таъқиб, гарчанде ки табиати ҳуқуқи ҷиноятиро инъикос кунад ҳам, лекин танҳо як ҷанбаи алоҳидаи татбиқи принсипи инсондӯстӣ ба ҳисоб меравад.

Профессор В.Д. Филимонов дурустии мансуб донистани «ҳавасмандгардонии пешгирии ҷиноятҳо, оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки онҳо ва ислоҳи маҳкумшудагон»-ро ба принсипҳои қонуни ҷиноятӣ чунин асоснок мекунад: «Дар қонуни ҷиноятӣ муқаррароти зиёде мавҷуд мебошанд, ки дар навбати аввал шаҳрвандони ба қонун тобеъро барои пешгирии ҷиноятҳо ҳавасманд мекунанд (мудофиаи зарурӣ, зарурати ниҳоӣ ва ғ.), сониян, шахсонеро, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир кардаанд, барои ислоҳшавӣ (шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан, авф, бахшиши ҷазо, бекор кардани доғи судӣ, сафедкунӣ ва ғ.) [78, с. 135-136].

Дар баробари ин, ба андешаи И.Э. Звечаровский пешгирӣ кардани ҷиноятқорӣ ва аз нав тарбия кардани маҳкумшудагон – ин принсипҳои

ҳуқуқи ҷиноятӣ набуда, балки вазифаҳои тамоми маҷмуи соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла соҳаҳои ғайриҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мебошад [31, с. 59].

Агар мо ба матни қонуни ҷиноятии кишвар назар афканем, метавон бо итминон изҳор кард, ки пешгирии ҷиноятҳо ба вазифаҳои КҶ ҶТ мансуб дониста шудааст (м.м. 1, 2 КҶ ҶТ). Илова бар ин, ба истилоҳ пешгирии хусусӣ ва ислоҳи маҳкумшудагон мақсади татбиқи ҷазо мебошанд – қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ, инчунин чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта – м. 89 ва қ. 1 м. 90-и КҶ ҶТ бо мақсади ислоҳи ноболиғи бори аввал ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содирнамуда ва чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ – фасли VI КҶ ҶТ ҷиҳати муолиҷаи шахсоне, ки дар қисми 1 м. 97 КҶ ҶТ зикргардида ё беҳбуди ҳолати рӯҳии онҳо, инчунин пешгирии кирдорҳои наве, ки метавонад аз ҷониби онҳо содир шавад ва дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, иборат мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, оид ба масъалаи зарурати дохил намудани ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қатори принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, доираи гуногуни андешаҳо мавҷуданд.

Ба андешаи мо, бояд бо он муаллифоне, ки ба низоми принсипҳо ногузирии ҷавобгарии ҷиноятиро дохил кардан зарур мешуморанд, розӣ шуд. Ҳамин ақидаро 60% кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби муаллиф пурсиш карда шудаанд, ҷонибдорӣ мекунанд. Ба ифшои мазмуни ин принсипи ҳуқуқи ҷиноятӣ банди алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудааст.

Дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ, андешаву назари олимон ва таҳлили анҷомдодашуда чунин хулоса ва пешниҳодҳоро манзур намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Дар давраи шуравии рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипҳои аз ҷиҳати ғоявӣ ғании ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ таваҷҷуҳи хоса доштанд, ба монанди синфҳо, ватандустӣ, интернатсионализми пролетарӣ ва

демократияи шуравӣ, ки бо муносибати дар он вақта ҳукмрони догматикӣ, нисбат ба тамоми зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятӣ, комилан фаҳмо аст. Принсипҳои демократии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонуни ҷиноятии шуравӣ пурра ташаккул наёфта буданд. Дар баробари ин, онҳо муддати дароз дар матнҳои Асосҳои қонунгузории ҷиноятии шуравӣ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, инчунин дар кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои шуравӣ, таҷассуми худро наёфта буданд. Марҳилаи назарраси натиҷаҳои ба даст омадаи фаъолияти олимони шуравӣ ин аз ҷониби Шурои Олии ИҶШС соли 1991 қабули «Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ» ба ҳисоб мерафт, ки бо сабаби барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ онҳо ба ҳукми амал надаромаданд.

2. То қабул шудани КҶ ҶТ дар соли 1998 олимон ба низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ умуман он ақидаҳоеро низ дохил менамуданд, ки принсипҳои инсондӯстӣ, гунаҳгорӣ, қонуният, адолат ва баробарҳуқуқиро ифода менамоянд. Як қатор муҳаққиқон ва олимон дар таълифоти хеш (дар даврони шӯравӣ) принсипи инсондӯстӣ, «сарфа»-и ҷавобгарии ҷиноятиро мавриди таҳлил қарор додаанд. Аз ҷумла, Я.М. Брайнин, М.Д. Шаргородский, А.Б. Сахаров, Н.И. Загородников, Ю.А. Демидов, П.А. Фефелов ва диг. Сарфи назар аз он ки принсипи гунаҳгорӣ аз ҷониби муаллифон ба таври гуногун – ҷавобгарии гунаҳгорӣ, ҷавобгарӣ барои гунаҳгорӣ, ҷавобгарии шахсии гунаҳгор, муайян карда шуда бошад ҳам, дар ниҳоят он бо мазмуни ягона пурра мешуд (П.И. Загородиикоѵ, М.Д. Шаргородскши, А.Б. Сахаров, Г.А. Кригер, Г.Б. Виттенберг, С.Г. Келина, В.И. Кудрявсев ва диг.). Принсипи қонуният дар осори он давра (Я.М. Браинин, Н.И. Загородиикоѵ, М.Д. Шаргородский, А.Б. Сахаров, Г.Б. Виттенберг ва диг.) васеъ ифода ёфтааст. Принсипи адолат дар асарҳои олимони давраи шуравӣ (С. Г. Келина, В.Н. Кудрявтсев, Ю.Д. Блюштейн, А.И. Экимова, А.Н. Яковлев ва диг.) низ амиқ кушода шудааст.

3. Мероси илмии ҳуқуқи ҷиноятии даврони шуравӣ, новобаста аз тағйироти сиёсӣ ва ҳуқуқии ба амаломада, то ба имрӯз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣи худро нигоҳ доштааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки маҳз дар марҳилаи шуравӣ, заминаҳои назариявии таҳия ва ташаккули принсипҳои демократии ҳуқуқи ҷиноятӣ гузошта шуданд, ки дар таҳияи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошуравӣ нақши калидӣ бозиданд. Яке аз намунаҳои возеҳи истифода ва идомаи ин мероси илмӣ, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 мебошад, ки дар таҳия ва муҳтавои он принсипҳои бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки аз замони шуравӣ ташаккул ёфта буданд, ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Инчунин, Кодекси ҷиноятии намунавӣ барои кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), ки соли 1996 аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ қабул гардидааст, яке аз натиҷаҳои мустақими истифодаи таҳқиқоти илмии давраи шуравӣ мебошад. Муҳтавои Кодекси ҷиноятии намунавӣ, ба мисли дигар санадҳои қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ, зери таъсири афкори илмии шуравӣ шакл гирифтааст. Дар ин самт, нақши омӯзиши амиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо дар қонунгузорӣ возеҳ эҳсос мешавад, ки он самтҳои демократӣ, инсондӯстӣ, қонуният, адолат ва дигар арзишҳои бунёдиро фаро мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомшуда дар давраи шуравӣ, махсусан дар бахши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, то ба имрӯз манбаи муҳим барои дарки назариявӣ ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ, инчунин барои коркарди тадбирҳои ислоҳ ва такмили он ба ҳисоб мераванд. Ин ҳолат зарурати идомаи омӯзиши мероси илмии гузашта, мутобиқсозии он ба шароити нави иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии кишварҳои пасошуравиро таъкид мекунад. Мероси илмии ҳуқуқи ҷиноятии даврони шуравӣ бо вуҷуди тағйирёбии муҳити ҳуқуқӣ, ҳамчун поя ва заминаи рушди минбаъдаи низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ аҳамияти худро нигоҳ доштааст.

4. Аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гуногунҷабҳа аст. Албатта, ба матни КҶ ҶТ ворид намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро пеш аз ҳама, ҳамчун кафолати роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шуморидан лозим аст.

5. Таҳлилу баррасии мавзуъ собит менамояд, ки таърифи мафҳумҳои «принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ», «принсипҳои Кодекси ҷиноятӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ муайян нагардидааст, ки мушкилоти танзими ҳуқуқӣ ва татбиқиро ба вуҷуд меорад. Вобаста ба ин, мо таърифҳои ин мафҳумҳоро тавассути истихроҷ ва таҳлили хусусиятҳои хоси онҳо, баррасӣ намуда, зарурати дар қонунгузорӣ муайян шудани онҳо мавҷуд мебошад.

6. Айни замон дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ якчанд нуктаи назар мавҷуд аст. Ба андешаи мо, дурусттарин таснифот чунин мебошад, ки инъикоси пешакии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар Конститутсияи ҶТ таҷассум менамояд.

7. Дар заминаи таҳлили назаиву мулоҳизаҳои алоҳидаи олимон оид ба масъалаи низоми ғояҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба андешаи мо, ба ин низом бояд принсипи қонуният, принсипи баробарӣ, принсипи гунаҳгорӣ, принсипи адолат, принсипи инсондустӣ, принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ, дохил карда шаванд.

БОБИ 2. ТАТБИҚИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ДАР МАТНИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии принсипи қонуният

Танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи қонуният, пеш аз ҳама мазмуни муқаррароти дар Конститутсияи ҶТ [1] мустаҳкамшударо инъикос мекунад (м.м. 5, 10, 14, 15, 19 ва ғ.). Аз дигар ҷиҳат, муқаррар гардидани принсипи мазкур бо меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст, ки ин аз муқаррароти б. 1 м. 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 [14], б. 1 м. 7 Конвенсияи Шурои Аврупо «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон» аз соли 1950 бармеояд.

Дар заминаи чунин нишондодҳо дар қ. 2 м. 1-и КҶ ҶТ дарҷ гардидааст, ки «Кодекси мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад».

Принсипи қонуният ба ҳайси заминаи бунёдии таҳияи КҶ ҶТ ва ҳамзамон татбиқи воқеии он баромад менамояд. Н.А. Нирков таъкид медорад, ки «дар радифи принсипи адолат, принсипи қонуният низ хусусияти муайяне дорад, ки аз қобилияти иқтидории на танҳо таъсир расонидан ба иҷрои вазифаҳои дар назди соҳа истода, на танҳо барои пешакӣ муайян кардани мазмуни ниҳодҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки ҳамчун пояи устувор, аз ҷумла барои принсипҳои ибтидоии ҳуқуқи ҷиноятӣ хизмат менамояд ва “далели ин гуфтаҳо он ҳолат шуда метавонад, ки баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, ҷавобгарии гуноҳӣ, асоснокунии аломатҳои дар қонун нишондодашуда, инсондӯстӣ дигар чизе ҷуз зуҳурот, мушаххас гардонидани принсипҳои адолат ва қонуният мебошанд» .

Маҳз принсипи қонуният дар м. 4-и КҶ ҶТ номгӯи принсипҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ошкор мекунад, ки низоми ғояҳои роҳнамои ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд. Тибқи муқаррароти моддаи мазкури КҶ ҶТ:

1) Ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд.

2) Ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашида намешавад ба ҷуз бо ҳукми суд ва дар асоси қонун.

3) Татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯи қиёс манъ аст.

4) Мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад.

Ҳамин тариқ, принсипи мазкур аз як қатор талаботи қонунӣ иборат аст. Ҳанӯз дар асри XVIII намояндагони равшанфикрони Аврупо ин қоидаро эълон карда буданд. Ин ғоя дар асарҳои онҳо фаъолона пешбинӣ карда мешуд.

Ш. Монтеске, Ч. Беккария, Д. Дидро ва дигарон дар асарҳои худ таъкид мекарданд, ки доираи ҷиноятҳо бояд бо қонунҳои ба аҳолӣ маълум муайян карда шаванд, на балки бо хоҳиши шахсони мансабдор. Бо ин имкони истифодаи қонуни ҷиноятиро аз рӯи қиёс, яъне татбиқи қонуни ҷиноятии шабеҳ нисбат ба ҳолатҳои дар он бевосита пешбининашуда иҷозат дода намешуд.

Кодекси ҷиноятӣ ягона санади меъёрӣ-ҳуқуқиест, ки ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо будани он ва дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноиро муқаррар мекунад. Ба ғайр аз КҶ, дигар ягон қонун ё санади зерқонунӣ ин масъалаҳоро ҳал карда наметавонад. Ҳамчунин, ягон шахси мансабдор ё мақоми давлатӣ (аз он ҷумла, судҳо, мақомоти прокуратура, тафтишот ва ғ.) худсарона, бидуни КҶ ҷиноят будани кирдорро муқаррар карда наметавонанд. Танҳо қонуни ҷиноятӣ ба ин қодир аст.

Ҷиноят будани кирдор ва ҷазои он танҳо дар асос ва доираи қонуни ҷиноятӣ муайян мешавад. Дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ низ айнан ҳамин тавр бо КҶ муқаррар мешаванд (аз қабилӣ, гирифтани доғи судӣ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ ва тиббӣ дошта ва ғ.). Яъне, танҳо КҶ аломатҳои таркиби ҷиноятро барои ҳар як кирдор, ҷазоҳои мушаххаси ҷиноятӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноиро пешбинӣ мекунад.

Агар қонуни ҷиноятӣ набошад, пас ҷавобгарӣ ҳам нест. Дар сурати пайдо шудани кирдори нави ба ҷамъият хавфнок, масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин кирдор танҳо бо роҳи ворид намудани илова ба КҶ ҳал мешавад.

Бояд гуфт, ки дар КҶ ҶШФСР солҳои 1922 ва 1926, масалан имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҳаракатҳо (беҳаракатӣ), ки дар Кодекс пешбинӣ нашуда буданд, муқаррар карда шуда буд, агар онҳо ба ҷиноятҳои дар он нишондодашуда, монандӣ доштанд.

Гузашта аз ин, кодекси ҷиноятии зикргардида имкон медодад, ки ашхосе, ки ҷиноятҳои мушаххаси пешбининамудаи КҶ-ро содир накардаанд, лекин «хавфнок эътироф мешуданд», ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд.

Қонунгузории ҷиноятии мавҷудбуда асос медиҳад, ки дар бораи ҷазо додани кирдор ҳамчун таҳдид, бо сабаби мавҷудияти институтҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо сухан ронд (озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор – м. 72 КҶ ҶТ, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида – м. 73 КҶ ҶТ, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият – м. 74 КҶ ҶТ, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан – м. 75 КҶ ҶТ, шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан – м. 76 КҶ ҶТ, бо сабаби

беморӣ аз ҷазо озод кардан – м. 79 КҶ ҶТ, озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда – м. 80 КҶ ҶТ).

Сеюм, танҳо дар қонуни ҷиноятӣ бояд асосҳои татбиқи ҳам ҷазо ва ҳам дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муқаррар карда шаванд [55, с. 12-18], [43, с. 18].

Ба андешаи мо, дар м. 4-и КҶ ҶТ муқаррарот оид ба асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд мустаҳкам карда шавад. Ҳатто дар давраи шуравии рушди илм, олимон ин муқарраротро ҳамчун зуҳуроти принсипи қонуният ҳисобида, дар айни замон ин андешаро як қатор олимон низ дастгирӣ мекунанд [41, с. 224], [50, с. 172].

Дар асоси гуфтаҳои боло мо пешниҳод менамоем, ки ба м. 4-и КҶ ҶТ қ. 3 бо мазмуни зерин илова карда шуда, қ.қ. 3 ва 4 мувофиқан қ.қ. 4 ва 5 пешбинӣ карда шаванд: «3. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст».

Дар баробари ин, ба андешаи И.Э. Звечаровский бо дарназардошти он ки «асоси фарқият гузоштан миёни ҷиноятҳо ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо дараҷаи хавфнокӣ ба ҷамъият маҳсуб мегардад, ки ин дар навбати худ дар санксияи модда ифода ёфтааст, дар муқаррароти вобаста ба принсипи қонунияти дар қонуни ҷиноятӣ пешбинигардида, бояд иловаи зерин ҷойгир карда шавад: «Ҷазои ҷиноятӣ танҳо барои ҷинояти содиршуда ва бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур татбиқ карда мешавад» [31, с. 47].

Дигар ин ки қонуни ҷиноятӣ ба сифати сарчашмаи бевоситаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад менамояд. Ин ҷиҳати принсипи қонуният бевосита дар қ. 1 м. 1-и КҶ ҶТ инъикос ёфтааст, ки тибқи он «Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин Кодекс иборат аст. Қонунҳои наве, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ба Кодекси ҷиноятӣ бояд дохил карда шаванд».

Ба андешаи А.В. Наумов «талаботи пурраи кодификатсияи меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо эълон карда мешавад, яъне ба кодекси ягонаи ҷиноятӣ дохил кардани онҳо. Қонунҳои алоҳида, масалан, дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои ҳарбӣ ва кирдорҳои ношоиста ё дар бораи ҷавобгарии ноболиғон, набояд мустақилона амал кунанд» [55, с. 23] «бо сабаби он ки набояд принсипи эътирофи ҷиноят ва ҷазопазирии кирдор дар Кодекси ҷиноятӣ (м. 1-4 КҶ ҶТ) пешбинигардида, вайрон карда шавад».

Шашум, ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор бо қонуне муайян карда мешавад, ки дар вақти содир кардани ин кирдор амал мекард. Қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро муқаррар менамояд, ҷазоро пурзӯр мекунад ё ба тариқи дигар вазъи шахсеро, ки ин кирдорро содир намудааст, бадтар месозад, қувваи бозгашт надорад. (қ. 3 м. 13 КҶ ҶТ).

Конститутсия он муқаррароти асосиро дар бар мегирад, ки қонуни ҷиноятӣ бояд ба онҳо қатъиян итоат кунад. Дар қ. 1, м. 15-и Конститутсияи ҶТ муқаррароти Конститутсия эътибори олии ҳуқуқидошта пешбинӣ гардида, мустақиман амал кардани меъёрҳои он кафолат дода шудааст.

Дар КҶ ҶТ, боби 19 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд» пурра ба ҳифзи ҳуқуқҳои дар Конститутсияи ҶТ эълоншуда оид ба дахлнопазирии манзил, махфияти мукотиба, ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин, нигаронида шудааст. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимояи судӣ дар боби 32-и КҶ ҶТ оид ба ҷиноятҳои зидди адолати судӣ танзим карда шудааст.

А.И. Бойко қайд менамояд, ки асоснокии Қонуни ҷиноятӣ ба Конститутсия маънои тобеияти бечунучаро ва ҳамоҳангшудаи матни Қонуни ҷиноятӣ ба муқаррароти Қонуни асосии кишвар, зарурати татбиқи соҳавии меъёрҳои конститутсионӣ дар Қонуни ҷиноятӣ ва

тағйироти минбаъдаи онро (чун қоида дар моддаҳои Қисми махсус) дорад [39, с. 28].

«Тобеияти матни КҶ ба муқаррароти Қонуни асосии кишвар», чунон ки ба назар мерасад, дар навбати худ талаботи субконститутсионӣ будани КҶ-ро ба миён мегузорад. Субконститутсионӣ талаб мекунад, ки дар ҳолати ихтилофи байни меъёрҳои Конститутсия ва КҶ бояд муқаррароти Конститутсия амал кунад.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Созишномаҳои Вена аз соли 1986-1989, Конвенсияҳои мубориза бар зидди нашъамандӣ, терроризм, қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ ва дигар, ки ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалиро муайян мекунанд, заминаҳои муҳими ҳуқуқии принсипҳо ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба масъалаи танзими вазифаи бо принсипу меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқ кунондани матни КҶ нисбат ба якчанд намудҳои лоиҳаҳо, ки ба соҳибихтиёрӣ ва тамомияти кишвар дахл доранд, мувофиқ кунонидани муқаррароти Кодекс ба меъёрии байналмилалӣ, афзалияти ҳуқуқи ҷиноияти байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои миллӣ, дар бораи қобили қабул будани принсипи амали бевоситаи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ дар қаламрави ҶТ нуктаҳои назари баҳсбарангез мавҷуд мебошад.

Воқеан, меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки кодификатсия нашудаанд, аз ҷиҳати хусусият, усули мустаҳкамшавӣ ва муносибати худ бо меъёрҳои Конститутсия ва КҶ ҶТ наметавонанд бевосита амал кунанд. П.И. Пикуров иброз медорад, ки «азбаски таъиноти асосии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ин танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳамкории давлатҳо дар мубориза бар зидди ҷинояткории байналмилалӣ, таъмини «ногузирии ҷавобгарӣ ва ҷазо барои ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалӣ дошта» мебошад» [59, с. 20], чунин

ба назар мерасад, ки «муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии дохилӣ танҳо тавассути қонунгузории миллӣ танзим карда мешаванд» [58, с. 8].

Чӣ тавре ки В.В. Малтсев таъкид мекунад, меъёрҳои сершумор ва паҳншудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар сарчашмаҳои аз ҷиҳати мазмун ва ҷойгиршавӣ гуногун муқаррар шудаанд, бинобар интишор нагардидан ва дастраси умум нагардидани онҳо, наметавонанд таъсири мустақим дошта бошанд [48, с. 37] (барои мисол, муқаррароти қ. 4, м. 10 Конститутсияи ҶТ шуда метавонад).

Ҷанбаи баррасишавандаи масъала бевосита ба зарурати мутобиқсозии қонунгузории ҷиноятии миллӣ бо стандартҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус дар бахши ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ, алоқаманд мебошад. Ин раванд яке аз самтҳои муҳим ва мушкили ташаккули ҳуқуқи ҷиноятии муосирро ташкил медиҳад, ки татбиқи самараноки ӯҳдадориҳои байналмилалии давлатро дар соҳаи мубориза бо ҷиноятқорӣ таъмин менамояд.

Тибқи талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ, давлатҳо ӯҳдадоранд, ки ҷиноятҳои махсусан хавфнок, аз ҷумла ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ ба монанди терроризм, савдои инсон, ҷиноятҳои зидди амнияти инсон, фасод, ҷиноятҳои зидди сулҳ ва амнияти инсонӣ ва дигар ҷиноятҳои муқаррарнамудаи санадҳои байналмилалиро дар қонунгузории миллӣ ба таври возеҳ ва самаранок танзим намоянд.

Дар ин раванд, барои қонунгузори миллӣ масъалаи интихоби усулҳо ва методҳои дурусти татбиқи мамнуиятҳо ва талаботи конвенсионӣ, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ, махсусан конвенсияҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, хеле душвор боқӣ мемонад. Ин мушкилот на танҳо характери ҳуқуқӣ, балки характери техникӣ ва методологӣ низ дорад.

Ҷанбаи муҳими наздик шудани ҳуқуқи ҷиноятии низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ин бастани конвенсияҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад.

Аҳаммияти онҳо бо вазифаҳои мубориза бар зидди ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта, асоснок карда мешаванд. Масалан, 27 январи соли 1999 Шурои Аврупо Конвенсия оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои коррупсияро қабул кард. Ин ва ба ин монанд меъёрҳо бояд дар қонунгузории мамлакат татбиқ карда шаванд. Албатта, ин тамоюл дар оянда ҳам инкишоф хоҳад ёфт.

Ҳамчунин, принсипи қонуният ҷанбаи муҳими зерин дорад: мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳуқуқ доранд бо шарти махсуси асосноккунӣ қонуни ҷиноятиро татбиқ кунад ва танҳо дар доираи салоҳияти худ ва мувофиқи қатъии матни он; тавзеҳоти мақомоти олии судии ҶТ набояд меъёрҳои нави ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар бар гиранд.

Дар қ. 3, м. 4 КҶ ҶТ «Принсипи қонуният» пешбинӣ шудааст, ки татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯйи қиёс манъ аст. Инчунин, як қадами дигар дар соҳаи ба уҳдадориҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ, тавре ки муҳаққиқон [124, с. 94] қайд менамоянд, имплементатсияи мазмуни м. 22 Статут дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мебошад. Соли 2004 ба КҶ ҶТ м. 11^1 бо номи «Қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ» ворид карда шуд, ки дар он қайд мегардад: «Агар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ духӯра ифода ёфта бошад ё худ онро ду хел маънидод намоянд, дар ин сурат он ба манфиати айбдоршаванда (судшаванда, маҳкумшуда) тафсир (маънидод) карда мешавад» [12].

Дар қ. 2, м. 4 КҶ ҶТ, ки «Принсипи қонуният» номгузорӣ шудааст, пешбинӣ гардидааст, ки ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашида намешавад, ба ҷуз бо ҳукми суд ва дар асоси қонун. Муаллифони тафсири меъёри мазкур қайд менамоянд, ки «танҳо мақомоти судӣ метавонанд шахсро гунаҳгор дониста, нисбати ӯ ҷазои ҷиноятӣ татбиқ намоянд. Дигар ягон мақоми давлатӣ ба ин ваколатдор нест. Танҳо ҳукми суд – ягона асоси татбиқи

ҷазо шуда метавонад. Ҳукми судӣ – ягона санади ҳуқуқтатбиқсозӣ мебошад, ки дар асоси он гуноҳ ва ҷазои ҷиноятқор муайян мешаванд. Ибораи «дар асоси қонун» – қонуни ҷиноятиро дар назар дорад. Яъне, ҳукми суд танҳо дар асоси Кодекси ҷиноятӣ бароварда мешавад. Ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорро суд танҳо дар доираи Кодекси ҷиноятӣ муайян мекунад» [69, с. 13].

Истилоҳи дар КҶ истифодашудаи «ҳукми суд» ҳукми эътибори қонунӣ пайдо кардани судро дар назар дорад, ки аз Конститутсияи ҶТ бармеояд. Дар айни замон ҳукми суд бояд боадолат бошад, зеро тибқи м. 84 Конститутсия суд «қонунияту адолатро ҳифз менамояд».

Мақоми судӣ низ бояд ҷавобгӯи талаботи м. 19 Конститутсияи ҶТ бошад, ки дар он, аз ҷумла, омадааст: «Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибки қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд».

Принсипи қонуният тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро фаро гирифта метавонад. Дар баъзеи онҳо дар бораи он мушаххастар гуфта шудааст. Ҳамин тавр, қонуни ҷиноятӣ мафҳуми ҷиноятро (м. 17-и КҶ ҶТ) ҳамчун кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст, ҷиноят эътироф мешавад, муқаррар мекунад.

Дар м. 22-и КҶ ҶТ гуфта мешавад, ки танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст. Танҳо КҶ ҶТ ниҳодҳо ва мафҳумҳои асосии қонуни ҷиноятӣ, таркиби мушаххаси ҷиноятро муайян мекунад. Дар ҳар як моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ аломатҳои ин намуди ҷиноят тавсиф мешаванд, ки барои мавҷудияти таркиби он зарур ва кофӣ мебошанд.

Яке аз принсипҳои асосӣ ва устувори ҳуқуқи ҷиноятӣ — манъ будани татбиқи қонуни ҷиноятӣ бо роҳи қиёс мебошад. Моҳияти ин принсип дар

он ифода меёбад, ки танҳо он кирдорҳое, ки бевосита ва аниқ дар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷиноят пешбинӣ ва муайян шудаанд, метавонанд асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс қарор гиранд. Манъ будани истифодаи қиёс дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аз талаботи принсипи қонуният, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи марказӣ дорад, бармеояд. Тибқи ин принсип, амал ё рафтори шахс танҳо дар он ҳолат ҷиноят ҳисобида мешавад, ки он ба таври равшан ва дақиқ дар қонун муайян шуда бошад.

Истифодаи қиёс, яъне татбиқи моддаҳои қонуни ҷиноятӣ ба ҳолатҳо ва кирдорҳое, ки ба таври бевосита дар қонун пешбинӣ нашудаанд, аммо бо онҳо ба таври шаклӣ ё мундариҷавӣ монандӣ доранд, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ қатъиян манъ аст. Зеро чунин амал метавонад ба ихтиёрии ҳуқуқтатбиққунандагон, васеънамоии асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва поймолсозии ҳуқуқу озодиҳои шахсият оварда расонад. Дар ҳамин робита, бояд қайд кард, ки агар як кирдор ё ҳолати муайян ба мазмуни моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ шаклан монанд бошад, аммо аниқ дар матни қонун пешбинӣ нашуда бошад, он кирдор наметавонад ҳамчун ҷиноят арзёбӣ шуда, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Ин талабот кафолати асосии ҳуқуқии мушаххасият, шаффофият ва пешгӯишавандагии қонунгузории ҷиноятӣ буда, ба таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, манъи қатъии истифодаи қиёс дар татбиқи қонуни ҷиноятӣ яке аз кафолатҳои муҳимтарини қонуният, адолат ва эҳтироми ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Истифодаи қиёсро Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” [10] танҳо нисбати соҳаҳои ҳукуки хусусӣ (масалан, ҳуқуқи маданӣ) иҷозат медиҳад. Аммо, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ он манъ аст. Яъне, мақомоти судӣ ҳуқуқ надоранд, ки ҳукми айбдориро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо истифодаи қиёси қонун (татбиқи меъёрҳои ҳаммонанди КҶ) ва қиёси

ҳуқуқ (татбиқи принсипҳо ва маънии умумии ҳуқуқ) бароранд. Ҳукми айбдорӣ ба шарте бароварда мешавад, ки агар ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор пешакӣ дар КҶ муқаррар шуда бошад. Мақомоти таҳқиқу тафтишотӣ низ меъёрҳои КҶ-ро тариқи қиёс татбиқ карда наметавонанд. Ҳама гуна кӯшиши истифодаи қиёс дар ҷараёни татбиқи КҶ амали зиддиқонунӣ ва дағалона вайрон кардани принсипи қонуният ҳисоб мешавад.

Бояд гуфт, ки дар сурати ноил нашудан ба ҳаммаъногии меъёрҳо (мисол, бо сабаби духӯрагии онҳо), ҳатман лозим аст, ки талаботи м. 11[1] КҶ оид ба риоя кардани коидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ ба назар гирифта шавад.

Аммо бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ (масалан, ФР) оид ба ин масъала фикрҳои ба ҳам зид вомехӯранд. Чунончи, дар яке аз тафсирҳон КҶ ФР гуфта мешавад, ки «маънидодкунии васеъ ё маҳдуди меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мумкин нест» [39, с. 51]. Вале дар китоби дарсӣ, баръакс, маънидодкунии васеъ ва маҳдуди меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мувофики мақсад дониста мешавад [54, с. 122].

Тибки қ. 4 м. 14 КҶ ҷавобгарии ҷиноятии кормандони дипломатӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал мешавад, яъне, дар натиҷаи дастрас ва таҳлил намудани санадҳои байналмилалӣ мазмуни ин меъёр нисбат ба матнаш васеътар фаҳмида мешавад. Ё ин ки тибқи қ. 3 м. 61 КҶ «Ҳангоми таъин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари дар қисми якуми ҳамин модда зикрнагардида мумкин аст ҳамчун ҳолатҳон сабуккунанда ба назар гирифта шаванд». Яъне, ин меъёр низ ба таври васеъ тафсир мегардад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои дар боло зикршудаи аҳаммияти ҳуқуқӣ- ҷиноятии принсипи қонуният бояд ба он диққат дода шавад, ки то кадом ҳад дигар нишондоди меъёрии дар КҶ ҶТ муқарраршуда ба принсипи мазкур мувофиқат менамояд.

Бидуни шак, дар амалияи ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад, ки Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни шарҳи моддаи 36-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба шарикӣ дар содир намудани ҷиноят бахшида шудааст, мазмуни онро ба таври васеъ ва васеънамоён таҳлил мекунад. Дар ҳоле ки дар мазмуни аслии қонун ҳамаи шаклҳои шарикӣ тавсиф ёфтаанд, дар таълиму тавзеҳи Пленум ҳолатҳои иловагӣ ва шаклҳои муайяни рафтор, ки мустақиман дар қонун пешбинӣ нашудаанд, ба доираи шарикӣ ворид карда мешаванд.

Яке аз намунаҳои чунин васеътафсиркунӣ — шомил кардани амале мебошад, ки зимни он шахс ба таври мунтазам ашё ё неъматҳои ба роҳи ҷиноят ба дастомадаро қабул мекунад, ҳатто агар ин амал пешакӣ мувофиқа ё ваъда дода нашуда бошад. Бо вуҷуди шабоҳати зоҳирӣ ба шаклҳои классикии шарикӣ, чунин рафтор тибқи мазмуни моддаи 36-и Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун шакли мустақили шарикӣ дар қонун зикр нашудааст. Дар чунин вазъият, сухан дар бораи он меравад, ки шарҳ ё тавсифи васеъ боиси он мегардад, ки амалҳое ба ҳайси ҷиноят эътироф шаванд, ки қонуни ҷиноятӣ онҳоро бевосита пешбинӣ накардааст. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, чунин равиш бо принсипи қатъиян муайян будани меъёрҳои ҷиноятӣ ва манъи истифодаи қонун бо роҳи қиёс муттаҳид намешавад.

Илова бар ин, мушкилоти дигари амалия дар он зоҳир меёбад, ки дар баъзе ҳолатҳо сифати ҷиноятӣ доштани кирдорҳои муайян на тавассути худи қонуни ҷиноятӣ, балки бар асоси меъёрҳо ё санадҳое муайян карда мешавад, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ статуси қонунӣ надоранд (масалан, қарорҳои идорӣ, санадҳои соҳавӣ, ё ҳуҷҷатҳои зерқонунӣ). Ин равиш ба таври объективӣ боиси ношаффофӣ ва ноустувории ҳуқуқӣ мегардад ва хатар дорад, ки ба тавсеаи беасоси ҷавобгарии ҷиноятӣ оварда мерасонад.

Дар ин замина, бояд қайд кард, ки тарзи тавсифии ифодаи диспозитсияи баъзе моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ, ки шароити ҷавобгарии ҷиноятиро мустақиман муайян намекунанд ва ба санадҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ истинод мекунанд, худ замина барои ихтилофи ҳуқуқӣ ва номуайянии татбиқи қонунро фароҳам меорад. Хулоса, чунин раванд бо талаботи принсипи қонуният, ки яке аз рукнҳои бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, мухолифат мекунад ва зарурати таҷдиди назар дар шакли таҳрири аниқтари моддаҳои дахлдори қонунгузории ҷиноятиро ба миён мегузорад. Барои таъмини устувории низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, зарур аст, ки ҳамаи шаклҳо ва ҳолатҳои шарикӣ ба таври дақиқ ва мушаххас танҳо дар қонун муқаррар карда шаванд ва ҳама гуна тавсифи васеъ ё ба қиёс наздикро, ҳатто дар сатҳи тавзеҳи судӣ, истисно намуд.

Ба андешаи В.С. Минская дар тамоми диспозитсияҳои бланкетии меъёрҳои Қонуни ҷиноятӣ принсипи қонуният, ки дар м. 4-и КҶ ҶТ муқаррар шудааст, татбиқ намешавад. «Вайрон кардани қоидаҳои (махсуси) номбурда ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ, мазмуни кирдор (ҳаракат ё беҳаракатии) гардида, хусусияти хавфи ҷамъиятиро пайдо мекунад. Охир, танҳо ҳаракат (беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнок боиси оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок (расонидани зарари калон, расонидани зарар ба саломатии шаҳрвандон ва ғ.) шуда метавонад. Далели он, ки дар диспозитсияи меъёр баъзан фарорасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро дар шакли расонидани зарар ба объекти таҷовуз пешбинӣ мекунад, он истисно намекунад, ки худи ҳаракат (беҳаракатии) бояд аз худи аввал бо чунин зарар бошад, то ки ба ҷамъият хавфнок гардад» [50, с. 179].

Ба андешаи мо, маълум аст, ки қонунгузор наметавонад аз диспозитсияҳои бланкетӣ даст кашад, мавҷудияти онҳо объективист, бинобар ин даст кашидан аз онҳо ғайри мақсаднок аст ва дар бораи

зарурати такмили техникаи ҳуқуқии бунёди диспозитсияҳои бланкетӣ сухан рондан мумкин аст.

Дар баробари ин, чунин хосиятҳои асосии ҷиноят ташкилкунандаи кирдор, аз қабили мақсад, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ва шаклҳои гунаҳгорӣ метавонанд ҳамчун меъёрҳои зикршудаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баромад кунанд. Ҳамзамон, кирдорҳои аз беэҳтиётӣ танҳо дар сурати расондани зарари калон бояд ҳамчун ҷиноят эътироф карда шаванд. Дар робита ба ин, пешниҳод мекунем, ки дар м. 284-и КҶ ҶТ баъд аз калимаҳои «пораҳои чунин маснуот» калимаҳои зерин илова карда шаванд «ки боиси зарари калон гардидааст».

Муқаррароти дар қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ пешбинишуда низ ба принсипи қонуният мувофиқ нест, ки тибқи он вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад.

Қонуни ҷиноятӣ содир намудани ҷиноятро ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф кардааст, ки тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ ҶТ пешбинигардидаро дорад (м. 11, қ.1, м 12 КҶ ҶТ). Таркиби ҷиноят вуҷуд надошта бошад, ҷиноят будани кирдор истисно карда мешавад. Бе оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар таркиби моддии ҷиноят тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят вуҷуд надорад.

Ҷиноятҳои нотамом аз оқибатҳо маҳруманд. Мафҳуми ҳаракат (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, чӣ тавре ки аз хусусиятҳои қасд ва беэҳтиётӣ дар м. 28 ва м. 29-и КҶ бармеояд, танҳо ба ҷиноятҳои қасдона дахл дорад. Ҳаракат ва беҳаракатӣ дар ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ хосиятҳои хавфи ҷамъиятиро надоранд. Танҳо ҳангоми ба амал омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок, онҳо ҳамчун ҷиноят эътироф карда мешаванд.

Маълум мешавад, ки муқаррароти қ. 2 м. 12 КҶ ҶТ дар бораи вақти содир кардани ҷиноят, танҳо ба ҷиноятҳои қасдан содиршуда татбиқ карда мешавад. Аммо ин ҳам нодуруст аст, чунки шахс ҳатто бо содир

кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок метавонад ихтиёран аз онҳо даст кашад, ки ҷиноят ҳисобида намешавад.

Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи маъмул мавҷуд мебошад, ки масъалаи вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он аз муқаррароти Қонуни ҷиноятӣ хориҷ карда шавад [41, с. 219].

Ба назари мо ин таклиф беасос аст. Муқаррароти қ. 2 м. 12 КҶ ҶТ дар бораи вақти содир кардани ҷиноят аҳаммияти бузурги ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорад, масалан, барои фарқ кардани ҷиноятҳои анҷомшуда ва нотамом (б. 6 КҶ ҶТ), барои ҳисоб кардани муҳлати ҷазо ва ба ҳисоб гирифтани он (м. 70-и КҶ ҶТ) ва ғ. Ба андешаи мо, муқаррароти қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ бояд такмил дода шавад.

Аз ҷониби С.Ф. Милюков пешниҳод гардидааст, ки муқаррароти баррасигардида бояд дар чунин шакл пешбинӣ карда шавад: «Вақти содир кардани ҷиноят лаҳзаи анҷоми воқеии он, аз ҷумла фарорасии оқибатҳои пешбининамудаи аз ҷониби қонун мебошад». Ба андешаи мо, қ. 2-и м. 12-и КҶ ҶТ дар таҳрири зайл бояд ифода карда шавад:

«2. Вақти содир намудани ҷиноят вақти воқеии анҷоми он, аз ҷумла фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, ба ҳисоб меравад».

Таҳрири зайли қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ ба дигар меъёрҳои дар боло зикргардидаи қонуни ҷиноятӣ комилан мувофиқ аст ва инчунин ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқии ифодаи маводи меъёрӣ мувофиқат мекунад.

Ба риояи принсипи қонуният ва зиддиятҳо миёни меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ мусоидат намекунад.

Ба теъдоди онҳо тафсири гуногуни пушаймонии фаъол дар қ. 1 м. 72 КҶ ҶТ ва эзоҳо ба моддаҳои мушаххас (м.м. 130, 179, 181 КҶ ҶТ ва ғ.) бояд дохил карда шаванд. Аён аст, ки пушаймонии фаъол дар Қисми махсус маҳдудтар муайян карда шудааст. Илова бар ин, дар қ. 9 м. 39-и КҶ ҶТ

ибораи “иштирокчии гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) аз ҷавобгарии ҷиноятӣ карда мешавад” истифода мегардад.

Дар Қисми махсус, дар эзоҳҳо ба моддаҳои оид ба пушаймонии фаъол, масалан дар сурати хиёнат ба давлат (дар эзоҳ ба м. 305 КҶ ҶТ), вожаҳои «аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад» истифода шудаанд. Ҳангоми додани пора (эзоҳ ба м. 320 КҶ ҶТ) низ «аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад» истифода шудааст.

Муқаррароти дар қ.1 м. 72-и КҶ ҶТ пешбинигардида «мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад» нисбат ба муқаррароти қ. 2-и м. 72-и КҶ ҶТ «танҳо дар ҳолатҳое, ки махсус дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад» дурусттар аст. Тавре ки маълум аст, хавфи шахсияти гунаҳгор ба ҷамъият хеле тағйирёбанда ва ҳамеша мушаххас аст. Бо қонунгузорӣ онро фақат қисман ба расмият даровардан мумкин аст. Танҳо зарур аст, ки рад кардани озодкунӣ ҳамеша аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд асоснок карда шавад.

Дар баъзе меъёрҳо доир ба пушаймонии фаъол дар муқаррароти Қисми махсуси КҶ ба хатогиҳо дар шакли эътироф накардани он ҳамчун асос барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, роҳ дода шудааст, ба шарте ки дар амалҳои шахси пушаймоншуда «таркиби ҷинояти дигар дар бар гирифта набошад». Аввалан, чунин тафсирро қисми 2-и м. 72-и КҶ дар бар намегирад. Сониян, барои «ҷинояти дигар» шахс бояд дар асоси м. 8-и КҶ ҶТ мустақилона ба ҷавобгарӣ кашида шавад, масалан, барои нигоҳ доштани силоҳ ҳангоми омода кардани хиёнат ба давлат. Ва ин ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба далели пушаймонии фаъол барои хиёнат таъсир расонад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷудияти намудҳои алоҳидаи пушаймонии фаъол танқид карда мешавад. Ҳамин тавр, меъёри пушаймонии фаъол дар

эзоҳ ба м. 352-и КҶ ҳамчун беасос додани шаҳодати бардурӯғ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳамин замина, Н.Ф. Кузнетсова иброз медорад, ки «то ҳол вазъ дар бораи шаҳодати бардурӯғ дар адлияи ФР вуҷуд дорад. Ва ин ҳолат на аз сабаби ангезаҳои хурд, балки аз тарси воқеии ҷони худ ва наздикон аз таҳдиди ҷиноятҳои муташаккил мебошад. Аз ин рӯ, ин меъёр аз ҷиҳати криминологӣ асоснок ба назар намерасад. Онро низ истисно кардан лозим аст, зеро вай ба ғайр аз зарар расондан ба адолати судӣ, аслан садди роҳи амали муқаррарот оид ба ҷавобгарӣ барои дидаю дониста додани шаҳодати бардурӯғ, хулосаи коршинос ё тарҷумаи нодуруст, мегардад» [41, с. 247].

Сарфи назар аз камбудиҳои мавҷуда дар фаъолияти қонунгузорӣ, аз ҷумла дар мавриди тағйир додани матни қонуни ҷиноятӣ, метавон навовариҳое, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 21 июли соли 2010, №617 дохил кардааст, баҳои мусбӣ дода шавад.

Дар натиҷа, тибқи қ. 1 м. 72-и КҶ ҶТ шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ё зарари расонидаашро талофӣ намояд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кунад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад, муқаррар карда шуд. Ҳамин тариқ, қонунгузор тадриҷан кӯшиш мекунад, ки меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро ба муқаррароти м. 72-и КҶ ҶТ мутобиқ созад.

Дар маҷмуъ татбиқи ин принсип дар соҳаи қонунгузорӣ, аз ҷумла, талаб мекунад, ки қонунгузор бояд сарҳади байни рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятиро аниқ муайян намояд, то ки татбиқи қонунро дуруст ва якхела таъмин намояд. Риояи ин принсип, инчунин муқаррароти қонунгузории ягонагии амалияи таъини ҷазоро дар назар дорад. Ва ин ба

тавзеҳоти таҳримҳо, ворид кардани муқаррароти нав дар КҶ ҶТ дар бораи асосҳои ҳатмии сабук ё зиёд кардани шиддати ҷазо ва ғ. вобаста аст.

Ҳамин тавр, таҳлили зербоби принсипи қонуниятро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои асоснокро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи қонуният, пеш аз ҳама мазмуни муқаррароти дар Конститутсияи ҶТ мустаҳкамшударо инъикос мекунад (м.м. 5, 10, 14, 15, 19 ва ғ.). Аз дигар ҷиҳат, муқаррар гардидани принсипи мазкур бо меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст, ки ин аз муқаррароти б. 1 м. 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966, б. 1 м. 7 Конвенсияи Шурои Аврупо «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон» аз соли 1950 бармеояд. Дар заминаи чунин нишондодҳо дар қ. 2 м. 1-и КҶ ҶТ дарҷ гардидааст, ки «Кодекси мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад».

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ) ягона санади меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ мебошад, ки моҳияти ҳуқуқӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятиро ба таври дақиқ ва ҳатмӣ муайян менамояд. Мувофиқи принсипи муайян будани қонуни ҷиноятӣ ва манъи қиёс, танҳо Кодекси ҷиноятӣ метавонад муайян созад, ки кадом кирдор ҳамчун ҷиноят эътироф карда мешавад, кадом кирдорҳо ҷазои ҷиноятӣ дар пай доранд ва кадом оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ ба миён меоянд. Ҳеч як қонун, санади дигар соҳаҳои ҳуқуқ, санадҳои зерқонунӣ ва ё амалҳои мақомоти давлатӣ, новобаста аз мақом ва ваколати онҳо, наметавонанд мустақилона ҷиноят будани кирдор ё сазовори ҷазо будани онро муайян намоянд. Ин низоми ҳуқуқӣ кафолати устувории принсипи қонуният ва муҳосираи соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Маҳз қонуни ҷиноятӣаломатҳои таркибии ҷиноятро барои ҳар як кирдор; навъҳо ва андозаҳои ҷазоҳои

ҷиноятӣ ва ОҚИБАТҲОИ дигари ҳуқуқии ҷиноятиро, аз қабили доғи судӣ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ ё тиббиро муайян мекунад. Ҳар гуна ташаббуси мақомоти давлатӣ, аз ҷумла суд, прокуратура, тафтишот ё дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки берун аз доираи санадҳои қонуни ҷиноятӣ ҷиноят будани кирдорро эътироф менамоянд, мухолифи принсипи қонуният ва ба маънои ҳуқуқӣ хилофи Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар сурати пайдо шудани шаклҳои нави хавфноки ҷиноятқорӣ, танҳо ба воситаи тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ, яъне тавассути қабули тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси ҷиноятӣ, метавон масъалаи ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин гуна кирдорҳо ҳал намуд. Ҳамин тавр, танҳо мавҷудияти Кодекси ҷиноятӣ ва тағйироти расмии воридшуда ба он асос ва кафолати ягона ва мутобиқати ҳуқуқии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Ин равиш яке аз заминаҳои муҳими пешгӯишавандагии ҳуқуқ, эътимоди шаҳрвандон ба қонун ва таъмини адолати судӣ мебошад.

3. Пешниҳод менамоем, ки ба м. 4-и КҶ ҶТ қ. 3 бо мазмуни зерин илова карда шуда, қ.қ. 3 ва 4 мувофиқан қ.қ. 4 ва 5 пешбинӣ карда шаванд: «3. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст».

4. Вобаста ба масъалаи танзими вазифаи бо принсипу меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқ кунондани матни КҶ нисбат ба якчанд намудҳои лоиҳаҳо, ки ба соҳибихтиёрӣ ва тамомияти кишвар дахл доранд, мувофиқ кунонидани муқаррароти Кодекс ба меъёрии байналмилалӣ, афзалияти ҳуқуқи ҷиноияти байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои миллӣ, дар бораи қобили қабул будани принсипи амали бевоситаи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ дар қаламрави ҶТ нуктаҳои назари баҳсбарангез мавҷуд мебошад.

5. Барои қонунгузори миллӣ интихоби усулҳо ва методҳои татбиқи мамнуиятҳои дахлдори конвенсионии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ хеле душвор аст. Дар робита ба ин, техникаи қонунгузорӣ ба он ду роҳи асосиро пешниҳод мекунад. Аввалан, тартиб додани маҷмуи меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва дувум, шумораи хеле камтари меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ. Ҷанбаи муҳимми наздик шудани ҳуқуқи ҷиноятии низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ин бастани конвенсияҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад.

6. Муқаррароти дар қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ пешбинишуда низ ба принсипи қонуният мувофиқ нест, ки тибқи он вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад. Қонуни ҷиноятӣ содир намудани ҷиноятро ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф кардааст, ки тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ ҶТ пешбинигардидаро дорад (м. 11, қ.1, м 12 КҶ ҶТ). Таркиби ҷиноят вуҷуд надошта бошад, ҷиноят будани кирдор истисно карда мешавад. Бе оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар таркиби моддии ҷиноят тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят вуҷуд надорад.

2.2. Принсипи баробарӣ дар назди қонун

Масъалаи баробарӣ кайҳо боз диққати муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб мекунад. Вай табиатан аз фардият, тафовут, сифату хусусиятҳои одамон бармеояд. Аз ин рӯ, намуд, сатҳ ва ченакҳои воқеӣ, амволӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. баробарӣ ё нобаробариро ҷудо мекунанд.

Конститутсияи ҶТ баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун ва суд эълон мекунад. Аммо, табиати фардии инсонӣ дар ин ҷо қолаби баробариро дар шакли истисно ва имтиёзҳо мешиканад. Моҳияти ҳуқуқро қайд намуда, В.С. Нерсесянс онро дар баробарии расмӣ мебинад, вай

баробарии ҳуқуқиро ҳамчун «баробарии субъектҳои озод ва мустақили ҳуқуқ дар миқёси умумӣ барои ҳама, меъёри ягона, андозаи баробар» муайян мекунад [56, с. 27].

Асоси ҳуқуқии дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар намудани принсипи баробарии шаҳрвандон, дар назди қонун талаботи Конститутсияи ҶТ, инчунин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Оинномаи трибунали байналмилалии ҳарбии Нюрнберг аз соли 1945, ба ҳисоб меравад.

Аз инҳо арзиши иҷтимоӣ, аҳаммият ва қувваи ҳуқуқии ин принсип бармеояд. Қисми 1 м. 17 Конститутсияи ҶТ муқаррар мекунад: «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд». Муқаррароти мазкур дар ҷумлаи дуюми қисми 1 моддаи мазкур мушаххас муқаррар шудааст: «Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад».

Принсипи баробарӣ дар назди қонун дар м. 5 КҶ ҶТ чунин ифода шудааст: «Шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, шаҳрвандӣ, забон, муносибат ба дин, ақидаҳои сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ, хизматӣ ва молу мулкӣ, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маҳалли истиқоматашон ва дигар ҳолатҳо дар назди қонун баробаранд ва бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд».

Нишондодҳои болозикр аз он далолат мекунад, ки муқаррароти конститутсионӣ дар бораи баробарӣ дар м. 5 КҶ ҶТ, ки принсипи ҳуқуқӣ-ҷиноятии баробарӣ дар назди қонун муайян мекунад, бо фарқияти он, ки аввалан, ҳангоме ки дар қ. 1 м. 17 Конститутсияи ҶТ дар бораи баробарӣ дар назди «қонун ва суд» сухан гуфта мешавад, дар қонуни ҷиноятӣ дар бораи баробарӣ танҳо дар назди қонуни ҷиноятӣ сухан ронда мешавад.

Мусалламан принсипи мазкур аз м. 17 Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки баробарии ҳамаро дар назди қонун ва суд, ҳамчунон баробарии ҳуқуқу

озодиҳоро кафолат медиҳад. Баробарии ашхос дар назди қонун маънои баробарии онҳоро дар назди қонуни ҷиноятӣ дар назар дорад. Яъне, меъёрҳои КҶ ба ҳама баробар паҳн мешаванд. Азбаски ин меъёрҳо манъкунанда буда, дар ҳолати вайрон намудани онҳо, яъне содир намудани ҷиноят ва нисбати ҷинояткори мушаххас татбиқ мешаванд, принсипи баробарӣ аслан баробарии одамонро дар ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дар назар дорад. Ба ибораи дигар, ашхоси ҷиноят содиркарда, новобаста аз ҳолатҳои номбаршуда (ҷинс, миллат ва ғ.) дар асоси принсипи баробарӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ба андешаи В.С. Минская [50, с. 174-175] дар ин маврид муқаррароти қонуни ҷиноятӣ дар бораи баробарҳуқуқии шахсоне, ки дар назди қонун ҷиноят содир кардаанд, нокифоя аст. Муаллифи мазкур бар ин назар аст, ки принсипи баробарӣ дар назди суд, инчунин баробарӣ дар назди қонун, бо танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бевосита алоқаманд аст. Ӯ чунин мешуморад, шахсоне, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонун ҳифзшаванда зарар расонидаанд, бинобар ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, инчунин шахсоне, ки ихтиёран аз содир кардани ҷиноят даст кашидаанд, дар назди қонун баробаранд. Ҳалли ҳамаи ин масъалаҳо ба салоҳияти суд гузошта шудааст.

Бояд гуфт, ки КҶ ҶТ меъёрҳои зиёдеро муқаррар мекунад, ки тибқи онҳо қарор дар бораи оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноят вобаста ба салоҳдиди суд, қабул карда мешавад. Аз қабили, «суд метавонад қарор қабул кунад» (м. 71), «агар суд инро имконпазир донад» (м. 75), «агар суд эътироф кунад» (м. 76), «суд метавонад таъин кунад» (м. 76), «суд метавонад иваз кунад» (м. 77), «ноболиғ... метавонад аз ҷониби суд озод карда шавад» (м. 90) ва ғ.

Дар баробари ин, як қатор моддаҳо на ихтиёрӣ, балки ҳатмӣ будани қарори судро бо мавҷудияти шароитҳои муайян, пешбинӣ мекунанд

(масалан, қ. 1, 3 м. 81 – «озод кардан аз ҷазо»; қ. 3 м. 78 – «суд озод мекунад»; «суд таъин мекунад» - қ. 4 м. 78 ва ғайра)».

Дар ҳамин замина, зарур шуморида мешавад, ки принсипи баробарӣ дар назди қонун бояд дар м. 5 КҶ ҶТ бо баробарӣ дар назди суд, бо таҳдиди пурраи матни м. 17 Конститутсияи ҶТ, ки онро ба принсипи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ табдил медиҳад, пурра карда шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нисбати принсипи баробарӣ нуқтаи назари дигар баён шудааст. В.В. Малтсев таъкид мекунад, ки «тасодуфоти назарраси матнӣ дар қонуни ҷиноятӣ нодуруст аст. Дар қонунгузории соҳавӣ меъёрҳои конститутсионӣ набояд такрор шаванд. Ин, аввалан, якпорчагии Конститутсияро мумкин аст, ки мустаҳкам накунад, дуюм, ин зиёдатӣ аст - Конститутсия қувваи олии ҳуқуқӣ ва таъсири бевосита дорад» [116, с. 101].

Бояд иброз намуд, ки иқтибос намудани мазмуни меъёрҳои алоҳида масъалаи ифодаи принсипи баробариро дар назди қонун, пурра ҳал намекунад.

Ҳамзамон, м. 5-и КҶ инчунин имконияти муқаррар кардан ё пурзӯр кардани ҷавобгарии шахсонеро, ки аз мақоми хизматии худ барои содир намудани ҷиноятҳои хавфноктар суистифода намудаанд, истисно мекунад. Ҷавобгарии баробар барои кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки нобаробар – ин дағалона вайрон кардани ин принсип ба ҳисоб меравад.

Баробарӣ дар аснои ҷалб намудани одамон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ шуда, баробарии ҷазоро дар назар надорад. Агар ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳар як шахс баробар бошад, пас, ҷазо ба ҳамаи ҷинояткорон баробар татбиқ намешавад. Татбиқи ҷазо дар ҳама гуна мавридҳо мушаххас буда, ба принсипҳои ҷавобгарии фардӣ ва адолат (ба инобат гирифтани ҳолатҳои кор), мутаносибии ҷиноят ва ҷазо асос меёбад.

Баробарӣ дар назди қонун ба ҳамаи одамон ҳангоми ҷавобгарии ҷиноятии онҳо паҳн мешавад ва барои ҳеҷ нафаре истисно карда намешавад. Ҳар шахс новобаста аз ҳолатҳои номбаршуда барои ҷинояти содир кардааш ҷавобгар аст.

Ҷавобгарии ҷиноятии баъзе категорияҳои одамон (судяҳо, вакилони мардумӣ, кормандони дипломатӣ ва ғ.) ба тартиби махсус мегузарад. Масалан, тибқи м. 91 Конститутсияи ҶТ судяро «бе ризоияти мақомоте, ки ннтихоб ё таъин кардааст, ҳабс кардан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Дар айни замон, ин қабил меъёрҳо мухолифи принсипи баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ нест. Нисбати баъзе ашхос танҳо тартиби ба ҷавобгарӣ кашидан тағйир меёбаду халос. Аммо ҳатмӣ будани ҷавобгарии ҷиноятӣ боқӣ мемонад. Судя ё вакили мардумӣ низ мислӣ дигарон барои ҷинояти содиркардааш дар асосҳои умумӣ ҷавобгар аст. Тартиби махсуси ҷавобгарӣ (масалан, розигии мақомоти дахлдор) асоси озод намудан аз ҷавобгарӣ шуда наметавонад.

Баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар назди қонун, дар айни замон, баробариро дар назди суд низ дар назар дорад, зеро татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ваколати истисноии судҳост.

Дар шароити рушди бисёрҳизбӣ баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ, новобаста аз мансубиятн ҳизбӣ, бомаврид аст. Мадди назар кардани ақидаҳои сиёсӣ низ мутобиқи ақидаи озодандешӣ аст. Ба инобат нагирифтани шаҳрвандӣ бошад, аз моҳияти боби дуюми Конститутсияи ҶТ, эътирофи ҳуқуққои фитрӣ ва заруратн ҳифзи онҳо бармеояд. Дар шароити ривоҷи муносибатҳои бозаргонӣ ба инобат нагирифтани вазъи амволӣ ҳангоми ҷавобгарии ҷиноятӣ низ аз аҳамнят холӣ нест.

Баъзе муаллифон бар зидди муқаррароте мебошанд, ки дар матни м. 5-и КҶ ҶТ танҳо шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, пешбинӣ шудааст, баромад мекунанд, зеро ин ба принсипи байналмилалии ҳуқуқӣ ва принсипи конститутсионии «ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд»

мувофиқат намекунад. Масалан, И.Ф. Кузнетсова дар бораи зарурати инъикоси дар Қонуни ҷиноятӣ муқаррарот оид ба ҳифзи баробари манфиатҳои ҷабрдидагон барои мутобиқ кардани ин меъёр ба Конститутсия, сухан меронад [41, с. 239].

Вобаста ба ин муаллиф пешниҳоди зайлро дар ин қимсат чунин баён менамояд: «1. Кодекси мазкур ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон, баромад, вазъи молу мулкӣ ва мансабӣ, ҷои истиқомат, муносибат ба дин, эътиқод, муносибат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин дигар ҳолатҳо баробар муҳофизат мекунад. 2. Ҷавобгарии ҷиноятии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, аз хосиятҳои иҷтимоии ӯ, ки дар қ. 1 ҳамин модда зикр шудааст, вобаста нест [41, с. 240].

Чунин ба назар мерасад, ки дар м. 5-и КҶ ҶТ танҳо нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, муқаррарот боқӣ монда шавад, зеро он хусусияти соҳавии принсипи баробариро инъикос мекунад. Илова бар ин, вазифаи муҳофизатии қонунгузории ҷиноятӣ дар м. 2 КҶ ҶТ инъикос ёфтааст (ки миёни вазифаҳои КҶ ҶТ ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд хотиррасон карда шудааст) ва татбиқи ин вазифа бо талаботи принсипи гуманизм таъмин карда мешавад, ки дар мод. 9 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст Вобаста ба ин, зарурати таҳдиди муқаррароти ин меъёрҳо дар м. 5 КҶ ҶТ вуҷуд надорад.

Дар Конститутсия омадааст, ки «давлат баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад» ва дар м. 5-и КҶ ҶТ муқаррароте омададаст, ки “шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, дар назди қонун баробаранд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд”.

Ба андешаи С.Г. Келина ва В.Н. Кудрявтсев «чунин тафсири талаботи конститутсионӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ақидае, ки дар адабиёти ҳуқуқии ФР ҷой гирифтааст, мувофиқат мекунад, ки тибқи он принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун дар ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо

уҳдадории баробар ба ҷавобгарӣ кашидан барои кирдорашон мебошад ва фаҳмиши васеътари ин принсип «дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ эълон кардани «баробаркунӣ», даъвати «адолати судии механикӣ»-ро пайдо мекунад» [35, с. 89].

А.В. Наумов қайд менамояд, ки фаҳмиши дигари принсипи баррасишаванда, инчунин фарқиятҳои дар қонун муқарраркардаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсонро вобаста ба ҷинс, синну сол ва мавқеи хизматиашон ба назар намегирад [53, с. 124]. И. Звечаровский таъкид мекунад, ки моҳияти принсипи баробарӣ дар назди қонуни ҷиноятӣ дар вазифаи барои ҳама баробарӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан, ифода меёбад [31, с. 50].

Ба андешаи профессор В. Филимонов, принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бо талаби уҳдадории баробар барои ҷавобгарии ҷиноятии содиршуда маҳдуд намешавад, «баробаркунӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятӣ иҷозат дода намешавад, тавре ки он дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ қобили қабул нест, ки онҳо низ бояд ба талаботи конститутсионӣ мувофиқат кунанд; инчунин ба назар нагирифтани татбиқи ҷавобгарии ҷиноятии ҷинс, синну сол ва мавқеи хизматии шахс, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор карда шудааст, мумкин нест [77, с. 224-225].

Хатогии аксари муаллифон дар он аст, ки онҳо баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун танҳо бо мувофиқати комили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо медонанд [32, с. 100], [108, с. 56], [44, с. 15-16].

Ба фикри мо, уҳдадории баробари ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан маънои ҷавобгарии баробарро барои ҷинояти содиршуда надорад. Дар марҳалаи муайян кардани хусусият ва меъёри ҷавобгарӣ барои ҷинояти содиршуда бо мақсади ноил шудан ба баробарии пурра, принсипи баробарии ҳуқуқӣ бо дигар принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла принсипҳои адолат ва инсондустӣ пурра карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда шудааст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷанбаи баробарсозии адолат дар баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, асосҳои умумӣ ва сарҳади ҷавобгарӣ ва тақсимоти ҳуқуқӣ бошад - дар фардикунонии ҷазо бо дарназардошти хусусиятҳои объективии кирдор ва шахсияти шахси онро содиркарда, ифода меёбад [100, с. 74].

Ба нуктаи назари В.В. Малтсев «баробарии шаҳрвандон дар назди қонун на танҳо банду басти ягонаи ҳуқуқии рафтори шахсонро ҳангоми содир кардани кирдорҳои як навъро дар назар дорад, яъне бо ном сарҳадҳои берунии баробариро, балки инчунин андозаи дақиқи ҷавобгариро бо дарназардошти хусусиятҳои дохилинамудии хосиятҳои кирдорро низ. Инҳо нишондодҳои дохилии баробарӣ, «амиқии он» ба ҳисоб мераванд, ки тавассути фардикунонии ҷазо ба даст оварда мешаванд» [116, с. 99].

Маҳз дар ҳамин марҳила хусусиятҳои чи худи ҷиноят ва ҳам шахси содиркардаи ин ҷиноят, ба назар гирифта мешаванд: усули содир кардани ҷиноят, оқибатҳои он, сабабҳои содир кардани ҷиноят, хусусияти рафтори баъди ҷиноятии шахс ва ғайра. Ва маҳз аз сабаби тафовути ҳолатҳои номбурда шаклу андозаи ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои вазнинии тақрибан баробар гуногун аст.

Тибқи нуктаи назари муаллифони тафсири Кодекси ҷиноятии ФР «дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ воситаи муассири таъмини баробарии ҳама дар назди қонун таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки модели қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. «Ин хосият дар таркиб аз он сабаб ташаккул ёфтааст, ки дар байни шумораи ками аломатҳои он (солимақлӣ ва синну сол) муаллифон таҷовузро низ тавсиф мекунад» [39, с. 37].

Вазъияти воқеии стандартизатсияи ҳама гунаҳгорони ҷиноят ба вуҷуд меояд, онҳо воқеан баробар карда мешаванд. Маҳз ҳамин «миқёси» ягона барои ҳама, иҷрои уҳдадории баробарро барои ҳама барои ҷавобгарии

ҷиноятии содиршуда, ки м. 5 КҶ ҶТ муқаррар кардааст, таъмин мекунад. Аммо барои он ки таркиби ҷиноят маҳз чунин бошад, қонуни ҷиноятӣ бояд аломатҳои таркиби ҷиноятро комилан ва равшан нишон диҳад.

Ҳамин тариқ, дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ баробарӣ дар назди қонун, пеш аз ҳама, бо роҳи эътирофи қонунгузории кирдоре, ки тамоми аломатҳои ҷиноятро дар бар мегирад ва дар қонуни ҷиноятӣ ҳамчун асоси ягона барои ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад (м. 11-и КҶ ҶТ), таъмин карда мешавад.

Ба андешаи А.И. Бойко мувофиқтар ва беҳтар мебуд, ки дар қонуни ҷиноятӣ муқаррароти зерин пешбинӣ мегардид: «ҳама одамон дар назди қонун ва суд баробаранд, сарфи назар аз ҳама гуна ҳолатҳои воқеӣ, ба истиснои синну сол ва солимии равонӣ. Дар акси ҳол, идомаи силсилаи тӯлонии имкони комилан қонунии маълумотҳои номатлуб, аз қабили синну сол, ақли солим, шаклҳои гунаҳгорӣ, дараҷаи анҷоми сӯиқасд, хусусияти иштирок дар ҷинояти гурӯҳӣ, ки қобили қабул нест, мавҷуд аст» [39, с. 36].

Ба ғайр аз ин, дар ин ҳолат бояд инҳоро ба назар гирифт:

1. Қонунгузории ҷиноятӣ набояд «холигиҳо», дигар «воситаҳо ва роҳҳои мушаххас»-ро гузорад, то ки принсипи мазкур барои категорияи муайяни шаҳрвандон махсус бошад, вақте ки татбиқи принсипи баробарӣ бо додани имтиёзҳои беасос ба ин ё он категорияи шаҳрвандон ё маҳдудкунии беасос ҳуқуқи онҳо, муқаррар карда мешавад.

2. Қонунгузории ҷиноятӣ набояд барои ҳамаи шаҳрвандон дар сурати нобаробар будани чунин хислатҳои шахсияти онҳо, ки барои татбиқи ҷазо ва дигар чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ аҳаммияти калон доранд, бидуни истисно ҷавобгарии баробарро мукаррар намояд.

Ба андешаи мо, хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии занон, пиронсолон, шахсони мансабдор, ноболиғон, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, барои хулоса баровардан оид ба дур шудан дар ин маврид аз

принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, асоснок нестанд. Чунончӣ:

1. Манъи татбиқи ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум кардан ва ҷазои қатл нисбати занон (м. 58 (1) ва 59 КҶ ҶТ), наметавонад ҳамчун рад кардани принсипи баробарӣ ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба онҳо баррасӣ карда шавад. Он аз хусусиятҳои муайяни равонию ҷисмонии занҳо вобаста аст, ки нисбат ба мардон дар алоқа бо муҳити беруна бештар осебпазиранд ва тоб овардан ба чунин намуди ҷазо нисбат ба мардон душвортар аст.

Масъалаи хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии занонро ба назар гирифта, ба он ишора кардан зарур аст, ки қонуни ҷиноятӣ ҳангоми таъини ҷазо ҳолати ҳомиладориро ҳамчун ҳолате, ки ба муҳлат ё андозаи ниҳоии он таъсир мерасонад, ба инобат мегирад. «Аз як тараф, дидаю дониста аз тарафи гунаҳгор содир намудани ҷиноят нисбати зани ҳомиладор, ҷазоро сахттар мекунад (б. «ж» қ. 1 м. 62 КҶ ҶТ), аз тарафи дигар, содир намудани ҷиноят аз ҷониби зане, ки дар ҳолати ҳомиладорӣ қарор дорад, ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо (б. «в»-и қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ) баромад мекунад».

Дар натиҷа, мавҷудияти ҳомиладорӣ дар зан, ба ибораи дигар, ҷабрдидаи махсусро тавсиф мекунад (масалан, куштори зане, ки ҳомиладор буданаш ба ҷинояткор маълум аст, тибқи қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, яъне ҳамчун куштор дар ҳолатҳои вазнинкунанда). Мавҷудияти ҳомиладорӣ дар ҷабрдида, ба ҷазо дар самти зиёд кардани он дар доираи санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ таъсир мерасонад.

Дар баробари ин, ҳолати ҳомиладории зан – субъекти ҷиноят ба самти муқобил таъсир мерасонад. Ҳамзамон, асосе вуҷуд надорад, ки ин ҷо принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун вайрон карда мешавад, зеро меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии дар боло зикргардида ҳам

ҳангоми содир намудани ҷиноят нисбат ба зани ҳомила ва ҳам ҳангоме, ки ба сифати субъекти ҷиноят зани ҳомила баромад мекунад, татбиқ карда мешаванд.

Гуфтан мумкин аст, ки принсипи баробарӣ, ки дар м. 17-и Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, назар ба принсипи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аз ҷиҳати мазмуни худ хеле васеътар аст. Ин бо хусусиятҳои муносибатҳое, ки бо қонуни ҷиноятӣ танзим мешаванд ва хусусиятҳои «нақшҳое», ки шаҳрвандон дар он мебозанд, вобаста аст.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мардон ва занон метавонанд ду нақшро иҷро кунанд – субъекти ҷиноят будан, яъне шахсоне, ки дар содир намудани онҳо гунаҳгоранд ва ё қурбонии ҷиноят гардидаанд, яъне шахсоне, ки дар натиҷаи ҷиноят ба онҳо зарари ҷисмонӣ, молумулкӣ ва маънавӣ расонда шудаанд. Аз ин рӯ, муқаррароте, ки дар қ. 2 м. 17-и Конститутсияи пешбинӣ шудааст (мардон ва занон баробарҳуқуқан), бояд ҳамчун татбиқи ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба онҳо, ҳамчун «миқёси баробар», «меъёри баробар» ҳангоми аз ҷониби онҳо содир кардани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки аломатҳои таркиби ҷиноятро фарогиранд, шарҳ дода шавад.

2. Мундариҷаи боби 14-и КҶ ҶТ кушиши қонуни ҷиноятиро оид ба то ҳадди имкон ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолиии ноболиғон, ҳангоми муайян кардани ҳудуди ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо нишон медиҳад, ки ин пеш аз ҳама дар истифодаи бештари чораҳои таъсиррасонии тарбиявӣ ба онҳо, инчунин ҳангоми муқаррар намудани тартиби махсуси татбиқ кардан нисбат ба ноболиғон масъалаҳои умумии ҷавобгарӣ ва ҷазо, ифода меёбад. Ва ин принсипи баробарии шаҳрвандонро дар назди қонуни ҷиноятӣ вайрон намекунад.

3. Дар қонуни ҷиноятӣ ҳангоми муайян намудани доираи рафтори ҷиноятӣ ва тавсифи аломатҳои ҷиноят, баъзе «имтиёзҳо» муқаррар карда мешаванд. Ин бештар дар ҷиноятҳои зидди шахс зоҳир мешавад. Моддаи

105 КҶ ҶТ, ки барои кӯдаки навзоди худро куштани модар ҷавобгарӣ муқаррар кардааст, мисол шуда метавонад. Субъекти ин ҷиноят, содиркунандаи он ҳамеша зан – модари кӯдаки навзод мебошад. Шахсони дигар, аз ҷумла мардон, метавонанд танҳо шарик (таҳриккунанда, ташкилкунанда ва ёрдамчӣ) бошанд.

Ҳамзамон, тибқи м. 105 КҶ ҶТ, ҷазои сабук барои зан, ки бо ҳолати харобии асаб, ки бо сабаби таваллуд ба вуҷуд омадааст ё дар ҳолати харобии рӯҳие, ки мукаллафиро истисно намекунад, вобаста аст.

Дар боби 18-и КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсии шахс муқаррар шудааст. Ба чунин таркиби ҷинояти дар ин боб мавҷудбуда, ҳамчун таҷовуз ба номус бояд нишон дода шавад (м. 138 КҶ ҶТ). Таҷовуз ба номус яке аз ҷиноятҳои вазнини зӯроварӣ алайҳи шахс ба ҳисоб меравад. Чунин маънидод кардани таҷовуз ҳамчун ҷиноят маънои онро дорад, ки ҷинояткор мард аст ва қурбонии он - ҳамеша зан аст.

Бояд қайд кард, ки мавҷудияти чунин намуди меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо хоҳиши қонунгузор барои ҳарчи пурра ба инобат гирифтани ҳолатҳои воқеии парванда вобаста аст, ки таҳдиди вайрон кардани принсипи баробариро надорад.

4. Бояд қайд кард, ки шахсияти ҷабрдида, ба ғайр аз мисолҳои дар боло овардашуда дар дигар меъёрҳои КҶ ҶТ низ (м. 310-и КҶ ҶТ – таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ, м. 356 – таҳдид ё зӯроварӣ вобаста ба амалбарории адолати судӣ, таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ, м. 255 – беэҳтиромӣ нисбати суд ва ғайра), аҳаммияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ доранд.

Ба андешаи И.Э. Звечаровский вазъияте, ки дар он суиқасди «оддӣ» ба ҳаёти шахси оддӣ аз ҷониби қонунгузор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш то понздаҳ сол арзёбӣ мешавад ва чунин таҷовуз ба ҳаёти ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ - аз дувоздаҳ то бист сол маҳрумият аз озодӣ ё

бо ҳукми қатл ё ҳабси абадӣ намунаи нобаробарии ҳуқуқӣ дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо, бо ин мавқеъ розӣ шудан мумкин нест. Хусусияти шахсияти ҷабрдида дар моддаҳои 355, 356 КҶ ҶТ ва ғайра дар он ифода ёфтааст, ки ба он салоҳияти муайян дода шудааст ва ҳама амалҳои ғайриқонунӣ нисбати ӯ, пеш аз ҳама ҳамчун таҷовуз бар зидди хизмати давлатӣ ва сипас ҳамчун суиқасд бар зидди шахсият, арзёбӣ мегардад.

Ҷазоҳои моддаҳои номбурда дар муқоиса бо таркибҳои алоқаманд, ки дар он ҷо аломати ҷабрдидаи махсус вуҷуд надорад, зиёд карда мешавад. Ин низ ҳамчун вайронкунии принсипи баробарӣ дониста намешавад, зеро ин ҷиноятҳо ҳамчун ду объектӣ эътироф мешаванд.

5. Мавқеи хизматии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, инчунин асос намедиҳад, то ки вайро ҳамчун ҳолати вайронкунандаи принсипи баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, арзёбӣ карда шавад. Вайрон кардани принсипи баробарӣ дар ҳолатҳое, ки шахсони бо истифода аз мансаби худ ҷиноят содир кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, зеро шахсони дигар умуман ин гуна ҷиноятро содир карда наметавонанд.

Ба андешаи В.Д. Филимонов «агар ин ё он шахсони мансабдоре, ки ба онҳо ваколатҳо ё ҳуқуқу уҳдадориҳои махсус дода шудаанд, ҷавобгарии зиёде доранд, пас ин гуна ҷавобгарӣ на оқибати мавқеи баланди хизматии онҳо, балки дараҷаи баланди хавфи ҷамъиятии кирдорҳои онҳо мебошад. Ба таркиби ҷиноят дохил намудани аломатҳои субъекти махсус, воситаи техникӣ-ҳуқуқӣ буда, қонунгузор бо ёрии он масъалаи хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии кирдорро равшан мекунад» [79, с. 91].

6. Аз нуқтаи назари принсипи баробарӣ, пайдо шудани боби мустақили 20 «Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон» (м. 165-178 КҶ ҶТ), диқати махсусро талаб мекунад. Таркиби бисёр ҷиноятҳое, ки ба ин

боб дохил карда шудаанд, дар КҶ соли муқаррар карда шудаанд, вале дар боби алоҳидаи КҶ онҳо зикр нашуда будаанд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми тавсифи баъзе таркиби ҷиноятҳои дар ин боб зикршуда, нақшҳои мақомӣ-оилавӣ ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ баромад мекунанд. Масалан, ҷалби ноболиғ ба ҷинояти аз ҷониби волидайн содиршуда, ҷазоро барои ин ҷиноят зиёд намуда, ин ҷиноятро ба категорияи ҷиноятҳои вазнин мегузаронад (қ. 2 м. 165 КҶ ҶТ). Ҳамин тавр, масъалаи ҷавобгарӣ барои ҷалби ноболиғ ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ (истифодаи мунтазами нӯшокиҳои спиртӣ, моддаҳои масткунанда, оворагардӣ ё талбандагӣ) ҳал карда мешавад (қ. 2 м. 166 КҶ ҶТ).

Ҷолиби диққат он аст, ки ҷиноятҳои алоҳидаи боби 20-и КҶ ҶТ танҳо аз ҷониби волидон содир карда мешаванд (масалан, м. 174. Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълимутарбияи ноболиғ); волидайн ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд (м. 175. Иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак); (м. 177. Бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон) ё фарзандони болиғ (м. 178. Барқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти волидайни ғайри қобили меҳнат).

Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки дар боби 20-и КҶ ҶТ оварда шудаанд, имкон медиҳад бигӯем, ки ишора ба онҳо ҳамчун аломати субъекти махсуси ҷиноят, инчунин ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо, мақоми оилавии хусусиятҳои шахсият оид ба таваҷҷуҳи қонунгузор ба ҳифзи оила, ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ва волидони ғайри қобили меҳнат шаҳодат медиҳад. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, инчунин дар қонунгузории миллӣ таҷассуми талаботи санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд, аз қабили Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Қоидаҳои стандартии ҳадди ақал оид ба мурофиаи судии ноболиғон

(қоидаҳои Пекин) аз соли 1985, ки давлатҳоро вазифадор мекунад, то ки ба некӯаҳволии ноболиғон ва оилаҳои онҳо мусоидат кунанд.

Далелу фактҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки дар КҶ ҶТ бояд мазмуни ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи баробарӣ тағйир дода шавад. Мо моддаи 5-и КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод менамоем:

«Моддаи 5. Принсипи баробарӣ дар назди қонун.

Шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, сарфи назар аз дилхоҳ ҳолатҳои воқеӣ, ба истиснои синну сол ва солимфикрӣ, инчунин аломатҳои субъекти махсус дар назди қонун баробаранд ва дар асосҳои баробар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар як қатор мавридҳо принсипи баробарӣ дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ таҷассуми худро наёфтааст.

1. Конститутсияи ҶТ ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликиятро эълон мекунад. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои моликон, инчунин шахсоне, ки амволро дар хидмат идора мекунанд, бояд баробар бошанд. Зимнан, ҳангоми ҷиноят донистани ҷиноятҳои зидди шаклҳои моликият дар боби 26-и КҶ ҶТ, принсипи баробарӣ, ба андешаи мо, пурра риоя нашудааст. Амволи ҳамаи шаклҳои моликият дар ин боб як хел – «молу мулки дигар» номида шудааст.

Ҳамзамон, дар меъёрҳои алоҳидаи ҳамин боб «бо расонидани зарари калон ба шаҳрванд» ҳамчун ҳолати бандубастшаванда нишон дода шудааст (қ. 2 м. 244 КҶ ҶТ, қ. 2 м. 247 КҶ ҶТ). Ҳамзамон, қонуни ҷиноятӣ бидуни назардошти муқаррароти Конститутсияи ҶТ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро дар муқоиса бо ҳамон ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ зиёд муқаррар кардааст. Барои ба амал баровардани талаботи принсипи баробарӣ аз матни м.м. 244, 245, 247, 248-и КҶ ҶТ вожаи «шаҳрванд» бояд хориҷ карда шавад.

2. Бидуни баҳс он далеле аст, ки табақабандии ҷиддии иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ки дар ҶТ ба амал меояд, набояд ба қонунгузории

ҷиноятӣ ва татбиқи принсипи баробарӣ дар назди қонун таъсир расонад. Дар амал, вайрон кардани ин принсип дар асоси вазъи молумулкии шахс имконпазир мегардад, зеро дар аксарияти мутлақи муҷозоти моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷарима ва маҳрумият аз озодӣ «якҷоя» шуда, алтернативаи якдигар гаштаанд.

Ин метавонад боиси таҳрифи қонунгузории ҷиноятӣ гардад, вақте ки «ба одамони сарватманд барои ҳамон як ҷиноят эҳтимол ҷарима баста шавад, камбизоатон ва беҷоймондагон қурбонии озодии шахсӣ гарданд» [39, с. 37]. Вобаста ба ин, зарур шуморида мешавад, ки аз санксияи моддаҳое, ки ба сифати алтернатива ҷарима ва маҳрумият аз озодӣ муқаррар шудааст, ҷарима ҳамчун намуди асосии ҷазо хориҷ карда шавад.

Дар хотима бояд қайд кард, ки принсипи баробарӣ таҷассуми худро дар Қисми махсуси КҶ ҶТ, аз ҷумла дар м. 143 КҶ ҶТ - вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон, пайдо кардааст. Ин таркиби нави ҷиноят барои КҶ ҶТ аст, ҷорӣ намудани он бо хоҳиши қонунгузор барои пешгирии гузариш ба қонуни табақавӣ, ба даст овардани имтиёзҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби одамони сарватманд тавсиф шудааст.

Тағйироти охирин дар таҳрири модда аз хоҳиши қонунгузор барои ба муассиртар табдил додани ин меъёр шаҳодат медиҳад, зеро ба ҷуз аз зуҳури мафҳуми табъиз ва дигарҳо дар диспозитсияи модда, таркиби моддии ҷиноят ба таркиби ҷинояти расмӣ табдил дода шудааст, ки ин имкон медиҳад дар бораи афзоиши имконпазири дар ояндаи наздик амалияи татбиқи моддаи 347 КҶ ҶТ, сухан ронем.

Ҳамин тавр, таҳлили зербоби принсипи баробарӣ дар назди қонунро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои асоснокро пешниҳод намудан мумикн аст:

1. Конститутсияи ҶТ баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун ва суд эълон мекунад. Нишондодҳои болозикр аз он далолат мекунад, ки

муқаррароти конститутсионӣ дар бораи баробарӣ дар м. 5 КҶ ҶТ, ки принсипи ҳуқуқӣ-ҷиноятии баробарӣ дар назди қонун муайян мекунад, бо фарқияти он, ки аввалан, ҳангоме ки дар қ. 1 м. 17 Конститутсияи ҶТ дар бораи баробарӣ дар назди "қонун ва суд" сухан гуфта мешавад, дар қонуни ҷиноятӣ дар бораи баробарӣ танҳо дар назди қонуни ҷиноятӣ сухан ронда мешавад. Дар ҳамин замина, зарур шуморида мешавад, ки принсипи баробарӣ дар назди қонун бояд дар м. 5 КҶ ҶТ бо баробарӣ дар назди суд, бо таҳдиди пурраи матни м. 17 Конститутсияи ҶТ, ки онро ба принсипи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ табдил медиҳад, пурра карда шавад.

2. Ҷавобгарии ҷиноятии баъзе категорияҳои одамон (судяҳо, вакилони мардумӣ, кормандони дипломатӣ ва ғ.) ба тартиби махсус мегузарад. Масалан, тибқи м. 91 Конститутсияи ҶТ судяро «бе ризоияти мақомоте, ки ннтихоб ё таъин кардааст, ҳабс кардан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Дар айни замон, ин қабил меъёрҳо мухолифи принсипи баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ нест. Нисбати баъзе ашхос танҳо тартиби ба ҷавобгарӣ кашидан тағйир меёбаду халос. Аммо ҳатмӣ будани ҷавобгарии ҷиноятӣ боқӣ мемонад. Судя ё вакили мардумӣ низ мислӣ дигарон барои ҷинояти содиркардааш дар асосҳои умумӣ ҷавобгар аст. Тартиби махсуси ҷавобгарӣ (масалан, розигии мақомоти дахлдор) асоси озод намудан аз ҷавобгарӣ шуда наметавонад.

3. Манъи татбиқи ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум кардан ва ҷазои қатл нисбати занон (м. 58 (1) ва 59 КҶ ҶТ), наметавонад ҳамчун рад кардани принсипи баробарӣ ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба онҳо, баррасӣ карда шавад. Он аз хусусиятҳои муайяни равонию ҷисмонии занҳо вобаста аст, ки нисбат ба мардон дар алоқа бо муҳити беруна бештар осебпазиранд ва тоб овардан ба чунин намуди ҷазо нисбат ба мардон душвортар аст. Масъалаи хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии занонро ба назар гирифта, ба он ишора кардан зарур аст, ки қонуни ҷиноятӣ ҳангоми таъини ҷазо ҳолати ҳомиладориро ҳамчун ҳолате, ки ба

муҳлат ё андозаи ниҳоии он таъсир мерасонад, ба инобат мегирад. «Аз як тараф, дидаю дониста аз тарафи гунаҳгор содир намудани ҷиноят нисбати зани ҳомиладор, ҷазоро сахттар мекунад (б. «ж» қ. 1 м. 62 КҶ ҶТ), аз тарафи дигар, содир намудани ҷиноят аз ҷониби зане, ки дар ҳолати ҳомиладорӣ қарор дорад, ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо (б. «в»-и қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ) баромад мекунад».

4. Мундариҷаи боби 14-и КҶ ҶТ кушиши қонуни ҷиноятиро оид ба то ҳадди имкон ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолиии ноболиғон, ҳангоми муайян кардани ҳудуди ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо нишон медиҳад, ки ин пеш аз ҳама дар истифодаи бештари чораҳои таъсиррасонии тарбиявӣ ба онҳо, инчунин ҳангоми муқаррар намудани тартиби махсуси татбиқ кардан нисбат ба ноболиғон масъалаҳои умумии ҷавобгарӣ ва ҷазо, ифода меёбад. Ва ин принсипи баробарии шаҳрвандонро дар назди қонуни ҷиноятӣ вайрон намекунад.

5. Дар КҶ ҶТ бояд мазмуни ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи баробарӣ ба таври зерин тағйир дода шавад: *«Моддаи 5. Принсипи баробарӣ дар назди қонун. Шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, сарфи назар аз дилхоҳ ҳолатҳои воқеӣ, ба истиснои синну сол ва солимфикрӣ, инчунин аломатҳои субъекти махсус дар назди қонун баробаранд ва дар асосҳои баробар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд».*

2.3. Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ

Дар назарияи ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҳамчун принсип эътироф гардидани ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ доираи васеи андешаҳо вомехӯранд.

Баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки кушиши ифодаи ногузирии ҷавобгарӣ «чун ҳар кас ва дилхоҳ шахс бояд мувофиқи ҳар як ҷинояти содиршуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад», на танҳо воқеияти амалияи

ҳуқуқтатбиққунӣ, балки маводи меъёрии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро низ инъикос намекунад.

Дар мундариҷаи охирин пайдо кардани меъёрҳое, ки ақидаи ногузирии ҷавобгариро мустақиман рушд медиҳанд, ниҳоят душвор аст, агар чӣ ин принсип бо принсипи баробарии ҳуқуқӣ алоқаманд карда нашавад. Чунин ба назар мерасад, ки ғояи ногузирии ҷавобгарӣ, пеш аз ҳама, принсипи ҳуқуқ набуда, балки вазифаи мақомоти татбиққунандаи қонун ва на танҳо ҷиноят мебошад, балки ин маънои онро дорад, ки ҳар як ҳуқуқвайронкунӣ, аз ҷумла ҷиноят бояд ҳатман, пеш аз ҳама, ошкор карда шавад ва баъд аз ҷониби давлат ва ҷомеа - беҷавоб намонад» [31, с. 40].

Ба андешаи Н.Ф. Кузнетсова «принсипи адолат ... бо нишон додани ногузирии ҷавобгарӣ, бояд манфиати ҷабрдидагони ҷиноятро ба назар гирад» [41, с. 239-240].

Ба ақидаи В.П. Малков «таъмини ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо яке аз муҳимтарин вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, на ин ки принсипи ҷавобгарии ҷиноятӣ. Бо таваҷҷуҳ ба он ки Кодекси ҷиноятӣ миқдори зиёди меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки озод кардани шахсро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба ҳолатҳои ислоҳкунанда иҷозат медиҳанд, муаллиф таъкид мекунад, ки ин хилофи вазифаи таъмини ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо мебошад» [73, с. 39].

В.П. Малков бошад, баъдтар чунин қайд менамояд, ки «имкониятҳои моддии давлат ва баъзе мулоҳизаҳои дигар ҳанӯз имкон намедиҳанд, ки аз истифодаи ниҳоди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯи ҳолатҳои ислоҳ накардан, комилан даст кашем» [73, с. 40].

Бо назардошти фикру мулоҳизаҳои дар боло зикршуда, ба ҳар ҳол мавқеи ҳамон муаллифонеро дастгирӣ кардан зарур аст, ки ногузирии ҷавобгарии ҷиноятиро ба низоми принсипҳои Қонуни ҷиноятӣ шомил мешуморанд.

Ба андешаи А.В. Наумов принсипи ногузирӣ дар КҶ ФР аз соли 1996 бе ҳар гуна асосҳои кофӣ пешбинӣ нашудааст. Сабабҳои рад кардани мустаҳкам намудани ин принсипро ӯ «дар воқеияти имрӯзаи ҷомеа, алалхусус, дар паст будани фоизи ошкор шудани ҷиноятҳо, муносибати ғайританқидии кормандони ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба фаъолияти худ мебинад, ки суст ошкор намудани ҷиноятҳоро, аз ҷумла ҷиноятҳои коррупсиониро, на аз рӯи камбудиҳои фаъолияти худ, балки бо набудани заминаи кофии қонунгузорӣ, инчунин набудани иродаи сиёсии кофии шахсони аввали давлат, ки ба муборизаи қатъӣ бо коррупсия нигаронида шудааст, ишора менамояд [43, с. 52-57].

Профессор В. Филимонов ҳамчунин бар ин назар аст, ки дар Қонуни ҷиноятӣ принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври бояду шояд мустаҳкам нашудааст. Вай менависад, «Кодекси ҷиноятӣ мавқееро ишғол кардааст, ки ба ин принсип комилан мувофиқ нест - он миқдори зиёди меъёрҳои ҳуқуқиеро пешбинӣ кардааст, ки имкони озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи асосҳои ислоҳнопазирӣ муқаррар мекунанд” [78, с. 135].

Дар баробари ин метавон гуфт, ки КҶ амалкунандаи ҶТ ду гурӯҳи ҷиноятҳоро ҷудо мекунад, ки яке (калонтарин) аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо асосҳои ислоҳнашаванда озод карданро иҷозат намедиҳад ва дигаре (хурдтарин) – иҷозат медиҳад. Ин асос барои хулоса мебошад, ки аввалини онҳо бо принсипи ногузирӣ фаро гирифта шудааст, ки ҳарчанд дар ҳаҷми пурра амал намекунад, лекин яке аз принсипҳои КҶ амалкунандаи ҶТ ба ҳисоб меравад.

Принсипи ногузирии чавобгарӣ аз принсипи баробарӣ дар назди қонун бармеояд. Дар ҳолати содир шудани ҷиноят ҳеҷ гуна истисно ба ягон кас пешбинӣ намешавад. Ҷиноят набояд бетаассур монад. Ошкор кардани ҷиноят, ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткор вазифаи мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ аст. Принсипи ногузирии ҷавобгариро ин мақомот таъмин менамоянд.

Ногузирии ҷавобгарни ҷиноятӣ аз мақсади таъмннн адолати иҷтимоӣ сарчашма мегирад. Ҳама гуна ҷиноят, алалхусус, афзоиши ҷинояткорӣ ҳодисаи манфӣ буда, ҳаёти осудаҳолонаю амнияти одамонро халалдор менамояд. Аз ин рӯ, мубориза муқобили ҷиноят, пешгирии он аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, дар айнп замон тавассутн ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба роҳ монда мешавад.

Принсипи мазкур аз мақсадҳои ҳимояи манфиатҳон ашхос, ки аз ҷиноят зарар дидааст, бармеояд. Дар м. 21 Конститутсияи ҶТ омадааст: «Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзн судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад». Яке аз кафолатҳои муҳими ҳифзи ҷабрдида ин ногузирии ҷавобгарии ҷинояткор аст.

Агар принсипи баробарӣ дар назди қонун (м. 5 КҶ) танҳо баробарии ҷавобгарии ҷиноятиро дар назар дошта бошад, пас, прннсипи ногузирии ҷавобгарӣ зарурати ҷавобгарни ҷиноятӣ ва ҳам татбиқи ҳатмии ҷазои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноиро дар бар мегирад.

В.В. Малтсев таъкид мекунад, ки принсипи ногузирии ҷавобгарӣ «ҳамчун сояи (инъикоси) мавҷудияти ҷамъиятии баробарии шаҳрвандон дар назди қонун амал мекунад ва бо мафҳуми ҷиноят зич алоқаманд аст. Чунин баробарӣ ба ҳақиқат танҳо дар шароите таҷассум меёбад, ки аксарияти куллии ҷиноятҳо ошкор шудаанд ва шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, қатъиян тибқи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ҷиноятро ҳамчун «гуноҳи содиркардаи кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки Кодекси мазкур бо таҳдиди ҷазо манъ кардааст» муайян намуда, ба ин васила яке аз аломатҳои он ҷазо доданро шуморида, ақаллан ногузирии ҷавобгариро бо принсипи КҶ эътироф накардан ғайриимкон аст, зеро дар асоси ҷазо дода шудани ҷиноят ғайр аз ногузирии ҷавобгарӣ дигар чизе буда наметавонад. Изҳороти ин принсип, инчунин аз нуқтаи назари

муайян кардани яке аз роҳҳои иҷрои вазифаҳои Кодекси ҷиноятӣ муфид хоҳад буд» [116, с. 102].

Ҳамин тавр, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ диққати аввалиндараҷа ба масъалаи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ дода мешавад. Дар заминаи андешаҳои болозикр, бояд қайд намуд, ки принсипи ногузирии ҷавобгарӣ бо принсипҳои дигари қонуни ҷиноятӣ фаро гирифта нашудааст. Метавон гуфт, ки ин принсип аз рӯи мазмун пурратари принсипҳои умумии қонуният ва баробарҳуқуқиро мушаххас мекунад.

В.Д. Филимонов қайд мекунанд, ки «принсипи қонуният ва баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар назди қонун принсипи ногузириро фаро намегирад, зеро рад кардан аз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан метавонад дар асоси қонунӣ, бо дарназардошти муносибати баробар ба шахсон, сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, молу мулк, вазифаи хизматӣ ва дигар ҳолатҳо амалӣ карда шавад» [79, с. 44].

Ба андешаи баъзе муаллифон, принсипи ногузирӣ вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, яъне хусусияти ҷиноятӣ-мурофиавӣ дорад. Масъалаи қонунӣ будани нисбат додани ногузирии ҷавобгарӣ ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва на ба принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҳанӯз дар даврони шуравии рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён гузошта шуда буд. Масалан, муаллифони монографияи «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ» ин масъаларо дар назди худ гузошта, ҷавоби (ҳалли) онро бо таҳлили тафовутҳои муносибатҳо миёни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд мекунанд [95, с. 50-57], [101, с. 61-69], [141, с. 30], [114, с. 96-99].

Агар миёни давлат ва шахси содирнамудаи ҷиноят муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба вуҷуд оянд, ки аломатҳои он дар қонуни ҷиноятӣ муайян карда шудаанд, пас муносибатҳои ҳуқуқӣ-мурофиавӣ – ин муносибатҳои ҳуқуқии миёни мақомоти тафтишот, прокуратура ва судӣ «бо шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ки фаъолияти онҳо ба онҳо ва онҳое, ки

дар ин фаъолият иштирок мекунанд, паҳн карда мешавад, инчунин муносибатҳои ин мақомот бо якдигар ҳангоми тафтишот ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ” ба ҳисоб меравад [35, с. 121].

Бо сабаби он ки ногузирии ҷавобгарӣ ақидаеро ифода мекунад, ки дилхоҳ шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, бояд барои он ба ҷавобгарӣ кашида шавад, муаллифон ногузирии ҷавобгариро - принсипи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ меноманд.

Ба андешаи В.Д. Филимонов «вазифаи зуд ва пурра ошкор намудани ҷиноятҳо, фош кардани ҷинояткорон ва таъмини истифодаи дурусти қонунро танҳо дар сурате иҷрошаванда ҳисобидан мумкин аст, ки агар он ба меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ мувофиқат кунад» [79, с. 45]. Ба андешаи мо, принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорад, зеро он пеш аз ҳама, ба одамон нигаронида шуда, таъсири пешгирикунанда ва боздоранда дорад.

Илова бар ин, доштани нишони худ ва ҳуқуқтатбиқшаванда аст, ба он табиати мурофиавӣ-ҷиноятӣ дода намешавад. Тамоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ барои ҳар як шахс, барои қонунгузор ва ҳуқуқтатбиққунанда аломати ҳатмӣ доранд. Ба ибораи дигар, мукаммалии иҷрои талаботи қонунгузорӣ бештар ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста аст.

Баъзе муаллифон бе асосҳои кофӣ оид ба дар қонуни ҷиноятӣ мавҷуд надоштани меъёрҳое, ки «ақидаҳои ногузирии ҷавобгариро рушд медиҳанд», сухан меронанд. Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ талаботи асосиест, ки тамоми мазмуни КҶ ҶТ фаро мегирад. Дар Қисми умумии қонуни ҷиноятӣ, чӣ тавре ки профессор В.Д. Филимонов таъкид мекунанд, «шакли оддитарини ифодаи он (принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ) нишонаест, ки дар калимаҳои «шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад», ифода ёфтааст [79, с. 46].

Ин ибора нисбат ба шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, дар меъёрҳои зерини КҶ ҶТ истифода мешавад:

1) дар м. 5-и КҶ ҶТ оварда шудааст – шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, шаҳрвандӣ, забон, муносибат ба дин, ақидаҳои сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ, хизматӣ ва молу мулкӣ, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маҳалли истиқоматашон ва дигар ҳолатҳо дар назди қонун баробаранд ва бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд;

2) қ. 2 м. 7-и КҶ ҶТ – шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

3) қ. 3 м. 14-и КҶ ҶТ – шахсе, ки дар киштии обӣ ё ҳавопаймои қонунан таҳти парчам ё аломатҳои шиносоии ҶТ дар обҳои кушод ё фазои ҳавои берун аз ҳудуди ҶТ ҳаракаткунанда ҷиноят содир карда бошад, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

4) қ. 4 м. 15-и КҶ ҶТ – шаҳрванди ҶТ, инчунин шахси бешаҳрванди дар ҶТ доимо истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш мутобиқи Кодекси мазкур дар ҳолате низ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки мутобиқи моддаҳои мушаххаси Қисми махсуси Кодекси мазкур ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳз барои дар ҳудуди давлати хориҷӣ содир намудани ҷиноят пешбинӣ гардида бошад;

5) м. 22-и КҶ ҶТ – танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст;

6) қ. 1 м. 23 КҶ ҶТ – ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст;

7) қ. 2 м. 23-и КҶ ҶТ – шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳсолагӣ расидааст, барои содир намудани ҷиноятҳои зерин ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд: одамкушӣ (моддаи 104), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (моддаи 110), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 111), одамрабоӣ (моддаи 130), таҷовуз ба номус (моддаи 138), кирдори зӯроварии дорои хусусяти шаҳвонӣ (моддаи 139), терроризм (моддаи 179), ғасби гаравгон (моддаи 181), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (моддаи 199), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 200), муносибатҳои ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 201), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 202), парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (моддаи 204), муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок бо массади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 206), корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (моддаи 214), авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237), дуздӣ (моддаи 244), ғоратгарӣ (моддаи 248), роҳзанӣ (моддаи 249), тамаъҷӯӣ (моддаи 250), ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (моддаи 252), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми дуюми моддаи 255).

8) қ. 3 м. 23 КҶ ҶТ – дар ҳолатҳои алоҳидаи дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида танҳо он шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки аз синни шонздаҳсола болотар аст;

9) қ. 1 м. 25-и КҶ ҶТ – шахси мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии рӯҳӣ наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад$

10) қ. 3 м. 34-и КҶ ҶТ – шахсе, ки ихтиёран то ба охир овардани ҷиноят даст кашидааст, танҳо дар ҳолате ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида

мешавад, ки кирдори содирнамудаи ӯ таркиби ҷинояти дигар дошта бошад ва ғ.

Тавре ки маълум аст, ибораи «шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад» пурра уҳдадории шахси ҷиноят содиркардаро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ифода мекунад. Илова бар ин, ибораи «шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад» низ зуҳуроти принсипи ногузирии ҷавобгарӣ мебошад.

Ҳангоми маҷмуи ҷиноятҳо шахс барои ҳар як ҷинояти содиршуда тибқи моддаи дахлдор ё қисми моддаи ҳамин Кодекс, ба ҷавобгарии чинояти кашида мешавад, ки дар меъёрҳои зерин ифода ёфтааст:

1) қ. 4 м. 37-и КҶ ҶТ – шахсе, ки субъекти ҷинояти дар моддаи Қисми махсуси ҳамин Кодекс махсус зикргардида набуда, дар содир намудани ҷинояти пешбининамудаи ҳамин модда иштирок кардааст, барои ин ҷиноят метавонад танҳо ба сифати ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад;

2) қ. 5 м. 37-и КҶ ҶТ – агар иҷрокунанда бо сабабҳои аз ӯ новобаста ҷиноятро то ба охир расонида натавонад, шариконӣ дигари ҷиноят барои шарикӣ дар тайёрӣ ба содир намудани ҷиноят ё сӯиқасди содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Барои тайёрӣ ба ҷиноят, инчунин шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар бо ҳолатҳои аз ӯ новобаста дигар ашхосро ба содир намудани ҷиноят водор накарда бошад;

3) қ. 6 м. 39-и КҶ ҶТ – шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) таъсис додааст ё ба он роҳбарӣ кардааст, дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс барои ташкил ва роҳбарии онҳо, инчунин барои тамоми ҷиноятҳои содирнамудаи гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), агар қасди ӯ содир намудани онҳоро дар бар гирифта бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дигар

иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) барои иштирок дар онҳо дар ҳолати пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс, инчунин барои ҷиноятҳое, ки дар тайёрӣ ё содир кардани онҳо ширкат варзидаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд;

4) қ. 1 м. 45-и КҶ ҶТ – расонидани зарар ба манфиатҳои бо ҳамин Кодекс муҳофизатшаванда аз ҷониби шахсе, ки бо мақсади иҷрои ҳатмии фармон ё амри мувофиқи тартиби муқарраргардида ба ӯ додашуда амал кардааст, ҷиноят намебошад. Барои расонидани чунин зарар шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки фармон ё амри ғайриқонунӣ додааст;

5) қ. 2 м. 45-и КҶ ҶТ – шахсе, ки бо мақсади иҷрои фармон ё амри ғайриқонунӣ қасдан ҷиноят содир кардааст, бо асосҳои умумӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад

Дар Қисми махсуси КҶ ҶТ принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар санксияи моддаҳое, ки намуд ва андозаи ҷазоро барои кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок пешбинӣ мекунанд ва дар диспозитсияҳо тавсиф шудаанд, таҷассум ёфтааст. Санксияи модда ҳамеша бо калимаи «ҷазо дода мешавад» оғоз мешавад, бо ҳамин қонунгузор талаб менамояд, ки дар сурати содир намудани кирдорҳои дар таҳияи меъёрҳои Қисми махсус зикргардида, мақомоти судӣ бояд ҷазоро тибқи санксияи ҳамин модда татбиқ намояд. Масалан, дар қ. 1 м. 104-и КҶ ҶТ омадааст: «Одамкушӣ, яъне қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани одами дигар – бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то понздаҳ сол ҷазо дода мешавад.

Ҳамин тариқ, чунин таҳияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, талаботи тағйирнопазири қонунгузорро дар бораи ҷазодиҳӣ барои ҳар як кирдори ҷиноятӣ ифода мекунад. Масъалаи асосҳои дар матни қонуни ҷиноятӣ муқаррар намудани принсипи ногузирии ҷавобгарӣ айни замон воқеӣ ба ҳисоб меравад. Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала ошкор намудани

он ки ин принсип дар татбиқи вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ чӣ аҳаммият дорад, зарур аст.

Чи тавре ки дар боло зикр гардид, принсипи ногузирии ҷавобгарӣ таъсири пешгирикунанда, боздоранда дорад ва дар ин самт бо ёрии он қонуни ҷиноятӣ рафтори одамонро ба танзим медарорад. Чезаре Беккария қайд намуд буд, ки «яке аз воситаҳои муассири пешгирии ҷиноят на дар вазнинии ҷазо, балки ногузир будани он аст... Боварӣ ба ногузирӣ ақаллан ҷазои муътадил, ҳамеша таассуроти бузургтареро назар ба тарс аз дигар бераҳмӣ пайдо мекунад, вале ҳамроҳ бо умеди беҷазоӣ» [21, с. 308-309].

Ин мавқеъ бояд ҳамеша аввалиндараҷа баҳогузорӣ карда шавад. Яъне, ки қонунгузории ҷиноятӣ ва низоми ҷазо бояд башардӯстона бошад. Мақсади асосии ноил шудан ба ногузирии ҷазо бояд равона гардад, на балки сахтии (бераҳмӣ) аз ҳад зиёди он. Аммо чунин ақида, ки одамон танҳо аз тарси ҷазо ҷиноят содир намекунанд, нодуруст аст. Бо вуҷуди ин, тарс аз ҷавобгарӣ ҳамчун ангезаи риояи қонун барои бисёриҳо монеаи содир намудани ҷиноят буд ва мемонад.

Масъалаи мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро имкон медиҳанд, таваҷуҳи хосаеро талаб мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқии шахсонеро, ки ҷиноят содир кардаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мекунанд, ҳам дар қисмҳои умумӣ ва ҳам дар қисмҳои махсуси КҶ ҶТ мавҷуданд. Дар Қисми умумии КҶ ҶТ як бахши пурра ба асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо бахшида шудааст (фасли IV – «Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо»).

Дар ин бахш меъёрҳое, ки озодкуниро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунанд, дар боби алоҳида оварда шудаанд: озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор (м. 72-и КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида (м. 73-и КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир

ёфтани вазъият (м.74-и КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (м. 75-и КҶ ҶТ).

Дар боби алоҳидаи фасли IV КҶ ҶТ меъёрҳое ҷой дода шудаанд, ки аз ҷазо озод мекунанд: шартан ва пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан (м. 76-и КҶ ҶТ), ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо (м. 77-и КҶ ҶТ), мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд (м. 78 КҶ ҶТ), бо сабаби беморӣ аз ҷазо озод кардан (м. 79 КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда (м. 80-и КҶ ҶТ), озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ (м. 81 КҶ ҶТ) ва ғ.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин метавонад дар асоси санадҳои махсуси мақомоти давлатӣ сурат гирад (авф – м. 82 КҶ ҶТ, бахшиши ҷазо – м. 83 КҶ ҶТ). Илова бар ин, дар КҶ ҶТ имкони озод кардани ҷинояткорони ноболиғон аз ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст (аз ҷазо озод кардан ноболиғон – м. 90 КҶ ҶТ, шартан ва пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардани ноболиғон – м. 91 КҶ ҶТ). Ҳамаи меъёрҳои дар боло номбаршуда бо он муттаҳид мешаванд, ки татбиқи шаклҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятии пешбининамудаи онҳо, бо ягон намуди муайяни рафтори ҷиноятӣ алоқаманд нест.

Ҳолатҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, баръакс, танҳо ба намудҳои ҷиноятҳои алоҳида алоқаманданд (эзоҳ ба м.м. 130, 179, 181, 185, 195 ва ғ.).

Мавқеи он муаллифоне, ки мавҷудияти ин меъёрҳоро дар матни КҶ ҶТ ҳамчун дуршавӣ аз принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ мешуморанд, эътирозро ба вуҷуд меорад. Ба андешаи мо, талаботи ногузирии ҷавобгариро набояд мутлақо донист, онро новобаста аз ягон зуҳуроти ҳаёт бояд амалкунанда баррасӣ кард. Дар воқеият чунин ҳолатҳое имконпазиранд, ки дар сурати мавҷуд будани онҳо татбиқи

меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ғайримақсаднок мегардад ва ё ба талаботи инсондустӣ ва адолат мувофиқ нест.

Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари дарк намудани ногузирии ҷавобгарӣ аз ҳама муҳим он аст, ки ҳамаи ин гуна ҳолатҳо бояд дар қонун зикр карда шаванд. Таҳлили матни қонуни ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки қонунгузор ин ҳолатро ба назар гирифтааст. Илова бар ин, дар як қатор мавридҳо мавҷуд будани чунин меъёрҳо дар КҶ ҶТ, ба фикри мо, бо ҳолатҳои зерин шарҳ дода мешавад. Дар натиҷа ҳолатҳое ба вуҷуд меоянд, ки аз лаҳзаи содир шудани ҷиноят то фош шудани он ва ё аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми гунаҳгорӣ то иҷрои он, муддати зиёд мегузарад ва баъд аз гузашти он татбиқи ҷазо ғайримақсаднок мегардад.

Ба андешаи П.А. Фефелов ин боиси он мегардад, ки кирдори мушаххасе, ки дар гузашта содир карда шуда буд, пас аз муддати дуру дароз табиати кирдори барои ҷамъият хавфнокро гум мекунад, зеро худи далели ҷинояти як вақтҳое дар гузашта содиршуда аз шуури аъзоёни ҷомеа дур карда мешавад ва ё тамоман фаромӯш мешавад – кирдор арзишашро гум мекунад, ки дар худ самти арзишноки зиддиҷамъиятӣ дорад [75, с. 350], [49, с. 91-92].

Дар ин шароит далели татбиқи ҷазо дар шуури одамон дар фосилаи аз ҷинояти дар гузашта содиршуда, дарк карда мешуд. Ҷазо на ҳамчун оқибати зарурии ҷинояти содиршуда, балки дар алоҳида аз он қабул карда мешуд ва дар натиҷа, қобилияти вазифаи пешгирии умумиро ба таври кофӣ иҷро карда наметавонист. Дар сурати вуҷуд доштани далелҳо, ки шахсе ҷиноят содир кардааст, дар давоми муҳлати даъво ба самти беҳтар тағйир ёфтааст (дар ин муҳлатҳо ӯ ҷинояти нав содир накардааст ва аз суд ва тафтишот пинҳон нашудааст), он гоҳ татбиқи ҷазо низ аз нуқтаи назари пешгирии махсус номуносиб аст.

Бо андешаи муаллифи мазкур розӣ нашудан номумкин аст, ки ҳар қадар вақт камтар аз рӯзи содир шудани ҷиноят то пурра ошкор ва ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҷазо додан мегузарад, ҳамон қадар он барои фароҳам овардани фазои ногузирии ҷазо ва ноил шудан ба ҳадафҳои пешгирии ҷинояткорӣ, аҳаммият дорад [49, с. 92].

Имконияти пешбининамудаи озод кардани ноболиғон аз ҷазо бо қонуни ҷиноятӣ, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шудаанд, бо истифодаи чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявӣ (м. 96-и КҶ ҶТ) бо он шарҳ дода мешавад, ки истифодаи охирин нисбат ба ин категорияи шахсон имкон медиҳад, ки бо воситаҳои бештар башардӯстона мақсадҳои ҷазо ба даст оварда шаванд.

Дар байни асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ санадҳои авф ва бахшиши ҷазо ҷойи махсусро ишғол мекунанд. Моддаи 82-и КҶ ҶТ ба он ишора медиҳад, ки авф дар асоси қонуни ҶТ нисбати доираи инфиродан номуайяни шахсон татбиқ карда мешавад. Бо санади авф шахси содирнамудаи ҷиноят метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад ва шахси барои ҷиноят маҳкумшуда ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ пурра ё қисман озод карда шавад ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ ихтисор гардад ё ба намуди ҷазои сабуктар иваз карда шавад ё доғи судиаш бардошта шавад. Санади авф ба кирдорҳои сазовори ҷазои ҷиноятие, ки то қабули он содир гардидаанд, дахл дорад.

Дар мавриди бахшиши ҷазо бошад, он аз ҷониби Президенти ҶТ нисбати шахси муайян татбиқ карда мешавад. Бо санади бахшиши ҷазо шахси барои ҷиноят маҳкумшуда метавонад ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ пурра ё қисман озод карда шавад ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ ихтисор гардад ё ба ҷазои сабуктар иваз карда шавад ё доғи судиаш бардошта шавад.

Ба фикри мо, муқаррароти авф ва бахшиши ҷазо ба принсипи ногузирии ҷавобгарӣ мухолифат намекунанд, зеро аз рӯи анъанаи муқарраргардида амалҳои авф ва бахшиши ҷазо аз ҷониби мақомоти олии давлатие, ки бо баровардани қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро

пешбинӣ менамоянд, қабул карда мешаванд, илова бар ин, онҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва нисбатан кам бароварда мешаванд. Ҳамзамон, набудани асосҳои моддӣ- ҳуқуқии дар қонун тавсифшуда ва тартиби муқарраргардидаи татбиқи ин амалҳо, ҳам дар доираи ҷиноят ва ҳам дар доираи шахсон, татбиқи принсипи ногузирии ҷавобгариро номувофиқ (бенизом) мегардонад. Ҳолатҳои номбаршуда камбудии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ буда, такмили минбаъдаи матни м. 82, 83 КҶ ҶТ тақозо мекунанд.

Асос барои дар Қисми махсус муқаррар кардани ҳолатҳои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан, аввалан, оид ба пешгирии фарорасии оқибатҳои вазнинтар аз зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда ва дуюм, ошкор намудани ҷиноят ва товони зарари расонидашуда ташкил менамояд [146, с. 208], [147, с. 53], [151, с. 221], [152, с. 228]. Маҳз онҳо меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд, ки шартҳои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахси ҷиноят содиркардаро таҳия мекунанд.

Муқаррароти болозикрро метавон дар меъёрҳои ҳуқуқии эзоҳои моддаҳо зерин мушоҳида намуд: м. 130 КҶ ҶТ (одамрабоӣ), м. 130.1 КҶ ҶТ (савдои одамон), м. 179 КҶ ҶТ (терроризм), м. 181-и КҶ ҶТ (ғасби гаравгон), м. 185-и КҶ ҶТ (ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ), м. 187-и КҶ ҶТ (ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ), моддаи 195-и КҶ ҶТ (ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш), м. 196 КҶ ҶТ (ғайриқонунӣ сохтани силоҳ), м. 279-и КҶ ҶТ (ришвадиҳии тиҷоратӣ), м. 305-и КҶ ҶТ (хиёнат ба давлат), м. 307.2-и КҶ ҶТ (ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), м. 307.3-и КҶ ҶТ (ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва ғ.

Чунин ба назар мерасад, ки меъёрҳои ҳуқуқии масалан, дар эзоҳои м.м. 179, 181, 185, 187, 195, 196, 305, 307.2, 307.3 КҶ ҶТ дар қонуни ҷиноятӣ

бо мақсади пешгирии фарорасии оқибатҳои вазнинтар аз зараре, ки аллакай дар натиҷаи ин ҷиноятҳо расонида шудааст, муқаррар карда шудаанд. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар эзоҳҳои м.м. 279, 319, 351 КҶ ҶТ зикр шудаанд, дар қонуни ҷиноятӣ бо мақсади таъмини ифшои ин ҷиноятҳо ва ҷуброни зарари аз онҳо расонидашуда, пешбинӣ шудаанд.

Ба гурӯҳи алоҳидаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки имконияти аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахсонро иҷозат медиҳанд, меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар эзоҳои м. 374, 375-и КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, мансуб мебошанд. Тибқи онҳо хизматчиёни ҳарбие, ки бори аввал кирдорҳои пешбининамудаи моддаҳои мазкурро содир карда, агар худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ бо сабаби пеш омадани шароитҳои вазнин содир шуда бошад, метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад ва инчунин хизматчии ҳарбие, ки мутобиқи кирдорҳои пешбининамудаи моддаи 375 КҶ ҶТ бори аввал фирор кардааст, агар ихтиёран дар муҳлати се рӯз омада ба гуноҳаш иқрор шавад ва ё фирор аз сабаби ба миён омадани шароитҳои вазнин содир шуда бошад, метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад. *Масалан, Маҳмудов Н.А. аввалҳои соли 2017 бо мақсади ба муомилот баровардани доруворӣ бесифат, қалбакӣ (сохта) ба миқдори махсусан калон, дар шаҳри Турсунзода бо шахси ба тафтишот номаълум вохӯрда, 7550 ампулаи дорувории "Гордокс"-ро, ки қалбакӣ ва бесифат буда, ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ набуданд, ба арзиши 20 сомонӣ барои ҳар як ампула, ҷамъ ба маблағи умумии 151 000 сомонӣ харидорӣ намудааст. Сипас, ӯ бо мақсади дар оянда бо нархи гарон фурӯхтан ва ба даст овардани фоида, онро дар манзили истиқоматии худ, воқеъ дар деҳаи Чиртаки ҷамоати деҳоти Навободи шаҳри Турсунзода ғайриқонунӣ нигоҳ доштааст.*

Моҳи марти соли 2017 ӯ бо мақсади амалӣ намудани қасди ҷиноятии худ, яъне ба муомилот баровардани доруворӣ пастсифат, қалбакӣ ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ набуда ба миқдори махсусан

калон, бо шаҳрванд Гулаев О. Хушвахтович, ки ба фурӯши дорувориҳ машғул мебошад, вохӯрда, ба номбурда таклифи харидани ин дорувориро намуд. Гуляев О.Х. бехабар аз қасди ҷиноятии ӯ, оид ба қалбакӣ, бесифат ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ набудани дорувории "Гордокс" маълумотдор нашуда, ба номбурда бовар карда, барои харидориҳ кардани ин дорувориҳ розӣ шудааст.

Тахминан миёнаҳои моҳи марти соли 2017 ӯ ба Гулаев О.Х.. дидаву дониста 7550 адад ампулаи дорувории 'Тордокс"-ро, ки қалбакӣ, бесифат ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ намебошад, ба маблағи 25 сомонӣ арзиши ҳар як ампулааш, ҷамъ ба маблағи умумии 188 750 сомонӣ фурӯхта, аз номбурда 47 000 сомонӣ маблаги нақд ва 4 адад автомашина, аз ҷумла автомашинаҳои тамгаи "Мерседес бенс-180" бо арзиши 65 000 сомонӣ, "Опел астра-ҷӣ" бо арзиши 30 000 сомонӣ, "HONDA CR-V" бо арзиши 22 000 сомонӣ ва "Опел-караван" бо арзиши 25 000 сомонӣ гирифта, онро ба манфиати худ сарф кард.Мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ-химиявӣ аз 21.12.2020 сол дорувории "Гордокс" (Апротинин) в/в 10 000 КИЕ/мл 10 мл. № 25 ампула, ки аз тарафи Гулаев О.Х. пешниҳод шудаанд, бо нишондодҳои аслият ва гашҳои механикӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ ҷавобгӯ набуда, ҳамчун маводи дорувории қалбакӣ ҳисобида мешавад. Дар ҳолати истифодабарии маводи дорувории мазкур ба саломатии инсон зарар мерасонад, чунки маводи асосии таъсиррасонии Апротинин дар таркиби маводи мазкур вуҷуд надорад. Арзиши он баробар ба 914, 58 сомонӣ барои як қуттӣ, ҷамъ ба маблаги 276 203 сомонию 16 дирамро ташкил медиҳад.

Судшаванда Маҳмудов Н.А. дар маҷлиси судӣ худро бо айби ба ӯ эълон карда шуда бо моддаи 210[1] қисми 3 банди "б"-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра айбдор ҳисобида чунин нишондод дод, ки ӯ соли 2011 вай дар дорухонаи "Интисор", ки дар рӯ ба рӯи бозори "Саховат", дар ошёнаи якуми бинои панҷошёна қарор доштааст, ба сифати боркаш (грузчик) ва баъдан ба

сифати роҳбари ин ҷамъият кор кардааст ва дар он ҷой хариду фурӯши доруворирo омӯхтааст. Соли 2015 фаъолияти ҶДММ "Интисор" қатъ шудааст ва ӯ ҳамон сол дар таҳхонаи ҳамон бино нуқтаеро ба иҷора гирифта, дар он ҷой дорухона кушода, дар асоси иҷозатномаи (литсензияи) ҶДММ. "Дӯстӣ", ки ин ширкат ба харидуфурӯши доруворӣ машгул буд, фаъолияти дорухонаро оғоз кардааст. Дорухонаи ӯ "Дӯстӣ" номгузор шуда, ҳамчун филиали ҶДММ "Дустӣ" ба ҳисоб мерафт ва ӯ дорувориро аз ҶДММ "Дустӣ" қабул карда, онро дар дорухонааш бо нархи нисбатан қимматтар бо тариқи яклухт ва чакана мефурӯхтааст. Вай то солҳои 2016 ба ин кор машғул шудааст ва бинобар қиммат шудани арзиши доруворӣ ва баланд бардошта шудани қурби доллари ИМА фаъолияташро қатъ кардааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҶДММ "Дустӣ" Гулаев Гулаев О. ном шахс, ки дар назди бозори "Шоҳмансур"-и шаҳри Душанбе дорухона дошт, мунтазам ба назди ӯ омада, аз вай ба тариқи яклухт доруворӣ мегирифт ва бо ҳамин сабаб бо Гулаев О. шинос шуда будааст. Тахминан аввалҳои соли 2017 ӯ дар шаҳри Турсунзода гаштугузор мекард ва аз доруфурӯшҳои назди бозори шаҳри Турсунзода фаҳмидааст, ки як шахс аз Ҷумҳурии Узбекистон маводҳои дорувориро бо нархи арзон оварда, ба тариқи яклухт ба дорухонаҳои шаҳри Турсунзода тақсим мекардааст. Ӯ аз кадоме аз фурӯшандагони дорухонаи назди бозори марказии шаҳри Турсунзода, ки айни ҳол ки буданаш дар ёдаш нест, рақами телефони мобилии он шахсро гирифта, ба он шахс занг задааст. Вай дар ёд надорад, ки ҳамон вақт рақами телефони мобилиаш чанд буд ва рақами телефони мобилии он шахсро низ дар ёд надорад. Ӯ ба он шахс гуфтааст, ки барояш бо нархи арзон доруворӣ лозим мебошад. Дар ҷавоб он шахс ба ӯ гуфтааст, ки айни ҳол дорувории номгӯи "Гордокс" дорад. Сипас, ӯ ба он шахс гуфтааст, ки ин дорувориро мехарад ва тахминан пас аз 2 ё 3 рӯз он шахси доруфурӯш ба вай занг зада гуфтааст, ки дорувориро овардааст ва ӯро ба шаҳри Турсунзода, ба назди ҳайкали И.Сомонӣ даъват кардааст. Вай бо

автомашинааш, ки тамғаи "Опел Вектра" буда, рақами давлатиаш дар ёдаш нест, ба назди пайкари И.Сомонӣ ҳозир шудааст. Он шахси доруфурӯш бо як автомашинаи тамғаи "Тико", ки ба рақами давлаташ аҳаммият надодааст, омадааст ва ба вай 302 адад қуттӣ, яъне 7550 ампула дорувории "Гордокс"- ро додааст. Вай ҳар як ампулаи ин дорувориро аз он шахс бо нархи 20 сомонӣ харидорӣ кардааст ва маблағи онро ба он шахс пурра пардохт карда, дорувориро ба автомашинааш бор карда ба хонааш оварда, дар меҳмонхонаш гузоштааст. Ҳангоми харидани ин дорворӣ он шахс ба ӯ гуфтааст, ки ин дорувори сифати хуб дорад, аммо ба ӯ сертификат пешниҳод накардааст, вай низ ба суханони он шахс бовар карда, сертификати ин дорувориро талаб накардааст. Баъди чанд муддат ӯ бо Гулаев О.Х, вохӯрда, ба ӯ таклифи харидани ин дорувориро намудааст. Гулаев О. розӣ шуда, маслиҳат намудаанд, ки ин дорувориро бо нархи 25 сомонӣ ҳар як ампулаш ва арзиши умумиаш 188750 сомонӣ мехарад. Ӯ аз хонааш ин дорувориҳоро ба автомашинаҳои кирокаш бор карда, онҳоро ба шаҳри Душанбе, ба назди собиқ бозори "Шоҳмансур" оварда, онҳоро ба Гулев О.Х. додааст ва Гулаев О.Х. ин дорувориҳоро ба дорухонааш гузоштааст. Сипас, Гулаев О. бар ивази маблағҳои дорувории мазкур ба ӯ 47 000 сомонӣ маблағи нақд ва баъдан як автомашинаи тамғаи "Мерседес-бенс" бо арзиши 65000 (шаступанҷ ҳазор) сомонӣ, як автомашинаи тамғаи "Опел-астра ҷӣ" бо арзиши 30 000 сомонӣ, як автомашинаи тамғаи "HONDA CR-V" бо арзиши 22 000 сомонӣ ва як автомашинаи тамғаи "Астра-чӣ-караван", бо арзиши 25 000 сомонӣ додааст. Вай автомашинаҳои тамғаи "Опел-астра ҷӣ", "HONDA CR-V" ва "Астра -ҷӣ- караван"-ро ба тиҷораткорони автомашинаҳо фурӯхтааст ва ҳуҷҷатгузории автомашинаҳо аз номи худи Гулаев О. ба шахсони харидор амалӣ шуда буд ва танҳо автомашинаи тамғаи "Мерседес бенс" дар ихтиёри ӯ буд. Азбаски ин автомашина ба вай маъқул буд, ин автомашинаро барои худ ва падараш гирифта будааст. Азбаски ӯ бо Гулаев О. муносибати хуб дошт ва ба

якдигар боварӣ доштанд, ӯ оид ба ин автомашина танҳо ваколатнома бе ҳуқуқи соҳибмулкӣ гирифта будааст.

Соли 2018 вай аз Ҷумҳурии Узбекистон доруҳои пастсифатро оварда, ба фурӯш баровардааст, ки ӯро кормандони ҳифзи ҳуқуқ дастгир кардаанд. Баъди ин ҳолат Гулаев О. фаҳмидааст, ки дорувории ба ӯ фурӯхтааш қалбакӣ мебошад ва муҳлати ин дорувориҳо низ гузашта истодааст. Баъди аз ҳабс озод шудан вай барои гирифтани ваколатномаи нав ба назди Гулаев О. рафтааст ва Гулаев О. ба ӯ гуфтааст, ки дорувориҳои аз вай харидааш пастсифат буда, сертификат надорад ва инчунин муҳлати ин дорувориҳо низ гузашта истодааст. Аз ин рӯ, Гулаев О. ба ӯ оид ба автомашинаи тамғаи "Мерседес" ваколатномаи нав надода талаб кардааст, ки маблағҳои ӯро баргардонида, дорувориҳоро бозпас гирад. Ӯ розӣ нашудааст, бинобар ин Гулаев О. нисбати ӯ ба прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат кардааст. Дар ҳақиқат ӯ ҳангоми харидорӣ намудани 7550 ампулаи дорувории пастсифат ва қалбакии "Гордокс" аз шахси номаълум ва минбаъд ба Гулаев О.Х. фурӯхтани ин дорворӣ иҷозатномаи махсус (литсензия) барои машғул шудан ба фаъолияти харидуфурӯши дорворӣ надоштааст. Ҳангоми харидани 7550 ампула дорувории "Гордокс" аз он шахс сертификат талаб накарда, дорувориро бе сертификат қабул кардааст. Вай дар ҳақиқат барои фурӯхтани дорувории бесифат ва қалбакии навъи "Гордокс" ба шаҳрванд Гулаев О.Х. худро айбдор меҳисобад ва аз кирдораш сидқан пушаймон ҳаст. Чунки ӯ дар ҳақиқат ин дорувориорӣ бе сертификат харидааст ва онро бе сертификат ба Гулаев О.Х. фурӯхтааст ва ба ӯ ваъда дода будааст, ки сертификати онро баъдан дастрас мекунад. Айни ҳол ӯ шахсан ба фаъолияти фармасевтӣ ва соҳибкорӣ машғул нест. Ҳоло ӯ аз кирдори содиркардааш сидқан пушаймон мебошад афсӯс мехӯрад, бо дарназардошти дар таъминоташ доштани фарзандони ноболиғ ва модари пиронсол аз суд хоҳиш намуд, ки нисбаташ ҷазои сабуки ғайриҳабси таъин карда шавад. Гарчанде судшаванда

Маҳмудов Н.А. ба гуноҳаш пурра иқрор бошад ҳам, гуноҳи онҳо дар содир намудани ҷинояти мазкур бо далелҳои парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси судӣ исботи бебаҳси худро ёфтанд [156].

Воқеан, муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии мазкур бо хоҳиши кумак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаҳмида мешавад, лекин, ба андешаи мо, сабаби дигари муқаррар намудани эзоҳо ба м. 337, 338 КҶ ҶТ ин талаботи қонунгузор барои ба инобат гирифтан ҳам шароитҳои душвори адои хидмати ҳарбӣ, ки бо вазъиятҳои асабонӣ (стресс) алоқаманданд ба ҳисоб меравад ва инчунин, ҳолатҳои душвори сарзада, ки дар ин шароит аз ҷониби шахс назар ба ҳаёти муқаррарӣ тезу тундтар қабул карда мешаванд. Дар ниҳояти кор ин боиси содир шудани ин ҷиноятҳо мегардад.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр чунин ба назар мерасад, ки мавҷудияти ниҳоди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ ба ихтилоф миёни принсипи ногузирии ҷавобгарӣ ва принсипҳои инсондустӣ ва адолат меоварад. Дар ин ҷо қонунгузор ин масъаларо ба манфиати принсипҳои охирин ҳал менамояд. Лекин ин раванд ин тавр нест. Ҳамаи принсипҳо бо якдигар алоқаманд ва вобастаанд, оид ба афзалият ё аҳаммияти калони ягон намуд принсип сухан рондан номумкин аст. Барои пешгирии ин ва якбора то ҳадди имкон амалӣ шудани ҳама принсипҳои муқарраршударо таъмин кард, қонунгузор нисбат ба ҳар як принсип як навъ «қафомонӣ»-ро муқаррар мекунад, ки барои мазмуни онҳо «зарар» намерасонанд, аммо ба дигар принсипҳо барои таҷассуми пайвастаи худ, имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, ниҳоди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ моҳияти зуҳуроти инсондӯстонаи қонуни ҷиноятии ҶТ буда, ба талаботи принсипи адолат комилан мувофиқ аст.

Ба андешаи баъзе муаллифон «зарурати бекор кардани принсипи азхудкунии ҷазо ҳангоми маҷмуи ҷиноятҳо ошкор мегардад... Чунин

тағйирот ба принсипи адолат низ мувофиқ мебуд, ки бо принсипи баррасишаванда зич алоқаманд аст» [35, с. 13].

Дар маҷмуъ, бояд ба масъалаи муайян кардани мафҳуми «принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ» таваҷҷуҳи хоса дод. Ин принсип дар Кодекси намунавии кишварҳои аъзои ИДМ (санади тавсиявии қонунгузорие, ки Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ моҳи феврали соли 1996 қабул карда буд) хеле дақиқ ифода ёфтааст:

1) шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ҷазо дода мешавад ё дигар чораҳои таъсиррасонии пешбининамудаи Кодекси ҷиноятӣ нисбат ба вай дида мешавад;

2) озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо танҳо дар сурати мавҷуд будани асос ва шартҳои пешбининамудаи қонун, имконпазир аст.

Бо баъзе тафовутҳо дар таъриф, принсипи ногузирии ҷавобгарӣ дар б. 4 м. 3-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус муқаррар шудааст: «Ҳар шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста мешавад, ба ҷазо ё дигар чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазо танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, иҷозат дода мешавад».

Ба андешаи мо, ифодаи матнии пешниҳодшудаи принсипи ногузирӣ, ба андешаи мо, бояд дар КҶ ҶТ инъикос ёбад.

Дар заминаи таҳлилу баррасии зербоби мазкур ба сифати хулоса андешаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар қонуни ҷиноятии ҷорӣ дар м. 4-10 КҶ ҶТ принсипҳои зерини КҶ ҶТ таҷассуми худро ёфтаанд: принсипи қонуният (мо чунин мешуморем, ки муқаррароти м. 11 КҶ ҶТ бояд ба мазмуни он дохил карда шавад), принсипи баробарӣ дар назди қонун, принсипи ногузирии ҷавобгарӣ, принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, принсипи адолат, принсипи инсондустӣ, принсипи демократизм. Таҳлили мазмуни ин меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ имкони ворид намудани як қатор тағйироту

иловаҳоро ба моддаи 4-10 КҶ ҶТ барои инъикоси муносиби принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, нишон дод.

3. Аксари принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мушаххассозии аҳаммияти умумии ҳуқуқии онҳоро ифода мекунанд, ки дар як қатор муқаррароти меъёрии Конститутсияи ҶТ ифода ёфтаанд. Дар навбати худ, асоси мустаҳкамкунии конститутсионии ин принсипҳоро меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

4. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятие, ки дар КҶ ҶТ ифода ёфтаанд, бо якдигар дар алоқаи зич қарор доранд. Ин онҳоро ба низоми принсипҳои роҳнамоии ҳуқуқи ҷиноятӣ муттаҳид мекунад, ки воситаи самараноки татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат бар зидди ҷиноятқорӣ мебошад.

5. Моҳияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти маънидод гардидани ифодаи матнии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки дар мазмуни онҳо муқаррар ёфтаанд, маҳдуд намегарданд, ки он як зумра муқаррароти қонуни ҷиноятиро дар бар мегирад, масалан, амали ҳуқуқи ҷиноятӣ дар вақт ва фазо, манбаъҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, қоидаҳои таъини ҷазои ҷиноятӣ ва ғ.

2.4. Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ

Қоидаи консептуалии ҷавобгарӣ барои гунаҳгорӣ, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии муосир эълон шудааст ва дар принсипи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷассум ёфтааст (м. 7-и КҶ ҶТ), муҳимтарин навгонии КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти ин принсип барои ҳуқуқи ҷиноятӣ муҳим буда, маҳз дар ҳамин принсип таъини одилонаи ҷазо асос ёфта ва маҳз ӯ шарти асосии татбиқи на танҳо меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад, балки як қатор ниҳодҳои Қисми умумӣ (масалан, шарикӣ дар ҷиноят, ихтиёран

даст кашидан аз содир кардани ҷиноят, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ва ғайра) низ ба ҳисоб меравад.

Принсипи гунаҳгорӣ ба як қатор қонунҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва конститутсионӣ тааллуқ дошта, он аз ҷониби қонунгузор ҷиноят донистани кирдор ва ҷавобгарии ҷиноятии шахсро танҳо дар сурати мавҷуд будани қасд ва хунукназарӣ дар кирдори ӯ, дар назар дорад. Дар таърифоти ҳуқуқи Рими Қадим пешбинӣ мегардад: «Ҷиноят нест, ҷазо бе гуноҳ нест» («Nullum crimen, nullum poena sine culpa»).

Бояд қайд кард, ки эълон ва татбиқи принсипи гунаҳгорӣ дар КҶ ҶТ аз соли 1998 онро аз бисёр кодексҳои хориҷӣ, ки ба мукаллафии объективӣ имкон медиҳанд, ба таври мусбӣ фарқ мекунад. Ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ қасд ва хунукназариро аломатҳои ҳатмии ҷиноят эътироф карда буд, аммо худи мафҳуми «гуноҳ» дар КҶ РСФСР аз солҳои 1922 ва 1926 мавҷуд надошт. Мақомоти олии судии ИҶШС сар карда аз солҳои 40-ум, аз мақомоти судӣ риоя кардани принсипи гунаҳгориро мунтазам талаб мекард.

Ҳамин тавр, масалан, дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 18 марти соли 1963 «Дар бораи қатъиян риоя намудани қонунҳо дар мавриди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи судҳо» оварда шудааст: «Судҳо бояд ба масъалаи таҳқиқи тарафи субъективии ҷинояти содиршуда, диққат диҳанд. Оқибатҳои зарарнок, сарфи назар аз вазнинии онҳо, ба шахс танҳо дар сурате муҷозот дода мешаванд, ки агар ӯ нисбат ба онҳо қасдан амал карда бошад ё аз беэҳтиётӣ ба он роҳ дода бошад» [6, с. 20].

Принсипи презумпсияи бегуноҳӣ бояд ба таври қатъӣ риоя карда шавад (м. 20 Конститутсияи ҶТ, м. 15 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ), ки тибқи он ҳама шубҳаҳо дар бораи гуноҳи айбдоршаванда, ки наметавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ бартараф карда шаванд, ба манфиати он маънидод карда мешаванд.

Оид ба ин масъала А.И. Бойко қайд мекунад, ки «зарурати объективии интиқоли гунаҳгорӣ ба қатори принсипҳои танзими ҳуқуқӣ, бо се ҳолат асоснок карда мешавад: 1) гунаҳгорӣ – ин монеаи инсондӯстона барои беасос ба ҷавобгарӣ кашидани пайдарпайи ҳамаи ашхос, ки зарари воқеӣ расонидаанд; 2) гунаҳгорӣ – шарти ҳатмии ноил шудан ба мақсадҳои ҳуқуқӣ, ки муколамаи ҳокимият ва ҷиноятқорро дар бар мегирад; 3) гунаҳгорӣ - меъёри иловагии фардикунонии ҷавобгарӣ мебошад» [37, с. 38].

Нуқтаи назаре мавҷуд аст, ки тибқи он «ҷудо кардани принсипи гунаҳгорӣ ҳамчун принсипи мустақил боиси зиёд гаштани тарафи субъективии ҷиноят гардидааст..., дар баробари ин, талаботи ба тарафи объективии ҷиноят дахлдошта низ аҳаммияти бузург дорад: шахс барои кирдори содиркардааш ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки он ҷавобгар аст» [78, с. 126].

Дар навбати худ В.В. Малтсев аҳаммияти принсипи гунаҳгориро қайд намуда, таъкид мекунад: «Таърифи мазмуни он дар қонун (сарфи назар аз он ки боби 5-и КҶ нав («Гуноҳ») комилан ба он бахшида шудааст) чандон асоснок нест, зеро чунин таъриф ҳанӯз ҳам нопурра ва ҳам мухолиф ба меъёрҳои боби мазкур шуда метавонад» [116, с. 101].

Эҳтимолан, таъсири боқимондаи замоне тамоюли пешқадам – мунтаззам боло рафтани принсипи шахсӣ аз худсарии бемаҳдуд бошад. «Охир, уҳдадории ба назар гирифтани гуноҳ аз ҷониби давлат бо таъхири бузурги таърихӣ, пас аз таъқиботҳои садсолаҳо танҳо барои натиҷа, қабул карда шуд» [37, с. 40].

Пеш аз баррасии ҳудудҳо ва шартҳои татбиқи принсипи гунаҳгорӣ аз рӯи қонуни ҷиноятии ҶТ, аввалан ба муқаррароти илмии ин соҳа таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Дар адабиёти ҳуқуқии ҷиноятии ҷаҳонӣ мафҳумҳои зиёди назариявии гуноҳ вуҷуд доранд. Лекин се назария асосӣ ба ҳисоб мераванд:

1) **ҳолати хавфнок**, вақте ки кирдор ҳамчун аломати ҳолати хавфноки шахс арзёбӣ мешавад ва гуноҳи шахс барои кирдори содиршуда бо хавфнокии шахс иваз карда мешавад;

2) **баҳодиҳӣ** (меъёрӣ, ахлоқӣ), ки мувофиқи он гунаҳгории шахс барои кирдори содиршуда ба хусусияти баҳодиҳии вай аз ҷониби суд, фаҳмида мешавад;

3) **равонӣ**, ки гунаҳгорӣ ҳамчун муносибати дохилии субъективии шахс ба кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки худ ва оқибатҳои он, муайян карда мешавад.

А.А. Пионтковский қайд карда буд, ки «гуноҳ – ин ният ва хунукназарии шахс мебошад ва дар кирдоре ифода ёфтааст, ки барои асосҳои сохти шуравӣ ё тартиботи ҳуқуқии шуравӣ хавфнок аст ва бо ин қонунҳои шуравӣ ва ахлоқи коммунистӣ маҳкум карда мешаванд» [42, с. 267].

Ба андешаи Ю.А. Демидов қайд менамояд, ки «рафтори шахс, ки дар он муносибати манфӣ нисбат ба арзишҳои ҷамъияти шуравӣ ифода меёбад, худаш муқобили арзиш гашта, аз тарафи қонуни ҷиноятӣ баҳои манфии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, гунаҳгорӣ баҳои манфии давлат ва ҷомеаро, ки ба кирдори барои ҷамъият хавфнок ва ба шахси содиркарда нигаронида шудааст, асоснок мекунад» [29, с. 110-11].

Дар илми ҳуқуқ чунин мешуморанд, ки танҳо назарияи равоншиносӣ «имкон медиҳад, ки шахс барои кирдори ба таври объективӣ содиршуда ва ба таври субъективӣ «маҳвшуда», яъне барои коре, ки шахс дар воқеъ содир кардааст, вале дар доираи хоҳиши худ, шуурнокӣ ва дурандешӣ, ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Танҳо дар асоси чунин равия ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад дар ҳақиқат бо гунаҳкории субъект сохта шавад ва одилона бошад. Танҳо дар ҳамин шароит имкони аз нав дида баромадани субъект мносибаташро ба рафтори ба ҷамъият хавфнок пайдо мешавад, зеро ӯ чӣ кор карданашро медонист ва мефаҳмид; фарорасии оқибатҳои

зарароварро мехост ва онҳоро пешгӯй мекард; мебоист ва метавонист онҳоро пешгирӣ кунад» [45, с. 10-11].

Ба андешаи А.И. Плотников, ин мафҳум на танҳо дугона ва зиддиятнок аст, инчунин вай гуноҳро дар доираи ҷавобгарии воқеӣ, беасос танг ва маҳдуд мекунад [62, с. 130].

Ба андешаи мо, маҳз дарки равонии гуноҳ нуктаи назари саҳеҳро оид ба принсипи гуноҳ, таъмин менамояд. Тибқи назарияи равоншиносии гунаҳгорӣ, ҳар як ҳаркати (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфноки шахси солимфикр, ихтиёрӣ ва бошуурона ҳисобида мешавад.

Принсипи гунаҳгорӣ дар м. 7 КҶ ҶТ чунин ифода ёфтааст:

1) Ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) шахсии худ.

2) Шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

3) Гунаҳгоркунии объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Ба баррасии мазмуни м. 7-и КҶ ҶТ гузашта, ба назар чунин менамояд, ки қонунгузор тамоман беасос дар қ. 2 модда ибораи «... ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст»-ро истифода мебарад. Дар ин ҷо амалан аломати баробарӣ байни он чизе, ки ҳаст ва чизе, ки чӣ тавр ин чиз муқаррар карда мешавад, гузошта мешавад, яъне ҷиҳати моддию ҳуқуқии гуноҳ бо ҷиҳатҳои мурофиавӣ-ҷиноятии он баробар карда мешавад. Аз ин рӯ, дар матни қонуни ҷиноятӣ ибораи овардашударо бояд бо ибораи дигар иваз кард: «... бо гуноҳ содир шудаанд ва омадаанд».

Яке аз дастовардҳои КҶ ҶТ аз соли 1998 ин тибқи принсипи гунаҳгорӣ, назаррас васеъ кардан танзими шаклҳои гунаҳгорӣ мебошад. Бар ивази ду меъёр дар бораи гуноҳ дар КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, КҶ ҶТ аз соли 1998 дар боби алоҳида («Гуноҳ») панҷ меъёр дорад.

Азбаски дар ин боб шаклҳои гуноҳ муайян шудаанд, мафҳуми расонидани зарар ба таври бегуноҳӣ оварда шудааст, дарки амиқи мазмуни принсипи гуноҳ танҳо дар робитаи зич бо муқаррароти боби мазкур, имконпазир аст [70, с. 218], [120, с. 78-81], .

Боби 5-и КҶ ҶТ «Гуноҳ» ном дорад, ба ҳар ҳол дар қонун таърифи гунаҳгорӣ дода нашудааст. Мафҳуми гуноҳ тавассути тавсифи меъёрии шаклҳои он ошкор мегардад.

Тибқи м. 27-и КҶ ҶТ танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад. Тибқи м. 28 КҶ ҶТ ҷинояти қасдан содиршуда кирдоре эътироф мешавад, ки бо қасди бевосита ё бавосита содир шудааст. Ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияте ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад.

Дар асоси қисми 3 моддаи мазкур ҷиноят бо қасди бавосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат карда бошад

Ҳангоми содир намудани ҷиноят бо қасди бевосита лаҳзаи зеҳнӣ дар он ифода меёбад, ки шахс хавфи ҷамъиятии амали (беҳаракатии) худро дарк карда, имкон ё ногузирии оқибатҳои зарароварӣ онро пешбинӣ мекунад [103, с. 79], [105, с. 58], [119, с. 59]. Дарки хавфи ҷамъиятии хусусияти кирдори содиршаванда маънои аз ҷониби гунаҳгор фаҳмидани моҳияти воқеӣ ва иҷтимоии онро дорад. Дарк намудани аҳаммияти ҷамъиятии амали (беҳаракатии) содиршуда – ин дарк намудани хусусияти барои ҷамъият хавфнокии он мебошад.

Ба андешаи баъзе муаллифон «қонунгузорӣ унсури зеҳнии дарки маҳз хавфи ҷамъиятии кирдори содиршударо маҳдуд мекунад ва аз шахси гунаҳгор талаб намекунад, ки ғайриқонунӣ будани онро дарк кунад. Лекин бояд қайд кард, ки ҷиноятҳои қасдан паҳншуда (куштор, расонидани зарар ба саломатӣ бо дараҷаи вазнинии гуногун) албатта, бо дарки ғайриқонунӣ будани онҳо содир мешаванд. Аммо, аз рӯи қоидаи умумӣ, дарки ғайриқонунӣ мавриди исбот қарор надорад» [99, с. 13-15], [51, с. 251-252], [128, с. 234-238].

Пешгӯии фарорасии оқибатҳои зарарноки ҳаракат ё беҳаракатии хатарноки содиркардаи шахс метавонад духӯра бошад: пешгӯии ҳам имкон ва ҳам ногузирии фарорасии онҳо. Пешгӯии эҳтимолияти фарорасии оқибатҳои ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки ин оқибатҳо бо ягон сабаб метавонанд рӯй ҳам надиҳанд. Лаҳзаи ихтиёрии қасди бевосита бо хоҳиши фарорасии оқибатҳои ҷиноятӣ тавсиф мешавад. Он фаъолияти мақсадноки ҷинояткорро пешбинӣ мекунад [129, с. 175], [132, с. 39], [133, с. 414], [135, с. 208], [139, с. 540], [140, с. 212].

Ҳангоми қасди бавосита лаҳзаи зеҳнӣ бештар бо ин ҳангоми нияти мустақим мувофиқат мекунад. Бо вуҷуди ин, фарқият вуҷуд дорад - дар хусусияти пешгуии оқибатҳои ҷиноятӣ. Агар шахс ҳангоми қасди мустақим, чи тавре ки қайд карда шуда буд, ҳам имконият ва ҳам ногузирии фарорасии оқибати ҷиноятиро пешбинӣ карда бошад, пас ҳангоми қасди бавосита, пешгуӣ танҳо бо имконияти ба вуҷуд омадани он алоқаманд аст.

Қонуни ҷиноятӣ ду намуди чунин қасдро ҷудо мекунад: ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияте ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад; ҷиноят бо қасди бавосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок

будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад, ё ба оніо беэътиноёна муносибат карда бошад.

Баъзан бошуурона роҳ додани фарорасии оқибатҳои ҷиноятӣ (ё муносибати бепарвоёна ба онҳо) ҳангоми қасди ғайримустақим, метавонад бо майл надоштани субъективии фарорасии ин оқибатҳо омезиш шавад. Дар чунин ҳолатҳо шахс ба ягон намуди тасодуфият умед мебандад (ки бо шарофати он марги ҷабрдида метавонад рух надиҳад). Аммо, чӣ тавре ки А.А. Пионтковский қайд мекунад, «умед кардан ба «шояд» - маънои ба чизе умед набастанро дорад» [60, с. 358].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида баён шудааст, ки «аз нуқтаи назари консепсияҳои психологӣ (равоншиносӣ) тафсири қонунии қасд ба танқид тобовар нест... Лаҳзаи пешбинӣ, ки қасдро тавсиф мекунад, дар КҶ бо дарки хусусияти оқибатҳо ва хусусияти умумии алоқаи сабабии миёни кирдор ва оқибат, алоқаманд аст. Дар баробари ин, ҳуқуқшиносон ба тафсири равонии пешбинӣ ҳамчун дониш дар бораи хусусияти кирдор, ки боиси натиҷа мегардад, эътироз намекунанд. Бе дарк пешбинӣ кардан ғайриимкон аст. Субъект фарорасии оқибатҳоро пешбинӣ намуда, рушди алоқаи сабабӣ ва хусусияти натиҷаи эҳтимолии ҷиноятро дарк мекунад. Бинобар ин, агар пешбинӣ як ҷузъи шуур бошад, онро дар баробари шуур ҳамчун унсури қатории қасд ҷудо кардан зарур аст. Дар робита ба ин, дар илм таърифи зерини қасд пешниҳод мешавад:

«Ҷиноят қасдан содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар субъекти содиркардаи он хусусияти барои ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ будани кирдори худро дарк мекард. Дар сурате ки агар субъект имкони ба амал омадани оқибатҳои зиёдеро дар натиҷаи кирдори худ дарк мекард, ба дилхоҳ натиҷа (қасди номуайян) умед мебаст, ҷавобгарӣ барои кирдори воқеъан содиршуда ба миён меояд» [105, с. 56].

Бо ин таърифи мафҳуми «қасд» мо розӣ намешавем. Аввалан, он имкон намедиҳад, ки шаклҳо ва намудҳои гунаҳгориро фарқ кард, чунки меъёрҳои таснифи он ба навъҳои мушаххас вуҷуд надоранд ва сохтори қонунгузории амалкунандаи шакл ва намудҳои гуноҳ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои тарафи субъективии ҷиноят дақиқтар муайян карда шаванд. Сониян, шарти ҳатмии эътирофи ҷиноят, ки қасдан содир шудааст дар ин ҷо дарки хусусияти ғайриқонунии кирдор баромад мекунад.

Аммо, тавре ки дар боло зикр гардида буд, дарки ғайриқонунӣ ба исбот ниёз надорад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки мавҷудият ва муқаррар намудани гуноҳ дар кирдори барои ҷамъият хавфноки содиркардаи шахс, инчунин дар оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки фарорасида ва мутаносибан ҳалли масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, пеш аз ҳама бо озодии интихоби шахс ҳангоми қабули қарор, муайян карда мешавад. Аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ, шахс то кӣ ҷавобгарона рафтор кунад бояд уҳдадориҳои худ, роҳ ва воситаҳои иҷрои онҳоро донад, бо дарназардошти оқибатҳое, ки ба онҳо иҷро ё иҷро нагардидани онҳо оварда мерасонад.

Ба ибораи дигар, нишонаи қонуни ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, бояд имкони ба даст овардани маълумот дар бораи талаботи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбат ба рафтори он ва оқибатҳои иҷро ва ё иҷро нагардидани онҳоро, дошта бошад. Вобаста ба ин, давлат ҳамчун субъекти муносибатҳои вобастагии масъулиятнок дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки нисбат ба рафтори шаҳрвандон талаботи муайянеро пешниҳод менамояд, вазифадор аст, ки барои татбиқи онҳо шароити зарурӣ фароҳам оварад. Аз ҷумла, давлат бояд дар бораи қонунҳои ҷиноятии қабулшуда сари вақт ва пурра маълумот диҳад.

Вобаста ба ин, ҳангоми баҳо додан ба аҳаммияти ҳуқуқии муодилаи «надонистани қонун аз ҷавобгарӣ озод намекунад», нуктаҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст. Ин қоида дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ

ба он маъно мувофиқ аст, ки дарки ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, манъи ҷиноят, яъне «тамғаи расмӣ»-и он мазмуни гуноҳро дар бар намегирад. Охирин танҳо аз дарки хавфи ҷамъиятӣ ибтидо мегирад. «Дар акси ҳол, мақомоти додситонӣ ба баҳсҳои марбут ба шуури ҳуқуқии бездоштшудагон, гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон гирифтор мешавад» [37, с. 39].

Истисно аз ин қоида ду ҳолати маъмулӣ ташкил медиҳанд: ҳангоми сухан дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани намудҳои гуногуни қоидаҳои махсус (масалан, м.м. 212, 377-381 КҶ ҶТ) ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳои дидаю донистаи ғайриқонунӣ (масалан, м.м. 348, 358,360 КҶ ҶТ) меравад. Сеюм, таҳри навъҳои нави қасд бо сабабҳои гуногун имкон дорад то бе охир бошад (дар адабиёти ҳуқуқӣ ба ғайр аз қасди бевосита ва бавосита, ба таври пешакӣ тарҳрезишуда ё ногаҳон ба вуҷуд омада, оддӣ ва алтернативӣ, мушаххасшуда ва мушаххаснашуда пешкаш мешаванд).

Аҳаммияти ҳуқуқии ин ё он муносибати субъективии шахс ба унсурҳои гуногуни таркиби ҷинояти мушаххас, дар аввал бо моҳияти иҷтимоию равонии рафтори субъект муайян карда мешавад, аммо дар баҳодиҳии тахассусии ҳуқуқӣ, муқаррароти ҳуқуқӣ аллакай нақши ҳалкунанда мебозанд.

Аввалан, бо имконнопазирии объективии комилан ба таври кофӣ ифода кардани ҳама гуна воқеият дар мафҳумҳо ва таърифҳо. Маълум аст, ки тафаккури инсонӣ оддӣ нест, мустақим ва том нест, ин раванди як қатор абстраксияҳо, ташаккул ва рушди мафҳумҳоест, ки қонуниятҳои объективиро шартан ва тахминӣ фаро мегиранд.

Сониян, бо ҳалли ҳуқуқи ҷиноятӣ вазифаҳои нисбатан маҳдуд ва соф ҳуқуқӣ, ки дар худ қонуниятҳои амиқи равониро дар бар намегиранд, мусоидат наменамоянд. Донишро аз равоншиносӣ иқтибос намуда, ҳуқуқи ҷиноятӣ одатан аз сатҳи рушди равоншиносӣ ақиб мемонад. Ва ин

қафомонӣ то андозае ба куҳнапарастии ҳуқуқ ва эҳтиёҷоти амалии он барои устувории нисбии таърифҳои худи он, вобаста аст.

Бо ин ҳолатҳо пеш аз ҳама маҳз «таснифи» гуноҳ шарҳ дода мешавад, ки дар КҶ ҶТ пешкаш шудааст.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ду шакли гуноҳ: қасд ва аз беэҳтиётӣ вуҷуд дорад. Ҷиноят ҳангоме аз худбоварӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ карда, вале бе асосҳои ба он кофӣ, худбоварона ҳисоб карда бошад, ки он оқибатҳоро бартараф мекунад (қ. 2 м. 29 КҶ ҶТ). Муносибати руҳӣ ба оқибатҳои кирдори шахсе, ки дар натиҷаи худбоварӣ ҷиноят содир кардааст, ба монанди дигар гуноҳи қасдан ва аз беэхтиётӣ содиршуда, аз лаҳзаҳои фикрӣ ва иродавӣ иборат аст. Лаҳзаи зеҳнӣ бо он тавсиф мешавад, ки шахс эҳтимолияти оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракат ё беҳаракатии худро пешбинӣ мекунад. Лаҳзаи иродавӣ бо тахминии беасос барои пешгирии ин оқибатҳо тавсиф мешавад.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ, лаҳзаи зеҳнии худбоварӣ ба лаҳзаи зеҳнии қасди - ҳам мустақим ва ҳам бавосита наздик мешавад. Дар ҳар ду ҳолат шахс фарорасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки кирдори худро пешбинӣ мекунад. Ин тафовут дар табиати пешбинӣ ифода ёфтааст.

Ҳангоми қасд (хоҳ бевосита ё бавосита) пешбинӣ хусусияти мушаххас дорад ва дар худбоварӣ - абстрактӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки шахси гунаҳгор ҳангоми қасд пешбинӣ мекунад, ки натиҷаи ногузир ё имконпазир маҳз дар натиҷаи ҳаракат (беҳаракатии) мушаххаси ӯ, ки айни замон содир карда шудааст, дар вазъияти муайян ва дар ҳолатҳои муайян, фаро мерасад. Пешбинӣ дар ҳолати сабукфикрӣ мазмуни тамоман дигар дорад. Шахс фарорасии оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ мекунад, вале танҳо ба таври абстрактӣ. Шахсе, ки оқибатҳои

хавфнокро дар маҷмуъ пешбинӣ мекунад, ба ҳар ҳол рух додани онҳоро дар ҳолати мушаххас истисно мекунад.

Аммо, фарқи асосӣ миёни худбоварӣ ва қасд (пеш аз ҳама аз ғайримустақим) дар лаҳзаи иродавӣ аст. Охирин, бо худбоварӣ ҳамчун як навъ гуноҳ аз беэҳтиётӣ, бо он тавсиф мешавад, ки шахс бидуни асосҳои кофӣ ба пешгирии оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки кирдори худ умед мебандад. Бе асоснокӣ, ғалат будани тахмин кардан, маҳз чунин муносибати руҳиро нисбат ба оқибати кирдори содиршуда ба сабукфикрии ҷиноятӣ ва худи кирдорро ба ҷиноят табдил медиҳад.

Масалан, Маҳмудов Насим Абдуманонович аввалҳои соли 2017 бо мақсади ба муомилот баровардани дорувориӣ бесифат, қалбакӣ (сохта) ба миқдори махсусан калон, дар шаҳри Турсунзода бо шахси ба тафтишот номаълум вохӯрда, 7550 ампулаи дорувории "Гордокс"-ро, ки қалбакӣ ва бесифат буда, ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ набуданд, ба арзиши 20 сомонӣ барои ҳар як ампула, ҷамъ ба маблағи умумии 151 000 сомонӣ харидорӣ намудааст. Сипас, ӯ бо мақсади дар оянда бо нархи гарон фурӯхтан ва ба даст овардани фоида, онро дар манзили истиқоматии худ, воқеъ дар деҳаи Чиртаки ҷамоати деҳоти Навободи шаҳри Турсунзода ғайриқонунӣ нигоҳ доштааст.

Моҳи марти соли 2017 ӯ бо мақсади амалӣ намудани қасди ҷиноятии худ, яъне ба муомилот баровардани дорувории пастсифат, қалбакӣ ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ набуда ба миқдори махсусан калон, бо шаҳрванд Гулаев Гулаев О. Хушвахтович, ки ба фурӯши дорувориӣ машғул мебошад, вохӯрда, ба номбурда таклифи харидани ин дорувориро намуд. Гуляев О.Х. бехабар аз қасди ҷиноятии ӯ, оид ба қалбакӣ, бесифат ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ набудани дорувории "Гордокс" маълумотдор нашуда, ба номбурда бовар карда, барои харидорӣ кардани ин дорувориӣ розӣ шудааст.

Тахминан миёнаҳои моҳи марти соли 2017 ӯ ба Гулаев О.Х.. дидаву

дониста 7550 адад ампулаи дорувории ‘Тордокс”-ро, ки қалбакӣ, бесифат ва ба талаботи стандартҳои муқарраршуда ҷавобгӯ намебошад, ба маблағи 25 сомонӣ арзиши ҳар як ампулааш, ҷамъ ба маблағи умумии 188 750 сомонӣ фурӯхта, аз номбурда 47 000 сомонӣ маблаги нақд ва 4 адад автомашина, аз ҷумла автомашинаҳои тамгаи “Мерседес бенс-180” бо арзиши 65 000 сомонӣ, “Опел астра-ҷӣ” бо арзиши 30 000 сомонӣ, “HONDA CR-V” бо арзиши 22 000 сомонӣ ва “Опел-караван” бо арзиши 25 000 сомонӣ гирифта, онро ба манфиати худ сарф кард.

Мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ-химиявӣ аз 21.12.2020 сол дорувории “Гордокс” (Апротинин) в/в 10 000 КИЕ/мл 10 мл. № 25 ампула, ки аз тарафи Гулаев О.Х. пешниҳод шудаанд, бо нишондодҳои аслият ва гашҳои механикӣ ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ ҷавобгӯ набуда, ҳамчун маводи дорувории қалбакӣ ҳисобида мешавад. Дар ҳолати истифодабарии маводи дорувории мазкур ба саломатии инсон зарар мерасонад. Чунки маводи асосии таъсиррасонии Апротинин дар таркиби маводи мазкур вуҷуд надорад. Арзиши он баробар ба 914, 58 сомонӣ барои як қуттӣ, ҷамъ ба маблаги 276 203 сомониро 16 дирамро ташкил медиҳад.

Судшаванда Маҳмудов Н.А. дар маҷлиси судӣ худро бо айби ба ӯ эълон карда шуда бо моддаи 210[1] қисми 3 банди “б”-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра айбдор ҳисобида чунин нишондод дод, ки ӯ соли 2011 вай дар дорухонаи “Интисор”, ки дар рӯ ба рӯи бозори “Саховат”, дар ошёнаи якуми бинои панҷошёна қарор доштааст, ба сифати боркаш (грузчик) ва баъдан ба сифати роҳбари ин ҷамъият кор кардааст ва дар он ҷой хариду фурӯши доруворирo омӯхтааст. Соли 2015 фаъолияти ҶДММ “Интисор” қатъ шудааст ва ӯ ҳамон сол дар таҳхонаи ҳамон бино нуқтаеро ба иҷора гирифта, дар он ҷой дорухона кушода, дар асоси иҷозатномаи (литсензияи) ҶДММ. “Дӯстӣ”, ки ин ширкат ба харидуфурӯши доруворӣ машгул буд, фаъолияти дорухонаро оғоз кардааст. Дорухонаи ӯ “Дӯстӣ” номгузор шуда, ҳамчун филиали ҶДММ “Дустӣ” ба ҳисоб мерафт ва ӯ доруворирo аз

ҶДММ “Дустӣ” қабул карда, онро дар дорухонааш бо нархи нисбатан қимматтар бо тариқи яклухт ва чакана мефурӯхтааст. Вай то солҳои 2016 ба ин кор машғул шудааст ва бинобар қиммат шудани арзиши доруворӣ ва баланд бардошта шудани қурби доллари ИМА фаъолияташро қатъ кардааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҶДММ “Дустӣ” Гулаев Гулаев О. ном шахс, ки дар назди бозори “Шоҳмансур”-и шаҳри Душанбе дорухона дошт, мунтазам ба назди ӯ омада, аз вай ба тариқи яклухт доруворӣ мегирифт ва бо ҳамин сабаб бо Гулаев О. шинос шуда будааст. Тахминан аввалҳои соли 2017 ӯ дар шаҳри Турсунзода гаштугузор мекард ва аз доруфурӯшҳои назди бозори шаҳри Турсунзода фаҳмидааст, ки як шахс аз Ҷумҳурии Узбекистон маводҳои дорувориро бо нархи арзон оварда, ба тариқи яклухт ба дорухонаҳои шаҳри Турсунзода тақсим мекардааст. Ӯ аз кадоме аз фурушандагони дорухонаи назди бозори марказии шаҳри Турсунзода, ки айни ҳол ки буданаш дар ёдаш нест, рақами телефони мобилии он шахсро гирифта, ба он шахс занг задааст. Вай дар ёд надорад, ки ҳамон вақт рақами телефони мобилиаш чанд буд ва рақами телефони мобилии он шахсро низ дар ёд надорад. Ӯ ба он шахс гуфтааст, ки барояш бо нархи арзон доруворӣ лозим мебошад. Дар ҷавоб он шахс ба ӯ гуфтааст, ки айни ҳол дорувории номгӯи “Гордокс” дорад. Сипас, ӯ ба он шахс гуфтааст, ки ин дорувориро мехарад ва тахминан пас аз 2 ё 3 рӯз он шахси доруфурӯш ба вай занг зада гуфтааст, ки дорувориро овардааст ва ӯро ба шаҳри Турсунзода, ба назди ҳайкали И.Сомонӣ даъват кардааст. Вай бо автомашинааш, ки тамғаи “Опел Вектра” буда, рақами давлатиаш дар ёдаш нест, ба назди пайкари И.Сомонӣ ҳозир шудааст. Он шахси доруфурӯш бо як автомашинаи тамғаи “Тико”, ки ба рақами давлаташ аҳаммият надодааст омадааст ва ба вай 302 адад қуттӣ, яъне 7550 ампула дорувории “Гордокс”- ро додааст. Вай ҳар як ампулаи ин дорувориро аз он шахс бо нархи 20 сомонӣ харидорӣ кардааст ва маблағи онро ба он шахс пурра пардохт карда, дорувориро ба автомашинааш бор карда ба хонааш

оварда, дар меҳмонхонаи гузоштааст. Ҳангоми харидани ин доруворӣ он шахс ба ӯ гуфтааст, ки ин дорувори сифати хуб дорад, аммо ба ӯ сертификат пешниҳод накардааст, вай низ ба суханони он шахс бовар карда, сертификати ин дорувориро талаб накардааст. Баъди чанд муддат ӯ бо Гулаев О.Х, вохӯрда, ба ӯ таклифи харидани ин дорувориро намудааст. Гулаев О. розӣ шуда, маслиҳат намудаанд, ки ин дорувориро бо нархи 25 сомонӣ ҳар як ампулаш ва арзиши умумиаш 188750 сомонӣ мехарад. Ӯ аз хонааш ин дорувориҳоро ба автомашинаҳои кирокаш бор карда, онҳоро ба шаҳри Душанбе, ба назди собиқ бозори "Шоҳмансур" оварда, онҳоро ба Гулев О.Х. додааст ва Гулаев О.Х. ин дорувориҳоро ба дорухонааш гузоштааст. Сипас, Гулаев О. бар ивази маблағҳои дорувории мазкур ба ӯ 47 000 сомонӣ маблағи нақд ва баъдан як автомашинаи тамғаи "Мерседес-бенс" бо арзиши 65000 (шаступанҷ ҳазор) сомонӣ, як автомашинаи тамғаи "Опел-астра ҷӣ" бо арзиши 30 000 сомонӣ, як автомашинаи тамғаи "HONDA CR-V" бо арзиши 22 000 сомонӣ ва як автомашинаи тамғаи "Астра-чӣ-караван", бо арзиши 25 000 сомонӣ додааст. Вай автомашинаҳои тамғаи "Опел-астра ҷӣ", "HONDA CR-V" ва "Астра -ҷӣ- караван"-ро ба тиҷораткорони автомашинаҳо фурӯхтааст ва ҳуҷҷатгузории автомашинаҳо аз номи худи Гулаев О. ба шахсони харидор амалӣ шуда буда, танҳо автомашинаи тамғаи "Мерседес бенс" дар ихтиёри ӯ буд. Азбаски ин автомашина ба вай маъқул буд, ин автомашинаро барои худ ва падараш гирифта будааст. Азбаски ӯ бо Гулаев О. муносибати хуб дошт ва ба якдигар боварӣ доштанд, ӯ оид ба ин автомашина танҳо ваколатнома бе ҳуқуқи соҳибмулкӣ гирифта будааст.

Соли 2018 вай аз Ҷумҳурии Узбекистон доруҳои пастсифатро оварда, ба фурӯш баровардааст, ки ӯро кормандони ҳифзи ҳуқуқ дастгир кардаанд. Баъди ин ҳолат Гулаев О. фаҳмидааст, ки дорувории ба ӯ фурӯхтааш қалбакӣ мебошад ва муҳлати ин дорувориҳо низ гузашта истодааст. Баъди аз ҳабс озод шудан вай барои гирифтани ваколатномаи нав ба назди Гулаев

О. рафтааст ва Гулаев О. ба ӯ гуфтааст, ки дорувориҳои аз вай харидааш пастсифат буда, сертификат надорад ва инчунин муҳлати ин дорувориҳо низ гузашта истодааст. Аз ин рӯ, Гулаев О. ба ӯ оид ба автомашинаи тамғаи "Мерседес" ваколатномаи нав надода талаб кардааст, ки маблағҳои ӯро баргардонида, дорувориҳоро бозпас гирад. Ӯ розӣ нашудааст, бинобар ин Гулаев О. нисбати ӯ ба прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат кардааст. Дар ҳақиқат ӯ ҳангоми харидорӣ намудани 7550 ампулаи дорувории пастсифат ва қалбакии "Гордокс" аз шахси номаълум ва минбаъд ба Гулаев О.Х. фурӯхтани ин дорворӣ иҷозатномаи махсус (литсензия) барои машғул шудан ба фаъолияти хариду фурӯши дорворӣ надоштааст. Ҳангоми харидани 7550 ампула дорувории "Гордокс" аз он шахс сертификат талаб накарда, дорувориро бе сертификат қабул кардааст. Вай дар ҳақиқат барои фурӯхтани дорувории бесифат ва қалбакии навъи "Гордокс" ба шаҳрванд Гулаев О.Х. худро айбдор меҳисобад ва аз кирдораш сидқан пушаймон ҳаст. Чунки ӯ дар ҳақикат ин дорувориорй бе сертификат харидааст ва онро бе сертификат ба Гулаев О.Х. фурӯхтааст ва ба ӯ ваъда дода будааст, ки сертификати онро баъдан дастрас мекунад. Айни ҳол ӯ шахсан ба фаъолияти фармасевтӣ ва соҳибкорӣ машғул нест.

Ҳоло ӯ аз кирдори содиркардааш сидқан пушаймон мебошад афсӯс мехӯрад, бо дарназардошти дар таъминоташ доштани фарзандони ноболиғ ва модари пиронсол аз суд хоҳиш намуд, ки нисбаташ ҷазои сабуки ғайриҳабси таъин карда шавад [156].

Навъи дуюми гуноҳ аз беэҳтиётӣ ин бепарвоӣ аст. Тибқи қ. 3 м. 29-и КҶ ҶТ, ҷиноят ҳангоме аз бепарвоӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокии ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ накарда бошад, ҳол он, ки дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад.

Лаҳзаи зеҳнии бепарвоии ҷиноятӣ аз лаҳзаи зеҳнии ҳам қасд (бевосита ва ҳам бавосита) ва худбоварӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар сурати бепарвоӣ, шахс имкони ба амал омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки кирдори худро пешбинӣ намекунад. Ҳамин тариқ, лаҳзаи зеҳнии ин гуна гуноҳи аз беэҳтиётӣ аз он иборат аст, ки дар шуури шахс баҳодиҳии рафтори худ ҳамчун барои ҷамъият хавфнок мавҷуд надорад.

Дар назария ва амалияи судӣ меъёри объективӣ бо вазифаҳои шахс дар асоси қонун, мақоми касбии шахс, қоидаҳои аз ҷониби умум қабулшудаи манзил, ки пешгӯии фарорасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракат ва беҳаракатии худро дар бар мегирад, алоқаманд аст. Лекин, тибқи қонуни ҷиноятии ҶТ, муқаррар кардани танҳо як меъёри объективӣ ҳанӯз ҳам муносибати рӯҳии мувофиқро ба бепарвоӣ ҳамчун як навъ гуноҳ аз беэҳтиётӣ, табдил намедиҳад. Аммо, дар КҶ ҶТ амалкунанда, принсипи гунаҳгорӣ, асосноккунии илмӣ ва татбиқи он дар меъёрҳои қонун, мутаассифона, татбиқи заруриро нагирифтааст.

1. Ба назари мо дар моддаи м. 7-и КҶ ҶТ бояд ҳолати зеҳнӣ ва иродавии шахсеро, ки ҷиноят содир кардааст, дар ду самт баҳогузорӣ намояд: муносибати равонӣ ба кирдор (ҳаракат ё беҳаракатии) ва оқибатҳои он. Аммо қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ дар як қатор мавридҳо ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро на бо далели содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, балки бо далели дар натиҷаи содир намудани он фарорасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, пайваст мекунад.

Худи мафҳуми ҳаракат (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, тавре ки аз хусусиятҳои қасд ва беэҳтиётӣ дар модда 28 ва 29-и КҶ ҶТ бармеояд, танҳо ба ҷиноятҳои қасдан дахл дорад. Ҳаракат ва беҳаракатии дар ҷиноятҳои беэҳтиётӣ дорои хосиятҳои хавфи ҷамъиятӣ надоранд. Танҳо ҳангоми фарорасии оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок онҳо ҳамчун ҷиноятӣ

эътироф карда мешаванд. Масалан, вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (м. 212-и КҶ ҶТ), гарчанде ки худ аз ҷиҳати ҷиноятӣ ғайриқонунӣ нест, танҳо дар ҳолате чунин мегардад, ки оқибатҳои дар шакли зарари ҷиддӣ расонидан ба саломатии инсон, марги як ё якчанд нафарро ба бор меорад.

Мутобиқан, гунаҳгорӣ дар чунин ҳолатҳо танҳо нисбат ба оқибатҳои он муқаррар карда мешавад ва танҳо дар шакли беэҳтиётӣ ифода карда мешавад. Ҳамзамон, дар қ. 2 м. 27-и КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ муайян мекунад, сухан дар бораи муносибати равонии шахс танҳо ба кирдор меравад. Дар баъзе корҳое, ки ба мушкилоти ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудаанд, ҳолатҳои истифода бурдани мафҳуми «кирдор» ба сифати синоними мафҳуми «ҷиноят», мушоҳида карда мешавад.

Дар қ. 2 м. 27-и КҶ ҶТ истифодаи истилоҳи «кирдор», ба фикри мо, бояд ҳамчун яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят баррасӣ карда шавад, он бо мафҳуми «ҷиноят» баробар карда нашавад, зеро охирин бешубҳа аз руи мазмуни худ васеътар аст (м. 17 КҶ ҶТ). Бинобар ин, бо дарназардошти он, ки ҳангоми муайян кардани принсипи гунаҳгорӣ дар м. 7-и КҶ ҶТ ишора ба муносибати равонии шахс ба кирдор мавҷуд аст ва ба оқибатҳо, ин ҳолат бояд дар қ. 2 м. 27-и КҶ ҶТ инъикос карда шавад.

Ғайр аз ин, сарфи назар аз он ки м. 7-и КҶ ҶТ дар бораи зарурати муқаррар кардани муносибати дохилии субъект ба ҳаракат (беҳаракатии) ва оқибатҳо ишора мекунад, ҳамин гуна муносибат бояд ба ҳолатҳои вазнинкунанда ва тахассусӣ ва дигар аломатҳои ҳуқуқии муҳими таркиби ҷиноят, муқаррар карда шавад. Масалан, мутобиқи банди «д»-и қ. 2 м. 104-и КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои куштори зани ҳомила ғайриимкон аст, агар ӯ аз ҳолати ҳомиладорӣ будани зан хабардор набошад, ҳамон тавре ки дар банди «в»-и қ. 2-и м. 251-и КҶ ҶТ ҷалб намудани шахс ба ҷавобгарӣ барои дуздӣ ва вайрон кардани

ҳуҷҷатҳо, агар ӯ дарк накарда бошад, ки ин ҳуҷҷатҳо арзиши таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ё фарҳангӣ доранд, ғайриимкон аст.

2. Ғайр аз ин, камбудиҳои муайянеро меъёрҳо оид ба ҷиноят бо ду шакли гуноҳ ва расонидани зарар бо бегуноҳӣ, дар бар мегиранд.

Дар м. 30-и КҶ ҶТ дар бораи ҷавобгарӣ барои ҷинояте, ки бо ду шакли гуноҳ содир шудааст, муқаррароти ниҳоӣ дар бораи он, ки «дар маҷмуъ, чунин ҷиноят қасдан содиршуда эътироф карда мешавад», ба назари мо, нодуруст пешкаш шудааст. Чунин ҷиноятҳоро бояд ҳамчун кирдор бо ду шакли гунаҳгорӣ арзёбӣ кард. Тамоми мақсади ҷорӣ намудани сохти нави гунаҳгорӣ дар ҳамин аст: якҷояшавии қасд бо беэҳтиётӣ, ҳол он ки оқибати ба ҷамъият хавфноктар (чун қоида боиси марг гардидан), маҳз аз беэҳтиётӣ расонида мешавад. Аммо, дар ин ҷо савол ба миён меояд: ин изҳорот ба муқаррароти м. 18-и КҶ ҶТ чӣ гуна алоқаманд аст, категорияҳои ҷиноятҳо дар куҷо оварда шудаанд?

Ба андешаи мо, зарур аст, ки барои муқаррар намудани муносибат байни м. 18-и КҶ ҶТ ва м. 30-и КҶ ҶТ, ба КҶ ҶТ тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

– дар моддаи 18:

қисми дуюм пас аз ибораи «кирдорҳои қасдан ва аз беэҳтиётӣ,» бо ибораи «инчунин кирдорҳои бо ду шакли гуноҳ содиршуда» илова карда шаванд;

қисми сеюм пас аз калимаҳои «кирдорҳои қасдан,» ибораи «инчунин кирдорҳои бо ду шакли гуноҳ содиршуда» илова карда шаванд.

3. Мазмуни расонидани зарар бо бегуноҳӣ тибқи қ. 2 м. 31-и КҶ ҶТ, ба андешаи мо, аз ҷониби қонунгузор норавшан инъикос ёфтааст. Шахс вақте бегуноҳ дониста мешавад, ки оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракат (беҳаракатии) худро пешбинӣ карда бошад, аммо бодарназардошти мувофиқат накардани сифатҳои психофизикии худ ба

талаботи шароити шадид ё сарбории асабӣ-равонӣ, ин оқибатҳоро пешгирӣ карда натавонист.

Агар ин ҷо содир шудани кирдор таҳти таъсири қувваи номуайян дар назар дошта бошад, пас дар ин ҳолатҳо рафтори иродавӣ вуҷуд надорад, зеро озодии интихоби ҳаракат (беҳаракатии) аз даст дода шудааст. Баъзе Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ қувваи ғайриоддиро ҳамчун ҳолате, ки гунаҳгорӣ ё ғайриқонунӣ будани рафторро истисно мекунанд, ҷудо мекунанд.

Дар мавриди қобилияти пешбинӣ кардани оқибатҳо бо сабаби сарбори асабӣ-равонӣ, ин вазъият на ҳамеша маънои бегуноҳиро дорад. Масалан, вақте ки ронандаи нақлиёти автомобилӣ беш аз ҳашт соати муқарраршуда кор мекунад, сарфи назар аз сарборӣ аз ҳад зиёди асабӣ-равонӣ, оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки фалокатҳои эҳтимолиро пешбинӣ мекунад ва бо вуҷуди ин, ба сари чанбарак нишаста, ҷинояти нақлиёти автомобилӣ содир мекунад. Ҷорӣ намудани аломатҳои нави баҳодиҳӣ, «сифатҳои психофизикӣ» ва «сарборӣ асабӣ-равонӣ» бо зарурият набуд. Тарҳи бо вақт санҷидашуда «бояд, аммо натавонист», аз ҷумла дар асоси асабӣ-равонӣ, барои эътироф кардани набудани гуноҳ, кофӣ аст.

4. Нишонаи қонуни ҷиноятӣ, чунон ки маълум аст, бояд қобилият ва имкони амали мувофиқи талаботи пешниҳодшуда дошта бошад. Аз ин рӯ, талаботи гуноҳ бо ҳокимият танҳо ба шахсони шартӣ равона карда мешавад. «Зери онҳо ҳама гуна шахсоне фаҳмида мешаванд, ки ба синни балоғате расидаанд, ки рафтори бехатари ҷамъиятиро кафолат медиҳанд, инчунин қобилияти дарки дурусти ҳаётро аз рӯи нишондодҳои биологӣ - ҳолати солимии равонӣ доранд» [37, с. 38].

Синну сол ва солимӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзан ҳамчун заминаи гуноҳ ва ҷавобгарӣ номида мешаванд [92, с. 47]. Асаби солим дар санҷиши иҷтимоӣ наметавонад аз ҳад зиёдаравиҳоро кафолат диҳад.

Ҳамин тавр, синну сол низ, гарчанде далели муътамадтарини таҷрибаи ҳаётӣ эътироф шуда бошад ҳам, танҳо барои баҳогузориҳои пухта замина тайёр мекунад: аз дарк намудани тарафи воқеии кирдор то аҳаммияти иҷтимоии он.

Гуноҳ рафтори масъулиятноки шахси аз ҷиҳати рӯҳӣ солим ва кофӣ калонсолро тавсиф мекунад. Бо ёрии ин категория мо метавонем дар бораи детерминизми рафтори инсонӣ (аз ҷумла, ҷиноятӣ) аз рӯи ҳолатҳои беруна сухан ронем, байни ҳолатҳои узрнок (хато, садама, таъсири ҷисмонӣ) ва расонидани зарари маҳкумшаванда, фарқгузорӣ кунем. Ба ҳолатҳои узрноки расонидани зарар, КҶ ҶТ муқаррароти қ. 4 м. 23-и КҶ ҶТ дохил менамояд, ки мафҳуми мукаллафии вобаста ба синну солро ошкор мекунад.

Мутобиқи ин меъёр агар ноболиғ дар вақти содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба синну соли дар қисми якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишуда расида бошад, аммо дар натиҷаи ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ, ки бо парешонҳолии рӯҳӣ алоқаманд намебошад, наметавонист ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онҳоро идора намояд, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад

Ба фикри мо, дар ин маврид дар бораи мукаллафии синнусолӣ сухан рондан мумкин нест, зеро қонунгузор барои тавсифи меъёри ҳуқуқии (психологии) он аз чунин истилоҳот истифода мебарад, ба монанди «натавонист хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро пурра дарк намояд ё онҳоро роҳбарӣ кунад». Бо ҳамин меъёри ҳуқуқӣ ноболиғе, ки бар асари бемории рӯҳӣ ҷиноят содир кардааст, солим дониста мешавад ва тибқи м. 25-и КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Равшан аст, ки сабабҳои ба вуҷуд омадани чунин нуқси шуур ва ирода дар ҳолатҳои пешбининамудаи қ. 4 м. 23 ва м. 25-и КҶ ҶТ, дар асл баробаранд. Лекин саволе ба миён меояд, ки дар як маврид

ноболиғ дар кадом асос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва дар дигараш не?

Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми мукаллафии вобаста ба синну солро ба мафҳуми умумии мукаллафӣ (м. 24-и КҶ ҶТ) мутобиқ кардан дурустар мебуд, яъне меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд дар онҳо мувофиқат кунанд. Чунин фикр дорем, ки агар дар қ. 4 м. 23-и КҶ ҶТ калимаҳои «пурра дарк карда натавонист»-ро ба ибораи «дарк карда натавонист» иваз карда шаванд, чунин мухолифат аз байн бурда мешавад. Илова бар ин, ба м. 23-и КҶ ҶТ қ. 5-и бо мазмуни зайл илова ворид карда шавад: «Агар ноболиғ ба синни пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда расида бошад, вале бинобар ақибмонии инкишофи рӯҳӣ, ки бо беморӣ рӯҳӣ алоқаманд нест, ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки ӯ моҳият ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро пурра дарк карда натавониста бошад, ё онҳоро идора карда натавониста бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад».

Таҳлили мушкилоти гунаҳгориро ҳамчун принсипи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки дар як қатор ҳолатҳои хусусияти назариявӣ, меъёрӣ ва амалӣ принсипи гунаҳгорӣ аксар вақт пурра татбиқ карда намешавад. Аммо, дар бораи бартарафнашаванда будани «камбудиҳо» дар матни қонуни ҷиноятӣ, сухан рондан мумкин нест. Роҳҳои имконпазири пурратар амалӣ намудани ин принсип дар боло пешниҳод шудаанд. Чизи дигар ин аст, ки дар ҳуқуқи ҷиноятӣ қолабҳо ва сохторҳои муқарраршуда бо мушкилӣ бартараф карда мешаванд.

Эълони принсипи гунаҳгорӣ кафолатҳои боэътимоди татбиқи он ва пеш аз ҳама, кафолатҳои қонунгузориро талаб мекунад, ки фаъолияти беҳамтои мақомоти ҳуқуқтатбиққуниро таъмин кунанд. Ин на танҳо бо таърифи илмии гуноҳ, балки бо ҳама дигар ниҳодҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин бо риояи кафолатҳои просессуалӣ, ҳангоми тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ, алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, таҳлили зербоби принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгориро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои асоснокро пешниҳод намудан мумикн аст:

1. Принсипи гунаҳгорӣ ба як қатор қонунҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва конститутсионӣ тааллуқ дошта, он аз ҷониби қонунгузор ҷиноят донистани кирдор ва ҷавобгарии ҷиноятии шахсро танҳо дар сурати мавҷуд будани қасд ва хунукназарӣ дар кирдори ӯ, дар назар дорад. Дар таърифоти ҳуқуқи Рими Қадим пешбинӣ мегардад: «Ҷиноят нест, ҷазо бе гуноҳ нест» («Nullum crimen, nullum poena sine culpa»). Бояд қайд кард, ки эълон ва татбиқи принсипи гунаҳгорӣ дар КҶ ҶТ аз соли 1998 онро аз бисёр кодексҳои хориҷӣ, ки ба мукаллафии объективӣ имкон медиҳанд, ба таври мусбӣ фарқ мекунад. Ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ қасд ва хунукназариро аломатҳои ҳатмии ҷиноят эътироф карда буд, аммо худи мафҳуми «гуноҳ» дар КҶ РСФСР аз солҳои 1922 ва 1926 мавҷуд надошт. Мақомоти олии судии ИҶШС сар карда аз солҳои 40-ум, аз мақомоти судӣ риоя кардани принсипи гунаҳгориро мунтазам талаб мекард.

2. Ба баррасии мазмуни м. 7-и КҶ ҶТ гузашта, ба назар чунин менамояд, ки қонунгузор тамоман беасос дар қ. 2 модда ибораи «... ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст»-ро истифода мебарад. Дар ин ҷо амалан аломати баробарӣ байни он чизе, ки ҳаст ва чизе, ки чӣ тавр ин чиз муқаррар карда мешавад, гузошта мешавад, яъне ҷиҳати моддию ҳуқуқии гуноҳ бо ҷиҳатҳои мурофиавӣ-ҷиноятии он баробар карда мешавад. Аз ин рӯ, дар матни қонуни ҷиноятӣ ибораи овардашударо бояд бо ибораи дигар иваз кард: «... бо гуноҳ содир шудаанд ва омадаанд».

3. Дар моддаи м. 7-и КҶ ҶТ бояд ҳолати зеҳнӣ ва иродавии шахсеро, ки ҷиноят содир кардааст, дар ду самт баҳогузорӣ намояд: муносибати равонӣ ба кирдор (ҳаракат ё беҳаракатии) ва оқибатҳои он. Аммо қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ дар як қатор мавридҳо ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро на бо далели содир намудани кирдори

барои ҷамъият хавфнок, балки бо далели дар натиҷаи содир намудани он фарорасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, пайваст мекунад.

4. Зарур аст, ки барои муқаррар намудани муносибат байни м. 18-и КҶ ҶТ ва м. 30-и КҶ ҶТ, ба КҶ ҶТ тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шаванд: - *дар моддаи 18: қисми дуюм пас аз ибораи «кирдорҳои қасдан ва аз беэҳтиётӣ,» бо ибораи «инчунин кирдорҳои бо ду шакли гуноҳ содиршуда» илова карда шаванд; қисми сеюм пас аз калимаҳои «кирдорҳои қасдан,» ибораи «инчунин кирдорҳои бо ду шакли гуноҳ содиршуда» илова карда шаванд.*

2.5. Принсипи адолат

Принсипи адолат дар низоми соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ аҳаммияти калидӣ доро аст, чунки адолат дар давлати ҳуқуқбунёд ҳамчун як шарти пешакӣ ва асосӣ баромад карда, асоси татбиқи тамоми арзишҳои ҳуқуқӣ ҷомеа баромад менамояд. Д.Ю. Шапсугов қайд мекунад, ки «ҳуқуқ метавонад ҳамчун воситаи нозуки муқаррар кардани озодӣ ва баробарӣ дар ҷомеаи инсонӣ, амал кунад. Ба маънии муайян ченаки озодиву баробарӣ адолат аст, ки мазмуни он аз замонҳои қадим ҳамчун муҷозот ба ҳар як кас муайян карда шудааст... Меъёри адолат ченаки озодӣ ва ченаки баробариест, ки дар он қарор доранд» [83, с. 470-471].

Адолат, ки дар тамоми низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ таҷассум ёфтааст, ҳамчун ғояи ибтидоиӣ ва бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он низ мавқеи махсуси худро ишғол намуда дар ҷараёни татбиқи дигар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ васеъ истифода мегарданд. В.В. Похмелкин ҷойгиршавии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро бо пирамида муқоиса мекунад, ки дар қулаи он принсипи адолат меистад. Ба гуфти ӯ, «адолат ибтидои ҷамъбасткунандаи танзими меъёрӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун баҳодиҳандаи интегративии принсипҳо, меъёрҳо ва санадҳои татбиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз

нуқтаи назари зарурати объективӣ, фоиданокии ҷамъиятӣ, иҷозатпазирии ахлоқӣ ва қонунияти ҳуқуқӣ, хидмат мекунад» [63, с. 24].

Маврид ба зикри хос аст, ки, принсипи адолат яке аз арзишҳои асосии иҷтимоию фарҳангӣ баромад карда, ҳам мақсад ва ҳам идеали рушди ҷомеа маҳсуб меёбад. Лекин принсипи мазкур на дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ ва на дар Конститутсияи ҶТ мустақиман ифода нашудааст. Бо вуҷуди ин, он дар онҳо ҳамчун як қисми талаботи умумӣ оид ба мурофиаи одилонаи судӣ мустаҳкам карда шудааст. Масалан, дар м. 10 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар муқаррар мегардад: «Ҳар як инсон барои муайян кардани ҳуқуқу уҳдадориҳояш ва муқаррар кардани асоснокии айбномаи ҷиноятие, ки ба дӯши ӯ гузошта шудааст, ба таври баробарии комил ҳуқуқ дорад, парвандаи ӯро суди мустақилу бетараф ошкоро ва бо риояи талаботи адолат баррасӣ намояд» [13].

Дар м. 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ гуфта шудааст: «Ҳар кас ҳангоми баррасии ҳама гуна айбдоркунии ҷиноятӣ ва ё муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ дар дилхоҳ мурофиаи шаҳрвандӣ, ки аз ҷониби суди салоҳиятдор, мустақил ва бағараз, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ба муҳокимаи одилона ва ошкоро ҳуқуқ дорад» [13].

Принсипи адолат дар КҶ ҶТ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад, ки дар мазмуни он дохил карда шудааст. Дар м. 8-и КҶ ҶТ қонунгузор ду ҷанбаи муҳими принсипи адолатро нишон додааст: «1. Ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд. 2. Ҳеҷ кас барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест».

Аз матни м. 8-и КҶ ҶТ маълум мегардад, ки таърифи ҷавобгарии одилонаи ҷиноятӣ ва адолат умуман, принсипи қонуни ҷиноятӣ мебошад.

Дар баробари ин, аҳаммияти ин принсипро танҳо ба арзёбии муносибати байни ҷиноят ва ҷавобгарӣ барои он, маҳдуд кардан нодуруст аст. Масалан, *Судшаванда Ким Артур Германович қаблан бо ҳукми суди ноҳияи Сино шаҳри Душанбе аз 28 майи соли 2015 бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои "а", "в", "г" ба муҳлати 3 сол аз озодӣ маҳрум карда шуда, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" аз 28.08.2016 сол ба озодӣ баромадааст, бо ҳукми суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз 16 майи соли 2017, бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои "а", "в", "г" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муҳлати 3 солу 3 моҳ аз озоди маҳрум карда шуда ва бо ҳукми суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз 16 июни соли 2017 ба муҳлати 4 сол аз озоди маҳрум карда шуда, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" аз 25.05.2019 сол ба озоди баромадааст ва доғи судӣ дорад, инчунин бо ҳукми суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе аз санаи 20.03.2020 сол бо моддаи 244 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати се сол аз озоди маҳрум карда шуда, то баровардани ҳукми мазкур аз гузашта ба худ хулосаи зарурӣ набароварда, дар ҳолати ретсидиви ҷиноят, қасдан даст ба содир кардани ҷиноят задааст.*

Чунончи, судшаванда Ким Артур Германович шаби 5 ба 6 ноябри соли 2019, соати 02:30 дақиқаи шаб, бо истифода аз асбоби махсусгардонидашудаи "отвёрка", тирезаи пластикии нуқтаи фурӯши хӯрокворию тезтайёр, дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев хонаи 44 воқеъ бударо кӯшода, ғайриқонунӣ вориди бинои дукон гардида, аз он ҷо бо тариқи пинҳонӣ 1 (як) адад планшета компютерии арзишаш 800 (ҳаштсад) сомонӣ, як адад телефони мобилии тамғаи "САМСУНГ" арзишаш 250 (яксаду панҷоҳ) сомонӣ ва 2300 (ду ҳазору сесад) сомонӣ маблағҳои пулиро тасарруф намуда, аз ҷои ҳодиса ғайб задааст ва бо ин кирдори худ ба шаҳрванд Мирзоев Шамсулло Иброгимович, ба маблағи умумии 3350 (се ҳазору сесаду панҷоҳ) сомонӣ зарари ҷиддӣ расонидааст.

Мутобиқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи ҶДММ "Бозори Корвон"

№1/200 аз санаи 23 марти соли 2020, арзиши як адад планшета истеҳсоли хориҷӣ 800 (ҳаштсад) сомонӣ ва арзиши як адад телефони мобилии тамғаи "САМСУНГ"-и пеш дар истифода буда 250 (дусаду панҷоҳ) сомониро ташкил медиҳад.

Ғайр аз он, судшаванда Ким Артур Германович боз такроран, шаби 21 ба 22 январи соли 2020, тахминан соатҳои 02:00-02:07 дақиқа, бо истифода аз асбоби махсусгардонидашудаи "отвёрка" шишаи тирезаи нуқтаи фурӯши хӯроквории тезтайёр, дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Махсум, хонаи 8/3 воқеъ бударо кӯшода, ғайриқонунӣ вориди бинои дукон гардида, аз он ҷо бо тариқи пинҳонӣ 1 (як) адад дастгоҳи хӯрокпазии барқии "ХОТ-ДОГ", арзишаш 1200 (як ҳазору дусад) сомонӣ, 1 (як) адад печкаи барқии "Микроволновка", арзишаш 800 (ҳаштсад) сомонӣ ва 15 (понздаҳ) сомонӣ маблағи пулиро тасарруф намуда, аз ҷойи ходиса ғайб задааст ва бо ин кирдори худ ба шаҳрванд Норов Ориф Одилҷонович, ба маблағи умумии 2015 (ду ҳазору понздаҳ) сомонӣ зарари чиддӣ расонидааст.

Мутобиқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи ҶДММ "Бозори Корвон" №1/200 аз санаи 23 марти соли 2020, арзиши як адад тостер-дастгоҳи электрикии "ХОТ-ДОГ"-пазӣ 1200 (як ҳазору дусад) сомонӣ, арзиши як адад печкаи барқии "Микроволновка"-800 (ҳаштсад) сомониро ташкил медиҳад.

Боз, судшаванда Ким Артур Германович такроран, шаби 23 ба 24 январи соли 2020, тахминан соатҳои 03:00-03:25 дақиқа, бо мақсади ғайриқонунӣ ворид гардидан тасарруф намудани амволи ғайр, ба назди бинои мағозаи шахсии шаҳрванд Файзуллоев Илҳомудин Фатҳуллоевич, ки дар суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Испечак-2 хонаи 79 воқеъ гардидааст омада, бо истифода аз пораи оҳанини "арматура" кӯшиши қулфи дари мағозаро шикаста вориди мағоза шуданро кардааст, вале бинобар сабаби пурра шикаста натавонистани қулфи дари даромад, мақсади ҷиноятқоронаи худро бо сабабҳои аз ӯ вобастанабуда ба анҷом расонида натавонистааст ва дар натиҷа ба ҷабрдида Файзуллоев И.Ф. ба маблағи 200 (дусад) сомонӣ зарари

ҷиддӣ расонидааст.

Мутобиқи маълумотномаи пешниҳоднамудаи ҶДММ "Бозори Корвон" №1/200 аз санаи 23 марти соли 2020, арзиши як адад қулф барои дарҳои даромад аз 70 сомониро ташкил медиҳад.

Судшаванда Ким Артур Германович дар мурофиаи судӣ ба айби ба ӯ бо моддаҳои 244 қисми 2 бандҳои «а,в,г» ва 32 қисми 3-244 қисми 2 бандҳои «а,в,г» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардашуда, худашро пурра айбдор ҳисобида, чунин нишондод дод, ки ӯ қаблан якчанд маротиба суд шудааст. Бо ҳукми суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, аз соли 2011 бо моддаи 244 қисими 2 банди "а" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҳукми суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе аз соли 2013 бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои "в", "г" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳукми суди ноҳияи Сино шаҳри Душанбе аз 28 майи соли 2015 бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои "а", "в", "г", бо ҳукми суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе аз 16 майи соли 2017 бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои "а", "в", "г" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд шудааст. Маротибаи охирон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" аз санаи 25 октябри соли 2019 ба озодӣ баромадааст. Пас аз ба озодӣ баромадан, дар ягон ҷой ба кор надаромадааст. Бинобар сабаби начандон хуб будани муносибатҳояш бо модараш, ба хонаи модараш, суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев хонаи 20, ҳуҷраи 47, ки дар он ҷой ба қайд гирифта шудааст, нарафта, дар маҳаллаи Авули шаҳри Душанбе, ҳуҷраеро иҷора гирифта, он ҷо зиндагонӣ мекардааст. Азбаски ҷойи кор наёфтааст ва барояш пул лозим шудааст, бинобар он қарор додааст, ки боз ба содир кардани ҷинояти дуздии амволи ғайр, даст занад. Маҳаллаҳои Авул ва 102 шаҳри Душанберо хуб медонистааст, чунки дар маҳаллаҳои зикргардида калон шудааст.

Пас аз ҳабс баромаданаш, ӯ маротибаи якум шаби 5 ба 6 ноябр соли 2019 дуздии амволи ғайрро содир кардааст. Ҳамон рӯз, яъне санаи 5 ноябри соли 2019, ӯ дар интернет-кафеи "Шаҳзод", ки дар маркази шаҳри Душанбе воқеъ мебошад, то соати 24:00 дақиқа компютербозӣ карда, пас аз он баромада,

пиёда то кӯчаи ба номи Ф. Муҳаммадиев, наздикии Донишкадаи забонҳои шаҳри Душанбе омадааст. Вақте ба ин ҷо расидан, соат аллакай 02:30 дақиқаи шаб буда чашмаш ба он афтодааст, ки дар рӯ ба рӯи Донишгоҳи забонҳо, нуқтаи хӯрокаи тезтайёр ҷойгир аст. Ба назди тирезаи дӯкон омада, аз дохили сумкаи варзишие, ки бо худ доштааст, "отвёртка"-ро бароварда, онро кушода вориди дӯкон гардида, дохили онро кофтуков кардааст. Аз дохили як қуттии картонӣ маблағи пулии 1100 (як ҳазору сад) сомониро ёфта гирифтааст. Ғайр аз он, аз дохили дӯкон боз як адад планшет ва як адад телефони мобилии тамғаи "Самсунг"-ро ёфта тасарруф карда аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст. Баъди ин, ба сӯи хонаи иҷорааш равон шудааст. Дар роҳ планшет ва телефони мобилии тасарруфкардаашро санҷида, дидааст, ки ҳардуяш вайрон мебошанд. Аз ин рӯ планшет ва телефонро ба оби канали "Ҳисор", ки аз назди маҳаллаи Авул ҷорӣ аст, мепартояд. Маблағҳои пулии тасарруфкардаашро бошад, барои эҳтиёҷоти шахсияш сарф кардааст.

Ғайр аз ин ҳолат, ӯ боз такроран ба содир кардани дуздӣ даст зада, шаби 21 январи соли 2020, бо мақсади содир кардани дуздии амволи тайр нисфи шаб, аз хонаи иҷорааш баромада, каме сайругашт кард то, ки лаҳзаи қулай ёфта аз ягон мағоза ва ё дуконе дуздӣ кунад. Барои амалӣ гардонидани нақшаҳои ҷиноятқоронаи худ, ӯ пешакӣ бо худ сумкаи варзишияшро гирифта, дар дохили он асбоби махсусугардонидашудаи "отвёртка" ва 4 пакети селофании холии навъи "ШИВАКИ"-ро нигоҳ доштааст. Ҳангоми сайругашт кардан дар маҳаллаи 102-юми пойтахт, чашмаш ба дӯкони хӯроки тезтайёр афтодааст, ки дар ошнаи якуми бинои рақами 8/3 кӯчаи Н.Махсум ҷойгир аст. Атрофро нигоҳ карда дидааст, ки касе наменамояд. Ба дукон наздик шуда, бо отвёрка шишави тирезаи онро кушода ба як тараф мондааст ва ғайриқонунӣ вориди дӯкон гардидааст. Дохили дуконро кофтуков намудааст. Аз он ҷо 15 сомонӣ маблағҳои пулӣ ёфтааст. Ғайр аз ин маблағ боз як дастгоҳ барои пухтани ғизои «ХОТ-ДОГ» ва як адад печкаи электрикии хӯрокпазӣ (микроволновая печь)-ро тасарруф намуда, ба дохили халтаи полуэтилении "ШИВАКИ"

андохта, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст. Рӯзи дигар субҳидам ашёҳои дуздидаашро ба бозори маҳаллаи "Яккачинор" шаҳри Душанбе бурда, ба як марди синнаш тахминан 40-45 солаи ба мақомоти тафтишот номаълум ба маблағи 450 сомонӣ фурӯхтааст. Маблағҳои пулии бо роҳи дуздӣ бадастовардаашро барои эҳтиёдоти худ харҷот кардааст.

Пас аз содир кардани ҷинояти дар боло зикргардида, санаи 23 январи соли 2020 нисфишаб, ӯ боз бо мақсади такроран содир кардани дуздӣ, нисфи шаб аз хонаи иҷорааш баромада, пиёда ба сӯи кӯчаи Мухаммадиев шаҳри Душанбе равон шудааст. Бо худ боз ҳамон сумкаи варзишияшро, ки дар дохилаш отвёртка ва пакети селофании "ШИВАКИ" нигоҳ медоштааст, гирифтааст. Ҳангоми рафтан ба сӯи кӯчаи Ф.Муҳамадиев, чашмаш ба мағозаи хӯрокворӣ хусусии шаҳрванд Файзуллоев Илҳомуддин Фатҳуллоевич, ки дар охири кӯчаи Ф.Муҳаммадиев, дар рӯ ба рӯи маҳаллаи деҳотнишини Испечак-2, воқеъ гардидааст, афтодааст. Бо мақсади содир кардани дуздӣ ба назди мағоза омада дидааст, ки дари он оҳанин мебошад. Аз ҳавлии паси мағоза як пораи оҳанро ёфта, кӯшиш кардааст, ки бо ёрии оҳанпора қулфи дари даромади матозаро шикаста, ғайриқонунӣ вориди он гардад ва амволи дар дохили матоза бударо тасарруф намояд. Ҳарчанд кӯшиш зиёд кардааст, аммо қулфи дарро шикаста натавонистааст. Бинобар бенатиҷа будани кӯшишҳояш, бо сабабҳои аз ӯ вобаста набуда, мақсади ҷиноятқоронаи худро ба анҷом расонида натавонистааст. Ӯ аз кирдори содирнамудааш сидқан пушаймон мебошад, хатогии худро фаҳмидааст ва афсус мехӯрад. Аз суд хоҳиш намудааст, ки нисбташ ҷазои сабук таъин карда шавад [154].

Бо истифода аз принсипи адолат судя ба ӯ ҷазои мувофиқро татбиқ намуд. Аз ҷумла, Ким Артур Германович бо моддаҳои 244 қисми 2 бандҳои "а,в,г" ва 32 қисми 3-244 қисми 2 бандҳои "а,в,г "КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шавад. Ба ӯ бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои "а,в,г" КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 (ду) солу 6 (шаш) моҳ таъин карда шавад. Ба ӯ бо моддаи 32 қисми 3-244 қисми 2

бандҳои "а,в,г " КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озоди ба муҳлати 2 (ду) сол 6 (шаш) моҳ таъин карда шавад. Бо татбиқи моддаи 67 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маҷмуи ҷиноятҳо, бо роҳи қисман зам намудани ҷазоҳои таъиншуда ба Ким Артур Германович, ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 (се) сол таъин карда шавад [154].

Принсипи адолат дар қонуни ҷиноятӣ дар чунин ҳолатҳо амалӣ ифода меёбанд:

1) ҷиноятӣ ва ғайриқриминалӣ кардани кирдорҳо;

2) ҷаримабандӣ, яъне муқаррар намудани намуд ва андозаи ҷазо барои кирдорҳои ҷиноятӣ;

3) ба навъҳо ҷудо намудани ҷиноятҳо, яъне ҳангоми тасниф кардани онҳо ба дараҷаи махсусан вазнин, вазнин, миёна ё начандон вазнин ва ба ин ё он фасл ва боби КҶ ҶТ дохил кардани онҳо.

Адолат ин метавонад ҳам ба категорияи ҳуқуқӣ ва ҳам ахлоқӣ баромад намояд, чунки адолат дар ҳама равандҳои иҷтимоӣ васеъ истифода мегардад. Адолат мутаносибии зуҳуроти (падидаҳои) муайянро аз нуктаи назари хубӣ ва бадӣ нишон медиҳад (мутаносибӣ байни ҷиноят ва ҷазо, байни ҳуқуқ ва уҳдадорӣ ва ғ.). Аз нуктаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, принсипи адолат дар он ифода мегардад, ки ҷазо ва чораҳон дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содиркарда татбиқ карда мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне ба вазнинии ҷиноят, ҳолатҳои мушаххаси ҷиноятӣ содиршуда ва хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор (яъне, хусусияти кирдори дараҷаи ба ҷамъият хавфнок, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор) мувофиқат намоянд. Дар натиҷаи риояи принсипи адолат принсипи ҷавобгарни фардӣ таъмин мешавад.

Принсипи адолатро КҶ пешбинӣ намуда, суд онро дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Қонуни ҷиноятӣ таъмин месозад. Адолати

ҳуқуқи ҷиноятӣ бо он муайян мегардад, ки КҶ аз меъёрҳои санксиони нисбатан муайян ва алтернатнвӣ иборат мебошад, ки дар вақти таъин намудаи ҷазои сазоор нисбати шахси гунаҳгор аз ҷониби суд татбиқ мегардад. Дар он андоза ва намудҳои гуногуни ҷазо ва ҳадди пастарин ва балантарини ҷазо, тартиби таъини ҷазо барои категорияҳои ҷиноят ва нисбати шахсони алоҳида, ки қонун пешбинӣ намудааст (ноболнғон, занҳои ҳомиладор ва ғ.), ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, асосҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳолатҳои озод кардан аз ҷазо муқаррар гардидааст. Суд ҳангомн таъин намудани ҷазо ҳамаи ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни ҷиноятиро ҳатман ба инобат гирифта, баъдан нисбати шахси гунаҳгор ҷазои пешбининамударо таъин намояд. Инчунин, ба судя озодии фаъолият ҳангоми таъини ҷазо, яъне имконн истифодан ҳолатҳон дар боло дарҷгардида, дар доираи қонун сурат мегирад.

Адолати ахлоқиро гурӯҳи одамон ё аҳли ҷамеа (маҳкумшуда, хешовандонаш, иштирокчиёни мурофиан судӣ, ашхоси аз ҳукми айбдорӣ огаҳидошта ва дигарон) муайян месозанд. Онҳо ба ҳукми судӣ ва ҷазои таъиншуда аз нуктаи назари адолат баҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ медиҳанд. Агар ҷазо беадолат бошад ва доираи қонун татбиқ нагардад, беасос бошад, мақсади муайян надошта бошад ин боиси коста гардидани боварии одамон нисбати қонун ва ниҳодҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мегардад, яъне дар ҷомеа нигилизми ҳуқуқӣ рушд меёбад. Ҳукми беадолат низ боиси паст шуданн обрӯ, нуфуз ва эътибори мақомоти судӣ мегардад. Вайрон гардидани принсипи адолат ин метавонад заминаи поён рафтани нуфузи ҳокимияти судӣ гардад. Ва баръакс, таъмини дурусти адолати судӣ дар раванди таъини ҷазо яке аз василаҳои асосии муҳими устувории ҷомеа, аз ҷумла ҳокимияти судӣ мебошад.

Танҳо қонунҳоее, ки ба талаботи асоноккунии иҷтимоии шахсияти гунаҳгор ва ҷаримабандии дар асоси қонун мувофиқат мекунад, он одилона ҳисобида мешавад. Қонуне, ки ба ин талаботи Қонуни ҷиноятӣ ҷавобгуй нест, ба беҳаракатӣ маҳкум мегардад, зеро он шуури ҳуқуқии ҷамъиятро инъикос намекунад ва манфиатҳои онро ҳимоя намекунад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснокшуда қонунест, ки самаранок аст, яъне вазифаҳои муҳофизатӣ ва пешгирикунандаро иҷро менамояд, инчунин ба мақсадҳои ҷазо мерасад – барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи шахси гунаҳгор дар содир намудани ҷиноят ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав (қ. 2 м. 46 КҶ ҶТ).

Қонуне одилона ҳисобида мешавад, агар он аз ҷиҳати криминологӣ асоснок бошад, яъне ба кам кардани шумораи ҷиноят аз рӯи сатҳ, динамика, сохтор ва пешгуии он нигаронида шуда бошад. Қонунгузории ҷиноятии нуқсондошта низ ноодилона ҳисобида мешавад, яъне кирдорҳои ҳақиқатан барои ҷамъият хавфнокро ҷиноятӣ нагардонидааст. Асосан чунин фосила (норасоӣ) ба ҷиноятҳои начандон вазнин, ки дар сарҳади ҷиноят ва ҳуқуқвайрокуниҳои ғайриҷиноятӣ ҷойгиранд, дахл дорад, ки ҷудо кардани онҳо душвориҳои муайянеро ба вуҷуд меорад. Дар натиҷаи қарорҳои дертари қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба шаклҳои нави ҷиноят, камбудиҳо низ ба вуҷуд омада метавонанд.

Ҷиноятқорӣ кардани кирдор, чи тавре ки А.В. Кладков таъкид мекунад – бо хавфи ҷамъиятиаш асоснок мешавад. Аммо, ҳалли масъала дар бораи ҷиноят донистани кирдор аз паҳншавии он низ вобаста аст» [107, с. 117]. Дар ҳолатҳои алоҳидаи содир намудани он аслан зарурати ҷиноятқорӣ кардани он мавҷуд нест.

Дар баробари ин, чунин ақида вуҷуд дорад, ки ин радкунӣ «ба равшантар фарқ кардани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки хусусияти хавфи ҷамъиятӣ надоранд, мусоидат мекунад ва аз ин рӯ, шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба сифати ҷиноят табдил

намеёбанд». Аммо умумӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят он аст, ки онҳо ба ҳамон як объекти ҳифзшаванда – шахс, ҷамъият, давлат зарар мерасонанд ва «ҷамъшавии миқдории зараре, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшаванда расонида шудааст, боиси тағйирёбии сифатӣ мегардад - барои ҷамъият хавфноки такроран содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» [50, с. 181].

Қонунгузор ҳангоми ҷиноят эътироф кардани кирдорҳо бояд то кадом андоза аз лиҳози ақидаҳои ахлоқии субъектҳои ҷавобгарии ҷиноятиро дар бораи адолат ва беадолатии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ин ё он кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, ба назар гирад. Қонунгузор ҳангоми муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин бояд талаботи протсессуалии таъкиби ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ба назар гирад. Аз ҷумла, ҳама гуна аломати таркиби ҷиноят бояд дар қонун тавре ифода карда шавад, ки далели мавҷудияти он, чун қоида, бидуни таҳрики идомаи фаъолияти минбаъдаи ҷиноятӣ аз ҷониби гунаҳгор, бе нишондодҳои айбномаи аъзои оила ошкор ва дигар хешовандони наздики гунаҳгор, исбот карда шавад.

Кафолатҳои хоси татбиқи ин қоида, ки дар м. 321-и КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои иғвои ришва ё ришвадиҳии тиҷоратӣ муқаррар мекунад, дар эзоҳ ба м. 347-и КҶ ҶТ: «Ҳамсар ва хешовандони наздики шахси содирнамудаи ҷиноят барои хабар надодан дар бораи ҷиноят ва пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашудаи он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд», пешбинӣ шудааст.

Кирдорро ҷиноят эътироф намуда, қонунгузор инчунин бояд намуд ва ҳаҷми оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро, ки ба ин ҷиноят мутаносиб аст, ки дар сурати содир шудани он ба амал омаданаш мумкин аст, муқаррар намояд, яъне муҷозоти дурустро муайян кунад. Чунин санксия инсондӯстона ифода гардиданаш мумкин аст: а) ба вазнинии меъёри рафтори ҷиноятии дар диспозитсия тавсифшуда мувофиқ бошад; б) бо

муҷозотҳое, ки барои содир намудани ҷиноятҳои дигар пешбинӣ шудаанд, мувофиқ бошад; в) ба суд имконият медиҳад, ки ҷавобгарӣ ва ҷазоро бо дарназардошти тамоми вариантҳои имконпазири содир намудани ҷиноят дар воқеият, фардӣ кунад.

Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки «мутобиқ набудани қонуни ҷиноятӣ ба принсипи адолат ҳангоми ҷиноят донистани ин ё он кирдор боиси он мегардад, ки ин мамнуияти қонунӣ аз ҷониби шаҳрвандон риоя карда намешавад, он аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ низ татбиқ намегардад, яъне меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ амал намекунад» [35, с. 135].

Адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки яке аз ҷанбаҳои муҳими татбиқи принсипи умумии адолат дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ҳамчун рукни марказии таъмин намудани муносибати одилона ва асоснок дар баробари шахсони содиркунандаи ҷиноят ва ҷомеа баромад мекунад. Ин адолат дар низоми ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор амалӣ мегардад. Тибқи таҳлили илмӣ, адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ аз чор ҷузъи асосӣ иборат аст, ки ҷузъи якуми он — хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноят мебошад. Ин ҷузъ муайян мекунад, ки то кадом андоза кирдори шахс ба манфиатҳои муҳофизатшавандаи ҷамъият, давлат ва шахсият хатар эҷод мекунад ва чӣ тавр ин хатар дар заминаи иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ин замина, хусусияти хавфи ҷамъиятӣ — нишондиҳандаи сифатии ҷиноят буда, тавассути объекти ҷиноят ва мавқеи иҷтимоии он, яъне он арзишҳое, ки мавриди таҷовуз қарор гирифтаанд, муайян карда мешавад. Масалан, ҷиноятҳои зидди ҳаёт, ба мисли куштор ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, аз ҷиҳати хусусияти хавфи ҷамъиятӣ дараҷаи баланд доранд, зеро онҳо ба арзишҳои олӣ — ҳаёт ва саломатии инсон, таҷовуз менамоянд. Дар навбати худ, дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ ифодаи

миқдорӣ ва шиддатнокии хавфнокии ҷиноятро нишон медиҳад. Ин нишондиҳанда аз миқёси зарар, шакл ва усули содиршавии ҷиноят, инчунин вазъиятҳои иловагӣ, ба мисли омилҳои вазнинкунанда, вобастагӣ дорад. Масалан, агар дуздӣ дар шакли оддӣ содир шуда бошад, дараҷаи хавфи ҷамъиятии он пасттар аст, аммо агар он дар шакли дуздии тахассусӣ ё бо истифодаи зӯроварӣ анҷом дода шавад, дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ баланд мегардад. Ҳамин тавр, бо дарназардошти хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноят, принсипи адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ тақозо мекунад, ки ҳангоми таъини ҷазо ё татбиқи дигар чораҳои ҳуқуқӣ, вазнинии кирдор ва хатарнокии воқеии он ба ҷомеа ба таври дақиқ арзёбӣ шуда, муносибати мутаносиб ва асоснок таъмин карда шавад. Ин равиш як шарти зарурӣ барои таъмини адолати воқеӣ ва барқарории эътимод ба низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад.

Ба андешаи профессор В.Д. Филимонов «адолати ченаки ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷиноятро, ки аз қобилияти вай ба иҷро андохтани шаҳрвандони дигарро барои содир кардани чунин кирдор бармеояд, низ ба назар гирад» [79, с. 109].

Муаллифи мазкур баён медорад, ки «дар ин ҳол бояд инҳоро дар назар дошт: а) хусусияти иҷроангезӣ ба ҳама ҷиноятҳои қасдан содиршуда хос аст, аммо дар баъзе ҳолатҳо он метавонад хавфи зиёде дошта бошад; б) хусусияти зикршудаи хавфи ҷамъиятии ҷиноят наметавонад ҳамчун холати мустақили вазнинкунанда ҳисобида шавад, зеро он дар феҳристи ҳолатҳои вазнинкунанда пешбинӣ нашудааст; в) вай наметавонад ҳамчун асос барои дохил намудан ба феҳристи мавҷуда ҳолати нави вазнинкунанда хидмат кунад, чунки наметавонад тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ чен карда шавад; г) ҷузъи ангезандаи хавфи ҷамъиятии кирдори ҷиноятӣ метавонад аз ҷониби суд танҳо дар доираи ба назар гирифтани ҳолатҳои вазнинкунанда ва тахассусии дар қонун пешбинишуда, ба назар гирифта шавад» [79, с. 110].

Минбаъд муаллиф таъкид мекунад, «аммо дар ин мавридҳо ҳам онро ҳангоми таъини ҷазо он вақт ба назар гирифтан мумкин аст, ки қобилияти иғвоангезии ҷиноят бо маълумоти иловагӣ дар бораи ҳолати вазнинкунанда ё тахассусӣ пайваст аст. Ин, аз ҷумла, дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки ин маълумот ба дигарон усули то ҳол номаълум, махсусан бераҳмона ва ифшои душвори куштор, усули нави интиқоли маводи нашъаовар ба миқдори калон ё махсусан калон ва дар дигар ҳолатҳои ба ин монандро ошкор мекунад» [79, с. 111].

Ҷанбаи дуюми адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар амалияи судӣ ва дар заминаи принсипи фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо аҳамияти калидӣ дорад, ба ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ва омилҳои воқеӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ, ки ба шароити содир гардидани ҷиноят таъсир расонидаанд, марбут мебошад. Ин ҳолатҳо на ҳамеша ба таври бевосита дар диспозитсияи моддаҳои махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, аммо онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ барои интихоби намуди ҷазо ва андозаи он аҳамияти назаррас доранд.

Маъмулан, чунин ҳолатҳо дар моддаҳои умумии Кодекси ҷиноятӣ, аз ҷумла моддаҳои 61 ва 62 КҶ ҶТ, ки ба ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷавобгарӣ дахл доранд, пешбинӣ мешаванд. Ба мисол, содир намудани ҷиноят дар натиҷаи маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, вобастагии моддӣ ё хизматӣ, ки моҳияти ҳолатҳои сабуккунандаро ташкил медиҳанд, ба суд имконият медиҳанд, ки ба ҷанбаи иҷтимоии кирдори содиршуда ва вазъи шахсии гунаҳгор баҳои воқеӣ диҳад. Илова бар ин, амалия нишон медиҳад, ки на ҳама ҳолатҳои дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба таври қатъӣ дар рӯйхатҳои қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд. Масалан, изҳори хоҳиши ҷабрдида оид ба сабук намудани ҷавобгарӣ, ё амалҳои хайрияи шахси гунаҳгор баъд аз содир гардидани ҷиноят, ҳолатҳое мебошанд, ки дар баррасии парванда

ва таъини ҷазо ба инобат гирифта мешаванд, гарчанде ки онҳо ба таври дақиқ дар рӯйхати моддаҳои 61 ва 62 КҶ ҶТ зикр нашудаанд.

Омили муҳими дигар, ки бо принсипи адолат ва фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо пайванд дорад, шахсияти ҷиноятқор мебошад. Қонунгузорӣ рӯйхати баста ё маҳдуд оид ба маълумоти шахсии гунаҳгорро муқаррар накардааст. Аз ин рӯ, ҳангоми таъини ҷазо, суд муваззаф аст, ки тамоми маълумоти дахлдори пешниҳодшуда дар бораи шахсияти судшавандаро ба таври васеъ ва ҳамаҷониба таҳлил намояд. Дар ин раванд, суд бояд омилҳое, ки аллакай ҳамчун аломатҳои таркиби ҷиноят дар қонун пешбинӣ шудаанд, ба инобат нагирифта, танҳо маълумоте, ки ба шахсияти ҷиноятқор ва вазъияти иҷтимоии ӯ дахл доранд, арзёбӣ намояд.

Ҷанбаи сеюм, ки ба адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ дахл дорад, таъсири ҷазои таъиншуда ба шахс ва муҳити иҷтимоии ӯ, аз ҷумла ба шароити зиндагии оилаи маҳкумшуда мебошад. Ин талабот низ ба принсипи адолат пайванд дошта, дар ҳоле, ки суд ҷазоро таъин мекунад, бояд эҳтимоли таъсири иҷтимоии он ба шахс ва наздикони ӯ ба таври оқилона арзёбӣ карда шавад, то ки ҷазо ба ҷои ислоҳи шахс ва барқарорсозии адолат ба таъсири ногузири иҷтимоии номатлуб оварда нарасонад. Дар маҷмӯъ, таъмини адолати ҷавобгарии ҷиноятӣ тавассути таҳлили ҳамаҷонибаи ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, шароити шахсии гунаҳгор ва таъсири эҳтимолии ҷазо ба муҳити иҷтимоии маҳкумшуда амалӣ мегардад, ки ба баланд бардоштани сифати адолати судӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки принсипи адолат маънои онро дорад, ки ҷазои ҷиноятӣ (ки номгӯи онҳо дар м. 47 КЧ дарҷ гардидааст) ва чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ (масалан, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар м. 98 КҶ муайяншуда) бояд адолатона бошанд. Барои он ки

онҳо одилона бошанд, риояи шартҳои зерин зарур аст: мутобиқи хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят таъин намудани ҷазо; ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷиноят; таъини ҷазо дар асоси ба ҳисоб гирифтани шахсиятн гунаҳгор.

Дар ҷараёни ба инобат гирифтани шартҳои дар боло зикршуда ҷазон ҷиноятӣ вобаста ба ҳолатҳои ҷудогонаи содиршавии ҷнноят мушаххас мегарданд, таносуби одилонаи байни ҷиноят ва ҷазо таъмин мешавад, хислатҳои фардии шахси ҷиноят содиркарда ба инобат гирифта шуда, ҷавобгарии фардӣ таъмин мегардад. Риояи принсипи адолат имкон медиҳад, ки нисбати ашхоси гуногуни ҷинояти якхела содиркарда ҷазоҳон гуногун таъин гарданд, ҳангоми шарикӣ дар ҷиноят нақши ҳар як нштирокчии он ба инобат гирифта шавад.

Яке аз шартҳои муҳимми таъин намудани ҷазон одилона, ин баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ба кирдори гунаҳгор мебошад. Ҷинояте, ки бо он судшаванда гунаҳгор дониста мешавад, бояд айнан мувофиқи моддаи (қисми моддаи) КҶ, ки ҷавобгариро барои чунин кирдор пешбинӣ менамояд, банду баст карда шавад.

Хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят аз арзишнокии объекти таҷовузшаванда, намудн зарари расонидашуда (моддӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ ва ғ.), мансубии ҷиноят ба ин ё он категорияи ҷиноят вобаста аст. Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят бошад, бо ҳолатҳои мушаххаси ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки муқаррароти қ. 2-юми моддаи 8 КҶ ҶТ аз қ. 2 м. 20 Конститутсияи ҶТ бармеояд: «Барои як ҷиноят ҳеч кас такроран ҷазо намебинад». Ин далели он аст, ки принсипи мазкур принсипи конститутсионӣ мебошад.

Адолати ҷазои ҷиноятӣ пеш аз ҳама, дар қоидаҳо оид ба ҳадафҳо, низом ва намудҳои ҷазо таҷассум ёфтааст. Илова бар ин, он дар ҳалли

масъалаҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва аз он озод кардан, инчунин дар таъини ҷазо ва озод кардан аз он амалӣ мегардад.

Мақсадҳои ҷазо дар КҶ ҶТ ҳамчун барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии ҷиноятҳои нав муайян карда шудаанд. Муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 дар бораи мақсадҳои ислоҳ ва аз нав тарбия кардани маҳкумшуда дар руҳияи муносибати поквиҷдонона ба меҳнат, иҷрои аниқи қонунҳо, эҳтиром ба қоидаҳои ҳаёти шуравӣ ҳанӯз дар Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳо, ки 2 июли соли 1991 қабул шуда буд, хориҷ карда шудаанд, ки бинобар пошхӯрии ИҶШС эътибор пайдо накардаанд. Чунин ақида комилан асоснок аст, ки «меъёри ислоҳи шахси маҳкумшуда танҳо чунин тағйири самти шахсияти ӯ буда метавонад, ки дар он ӯ ҳатто аз тарси ҷазо дигар ҷиноят содир намекунад» [113, с. 87].

Дар мавриди низоми ҷазо, ҳоло он 13 намудро дар бар мегирад: ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, мусодираи молу мулк, маҳрум сохтан аз озодӣ, якумра маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷазои қатл; ки барои дар воқеъ ба назар гирифтани хислату кирдор ва шахсияти ҷиноятқор, замина ба вуҷуд меовараd. Дар баробари ин суд бояд ба шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, чунин ҷазо таъин кунад, ки барои ислоҳи шахсии ӯ зарур ва кифоя бошад.

Навъи сахттари ҷазо аз ҷумлаи онҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудаанд, танҳо дар сурате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои сабуктар ноил шудан ба ҳадафҳои ҷазоро таъмин карда натавонад.

Дар м. 60-и КҶ ҶТ инчунин оид ба адолати ҷазо таъкид шудааст ва адолат на танҳо бо қарори суд, балки ба фаъолияти қонунгузорӣ низ алоқаманд аст (андозаи санксия, муқаррароти Қисми умумии КҶ ҶТ).

Низоми намудҳои ҷазо, сохтори муҷозотҳо барои ҷиноятҳои мушаххас, низоми таъин кардан ва озод кардан аз ҷазо, ҷавобгарии ҷиноятӣ ду самти сиёсати ҷиноятиро пайравӣ мекунанд: қонунигардонии ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои начандон вазнин, ки бори аввал содир шудаанд, пурзӯр кардани он барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, инчунин барои ретсидиви ҷиноятӣ.

Либерализатсияи ҷавобгарӣ дар декриминализатсияи дар беш аз ҳаштод таркиби ҷиноят, дар ҷорӣ намудани навъҳои нави ҷазои начандн вазнин, масалан, корҳои ҳатмӣ, мусодираи молу мулк, дар афзоиши назарраси ҳаҷми ҷарима дар муҷозотҳои моддаҳои КҶ ҶТ ифода ёфтааст. Илова бар ин, низоми навъҳои озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо васеъ карда шуд – ду намуди нави озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пайдо шуданд: озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор (м. 72 КҶ ҶТ) ва бинобар оштӣ шуданаш бо ҷабрдида (м. 73-и КҶ ҶТ).

Дар рушди низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими амалисозии принсипи адолат, таҳаввулоти назаррас дар бахши тадриҷан сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳамзамон пурзӯр намудани он вобаста ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ба назар мерасад. Яке аз механизмҳои татбиқи ин раванд, васеъ намудани имкониятҳои сабук кардани ҷазо дар доираи салоҳияти суд ва инчунин танзими дақиқи масъалаи доираи доғи судӣ мебошад. Тибқи муқаррароти моддаи 72 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 38-и Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961, суд дар асоси ҳолатҳои сабуккунанда метавонад ҷазоро дар ҳудуди таҳти ихтиёри худ сабук намояд. Ин ҳолатҳо, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, ба суд

имконият медиҳанд, ки ба хусусияти иҷтимоӣ ва вазъи инфиродии шахс, ҳамчунин ба муҳтавои кирдори содиршуда баҳои воқеӣ диҳад ва ҷазоро мутаносиб таъин намояд. Дар таҳияи Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми намудҳои махсуси озодкунии шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бахусус дар ҳолати тавбаи фаъол ва рафтори мусбати пас аз ҷиноят, ба таври назаррас тавсеа ёфтааст. Ин сиёсат, ки ба талаботи иҷтимоӣ ва ҳадафи ислоҳи шахс мутобиқат мекунад, ҳатто нисбат ба шахсоне татбиқ мешавад, ки ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин содир кардаанд. Чунин ҳолатҳо, аз ҷумла дар эзоҳоти моддаҳои 130, 179 ва дигар моддаҳои Кодекс, пешбинӣ шудаанд ва имконияти ҳавасмандсозии шахс барои ислоҳ ва ҳамкорӣ бо мақомоти тафтишотиро фароҳам меоранд.

Ҳамзамон, самти дигари сиёсати ҷиноятӣ дар пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин таҷассум ёфтааст. Намунаи возеҳи ин раванд — афзоиши ҳадди аксари ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ аз 15 сол ба 20 сол мебошад, ки ин ифодаи равиши қатъӣ нисбат ба ҷиноятҳои хавфнок ва ба манфиатҳои муҳимтарини ҷамъият таҳдидкунанда аст.

Яке аз дигар навовариҳои муҳим, ки дар Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон аз соли 1998 татбиқ шуд, ба масъалаи доираи доғи судӣ дахл дорад. Агар қаблан, ҳатто пас аз анҷоми муҳлати адои ҷазо ва ҳукми пушидашуда, маҳкумшудагон дар амал аз ҳуқуқҳои муҳими иҷтимоӣ, ба монанди ҳуқуқ ба манзил, оила, меҳнат ва озодона ҳаракат кардан, маҳрум мегардиданд, ҳоло бо татбиқи Кодекси нав чунин маҳдудиятҳо бекор карда шудаанд. Мутобиқи талаботи ҳозира, доғи судӣ танҳо ҳангоми эътирофи такрори ҷиноят ва ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта мешавад, ва пас аз анҷоми муҳлати расмии доғи судӣ ё барҳам додани он, тамоми оқибатҳои ҳуқуқии вобаста ба доғи судӣ аз байн мераванд. Ҳамин тариқ, ин тағйирот ва навовариҳо дар низоми ҳуқуқи

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф, ифодаи принсипи адолат ва башардӯстӣ дар баробари шахсони ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда буда, аз тарафи дигар, тавсеаи заминаҳои муборизаи қатъӣ алайҳи ҷиноятҳои хавфнокро таъмин менамояд. Ин равиш ба таҳкими ҳифзи манфиатҳои ҷамъият, фардикунонии ҷавобгарӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои шахс мусоидат мекунад.

Мундариҷаи қ. 2 м. 8-и КҶ ҶТ, ки барои ҳамон як ҷиноят такроран ҳукмро манъ мекунад, дар айни замон аҳаммияти калон дорад. Муқаррароти мазкурро низ метавон ба принсипи қонуният нисбат дод. На аз нуқтаи назари принсипи қонуният, на аз нуқтаи назари принсипи адолат, ки дар худ тамоми принсипҳои дигари қонуни ҷиноятиро ҷамъ овардааст, ҳукми дуюмбора набояд вуҷуд дошта бошад. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз соли 1998 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ин гуна шахсонро танҳо дар сурате иҷозат медиҳад, ки суди давлати хориҷӣ нисбати ин шахсон оид ба ин ҷиноят қарор надошта бошад (м. 15 КҶ ҶТ).

Ба андешаи В В. Малтсев «таърифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии қоидаи зикршудаи адолат, аз нигоҳи мазмун набояд ба фаҳмиши конститутсионӣ ва байналмилалӣ-ҳуқуқии он мухолиф бошад, ки он ғайри қобили қабул будани маҳкумияти такрории (дубора) шахсро барои ҳамон як ҷиноят дар назар дорад» [117, с. 199].

Дар шароити имрӯза, яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати мутобиқсозии муқаррароти ҷудогонаи Кодекси ҷиноятӣ ба принсипи адолат мебошад. Дар робита ба ин, таъмини риояи принсипи адолат, бахусус ҳангоми таъини ва татбиқи ҷазоҳои иловагӣ, аҳамияти назаррас дорад. Таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки таъини якҷояи ҷазои асосӣ ва ҷазои иловагӣ на ба поймолшавии принсипи адолат оварда мерасонад ва на ба ихтиёрии суд мусоидат мекунад, агар ин амал дар доираи санади ягонаи ҳуқуқӣ ва бо риояи талаботи санади маҷмуии «ҷазо» сурат бигирад. Дар чунин ҳолат,

маҷмӯи ҷазо ҳамчун як низоми мутаносиб ва асоснок қабул мешавад, ки ба дастёбии ҳадафҳои ҷазои ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Яъне, ҷазоҳои иловагӣ хислати ёридиҳанда доранд ва танҳо барои тақвияти таъсири ҷазои асосӣ ва таъмин намудани манфиатҳои ҷамъият ва ҷабрдида истифода мешаванд.

Илова бар ин, ҳолатҳои бекор кардани ҳукми шартан, ки дар амалияи судӣ ҷой доранд, низ мухолифи принсипи адолат ҳисобида намешаванд. Сабаби ин дар он аст, ки ҳукми шартан худ ба маънои пурраи татбиқи ҷазо баробар намебошад ва шахс дар ин давра имконияти исботи ислоҳ ва рафтори қонунмандро дорост. Қарори суд оид ба бекор кардани шартан ҳукмкардани шахс, тавре ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, дар заминаи таҳлили вазъи иҷтимоӣ, шахсӣ ва ҳуқуқии маҳкумшуда, инчунин дар асоси маълумоти дахлдори рафтор ва иҷрои ӯҳдадориҳои қонунӣ қабул мегардад.

Муҳим он аст, ки ҳангоми қабули чунин қарор, суд моҳияти ҷинояти содиршударо дубора муҳокима намекунад, зеро масъала танҳо дар бораи оқибати ҳуқуқии худи ҷазои адонашуда ва шароити минбаъдаи татбиқи он меравад. Ин равиш талаботи принсипи адолатро ҳифз мекунад, зеро: ҷазои асосӣ ва иловагӣ дар як маҷмӯи ягона ва бо назардошти принсипҳои қонунмандӣ ва асоснокӣ таъин мешаванд; ҳукми шартан ва бекор кардани он, дар асоси рафтори шахс ва ҳолатҳои пас аз содир гардидани ҷиноят, на дар натиҷаи муҳокимаи дубораи ҷиноят амалӣ мегардад; ҳама қарорҳо дар доираи қонун ва бо риояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсият қабул мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар ҳолати татбиқи дурусти меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ва амалиёти судӣ, ҷанбаҳои зикршуда мухолифи принсипи адолат нестанд, аммо масъалаи такмили баъзе меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти ин принсип то ҳол муҳим ва саривақтӣ боқӣ мемонад.

Дар баробари ин, дар КҶ ҶТ як қатор меъёрҳое мавҷуданд, ки ба принсипи адолат мухолифанд.

1. Гузаштан аз принсипи адолат дар моддаҳои КҶ ҶТ мавҷуданд, ки дар онҳо намуди номуайяни ҷазои ҷиноятӣ – маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Агар ин як намуди мустақили ҷазои ҷиноятӣ бошад, ки бо далели содир намудани ҷиноят алоқаманд бошад ва дар натиҷа, ҳамчун оқибати ҳуқуқии маҳкум кардани гунаҳгор амал кунад, пас хусусияти умрбоди он ҳам ба принсипҳои умумии ҷазои ҷиноятӣ ва ҳам ба муқаррароти қ. 7 м. 84-и КҶ ҶТ бевосита мухолиф аст, ки тибқи он «барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад».

И.Е. Звечаровский дуруст қайд мекунад, ки «агар чунин маҳрумиятҳо зарур бошанд, онҳо бояд берун аз доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷой дошта бошнд ва аз ҳолати дигари ҳуқуқии субъект – аз ҳамон мавқеъ ва аз он муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар доираи онҳо ин унвонҳо, рутбаҳо ва мукофотҳо гирифта шудаанд ё ин ки аз худ карда шудаанд» [31, с. 69].

Вобаста ба ин зарур аст, ки суд ҳангоми гунаҳгор донистани шахс дар содир намудани ҷиноят, ваколати аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон маҳрум карданро надошта бошад. Суд бояд танҳо ба мақомоте хабар диҳад, ки ин унвонҳо, рутбаҳо ва ғайраро додаанд, то ки қарори дахлдор қабул кунад. Аз ин рӯ, ба матни КҶ ҶТ ворид намудани тағйироти дахлдор комилан асоснок мебуд.

2. Аз мавқеи принсипи адолат камбудии назарраси КҶ ҶТ аз он иборат аст, ки муқаррароти м. 18-и КҶ ҶТ оид ба категорияҳои ҷиноят дар санксияи меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ инъикос наёфтааст, гарчанде ки меъёри асосии гурӯҳбандӣ хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ мебошад, ки дар санксияи меъёрҳо баҳо дода шудааст. Ҳангоми

муайян кардани санксия барои ҷиноятҳои намудҳои мушаххас, ки ба чор категорияи гуногун тааллуқ доранд, ҳадди ниҳоии ҷазоҳое, ки ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи мушаххас хосанд, риоя карда намешаванд. Ин аз он сабаб имконпазир гардид, ки ҳангоми ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ҷиноятҳо танҳо ба ҳадди ниҳоии ҷазо аҳаммияти ҳалкунанда дода мешавад ва ҳадди ақали он нисбат ба баъзе муҷозотҳо, ба назар гирифта намешавад.

Ба андешаи В.С. Минская «оқибатҳои ҳуқуқии ҳалли масъала дар бораи муҷозотҳо бидуни алоқа бо гурӯҳбандии ҷиноят, дар фарқият аз қарор бо робитаи зич бо гурӯҳбандии ҷиноят, масъалаи шартан (условно-досрочно) озод кардан аз адои ҷазо, дар бораи такрори ҷиноятҳо ва ғайра боиси вайрон шудани принсипи адолат мегардад» [50, с. 186].

Инро дар намунаи м. 194-и КҶ ҶТ «Тасарруфи маводи радиоактивӣ» нишон додан мумкин аст. Ҳамин тавр, тибқи қ. 1 ва қ. 3 м. 194-и КҶ ҶТ, шахс метавонад тибқи муҷозоти онҳо то панҷ сол аз озодӣ маҳрум карда шавад. Аз ин рӯ, хавфи ҷамъиятии ин ду ҷинояти мушаххас якхела аст. Аммо шартан пеш аз муҳлат аз рӯи м. 76-и КҶ ҶТ шахсе, ки тибқи қ. 1 м. 194-и КҶ ҶТ маҳкум шудааст (ҷинояти миёна), бояд пас аз адои воқеии на камтар аз се як ҳиссаи ҷазои таъиншуда озод карда шавад ва шахсе, ки барои ҷинояти вазнин ба ҳамин муҳлат ҷазо дода шудааст, танҳо баъди гузаштани камаш нисфи муҳлати ҷазои таъиншуда.

3. Бо чунин ақида розӣ нашудан нодуруст аст, ки дағалона вайрон кардани адолат ин имконияти таъйини ҷазои якхела барои кирдорҳое, ки аз ҷиҳати хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ тамоман гуногунанд, ки дар воқеъ дар м.м. 63, 64, 65-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳисоб кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки адолат ҳамчун шарти пешакии татбиқи арзишҳои дигар дар доираи механизми танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ,

ҳамчун меъёри таносуби ҷиноят ва ҷавобгарӣ барои он, бо дигар принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқаи зич дорад.

Тавре ки В.И Малтсев қайд мекунад, «адолат, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, инсондӯстӣ ҳамчун принсипи амиқтар, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ғанӣ, ки берун аз доираи соҳаи ҳуқуқӣ мебарояд ва аз ин рӯ, барои қонунгузории ҷиноятӣ асосӣ ба ҳисоб рафта, ифодаи худро дар принсипи қонуният меёбад (дар навбати худ онро бо мазмуни иҷтимоӣ пур карда), нисбат ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дар принсипҳои ҷавобгарии шахсӣ ва гунаҳгорӣ, ногузирии ҷавобгарӣ мушаххас мегардад... қолаби ҳуқуқии охирин низ дар зери таъсири ҳалкунандаи принсипи қонуният ташаккул меёбад».

Ба андешаи мо, адолат, аз як тараф, ҳамчун принсипи танзими меъёрӣ ба дигар принсипҳо таъсири муайяни ислоҳкунанда дорад: вай намегузорад, ки масалан, қонуният ба расмиятчигӣ, инсондӯстӣ – ба бахшидан ва бемасъулиятӣ ва ғайра табдил ёбад. Аз тарафи дигар, ҳар як принсипи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба андозаи муайян ҳамчун меъёри адолат хизмат мекунад, паҳлӯҳои алоҳидаи онро ифода мекунад ва амалияи қонунгузорӣ ва татбиқи қонунро ба татбиқи аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартшуда, равона мекунад.

Ҳамин тавр, таҳлили зербоби принсипи адолатро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои асосиро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Принсипи адолати қонуни ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин амалӣ мегардад: 1) ҷиноятӣ ва ғайриқриминалӣ кардани кирдорҳо; 2) ҷаримабандӣ, яъне муқаррар намудани намуд ва андозаи ҷазо барои кирдорҳои ҷиноятӣ; 3) ба навъҳо ҷудо намудани ҷиноятҳо, яъне ҳангоми тасниф кардани онҳо ба дараҷаи махсусан вазнин, вазнин, миёна ё начандон вазнин ва ба ин ё он фасл ва боби КҶ ҶТ дохил кардани онҳо.

2. Адолат категорияи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам ахлоқӣ аст. Адолат мутаносибии зуҳуроти (падидаҳои) муайянро аз нуктаи назари хубӣ ва

бадӣ нишон медиҳад (мутаносибӣ байни ҷиноят ва ҷазо, байни ҳуқуқ ва уҳдадорӣ ва ғ.). Аз нуктаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ, принсипи адолат дар он ифода мегардад, ки ҷазо ва чораҳон дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содиркарда татбиқ карда мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне ба вазнинии ҷиноят, ҳолатҳои мушаххаси ҷиноятӣ содиршуда ва хусусиятҳои шахсияти ҷиноятқор (яъне, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор) мувофиқат намоянд. Дар натиҷаи риояи принсипи адолат принсипи ҷавобгарни фардӣ таъмин мешавад.

3. Принсипи адолатро КҶ пешбинӣ намуда, суд онро дар доираи меъёрҳои Кодекс таъмин месозад. Адолати ҳуқуқӣ бо он муайян мегардад, ки КҶ аз санксияҳои нисбатан муайян ва алтернатнвӣ иборат аст. Дар он намудҳои гуногуни ҷазо ва ҳадди поёнию болоии ҷазо, тартиби таъини ҷазо барои категорияҳои алоҳидаи одамон (ноболнғон, занҳои ҳомиладор ва ғ.), ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, асосҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо пешбинӣ шудаанд. Суд ҳангомн таъини ҷазо онхоро ҳатман бояд ба инобат гирад. Ба судя озодии фаъолият ҳангоми таъини ҷазо, яъне имконн истифодан ҳолатҳон зикргашта (албатта, дар доираи қонун) муҳайё шудааст.

4. Принсипи адолат маънои онро дорад, ки ҷазои ҷиноятӣ (ки номгӯи онҳо дар м. 47 КЧ дарҷ гардидааст) ва чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ (масалан, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар м. 98 КҶ муайяншуда) бояд адолатона бошанд. Барои он ки онҳо одилона бошанд, риояи шартҳои зерин зарур аст: мутобиқи хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят таъин намудани ҷазо; ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷиноят; таъини ҷазо дар асоси ба ҳисоб гирифтани шахсиятн гунаҳгор.

5. Мундариҷаи қ. 2 м. 8-и КҶ ҶТ, ки барои ҳамон як ҷиноят такроран ҳукмро манъ мекунад, дар айни замон аҳзамияти калон дорад.

Муқаррароти мазкурро низ метавон ба принсипи қонуният нисбат дод. На аз нуқтаи назари принсипи қонуният, на аз нуқтаи назари принсипи адолат, ки дар худ тамоми принсипҳои дигари қонуни ҷиноятиро ҷамъ овардааст, ҳукми дуюмбора набояд вуҷуд дошта бошад. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз соли 1998 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ин гуна шахсонро танҳо дар сурате иҷозат медиҳад, ки суди давлати хориҷӣ нисбати ин шахсон оид ба ин ҷиноят қарор надошта бошад (м. 15 КҶ ҶТ).

2.6. Принсипи инсондӯстӣ

Новобаста аз баробармаъноӣ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, мо метавонем дар бораи аҳаммияти махсуси принсипи инсондӯстӣ, ки дар м. 9 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст, сухан ронем. Асоси ҳуқуқии таҳкими принсипи инсондӯстӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ин талаботи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конститутсияи ҶТ ба ҳисоб мераванд.

Дар моддаи 19 Конститутсияи ҶТ омадааст: «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд. Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест».

Принсипи инсондӯстӣ аз моҳияти м. 5 Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки инсонро арзиши олӣ эълон намуда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯро вазифаи давлат эълон намудааст. Ин меъёр ба ҳаман одамон тааллуқ дорад. Ҷиноятқор ҳам, новобаста аз ҷинояти содиркардааш ва дараҷаи хавфнокии кирдораш, инсон аст ва аз ин ҷиҳат, муносибати ннсониро нисбати худ талаб менамояд. Қонун наметавонад ҳуқуқҳои танҳо ҷабрдидаро ҳимоя намояд. Ҷазоҳои ҷиноятие, ки ба ҷиноятқор таъин мешаванд, албатта, ҳуқуқу озодиҳои ӯро маҳдуд мекунанд. Вале маҳкумшуда пурра аз ҳуқуқҳояш маҳрум намешавад.

Санксияҳои Қисми махсуси КҶ ҳамин тавр пфода ёфтаанд, ки якчанд ҷазоҳои алтернативиро муқаррар мекунанд. Ин ба суд имкон медиҳад, ки ҷазои барои ислоҳи ҷиияйткор зарурро интихоб намояд.

Дар баробари ин, ҷазоҳои ҷиноятии татбиқшаванда бояд кофӣ бошанд. Ҳолатҳои кор ва шахсияти ҷиноятккорро ба инобат гирифта, суд чунин ҷазо ё чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ таъин мекунад, ки ба ислоҳн ҷиноятккор ва пешгирии ҷиноятҳои нав кофӣ бошад. Ҳар як ҷазои таъиншуда мавриди муҳокимаи аҳли ҷомеа қарор мегардад, ба вазъи рӯҳии маҳкумшуда таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Агар ҷазои дар айнн замон зарур набуда (масалан, ҷазон вазнинтар ба ҷои ҷазои сабуктар) татбиқ шавад, пас аз як тараф, боиси рӯҳафтода шудани маҳкумшуда гардида, ба ислоҳи ӯ мусоидат намекунад, аз тарафи дигар, нобоварии одамонро ба ҳокимнятн судӣ ва қонуни ҷиноятӣ, ниҳоят, нигилизми ҳуқуқиро дар ҷомеа вусъат бахшида, сабаби афзоиши ҷиноят (на пешгирин он) мешавад.

Таъини ҷазои нокифоя низ ба ислоҳи маҳкумшуда мусоидат намекунад. Агар, фарз кардем, барои ҷнноятн вазнин ҷпнояткор аз озодӣ маҳрум нашаваду гирифтори дигар ҷазои сабуктар гардад, пас, эҳтимоли аз ҷоннби ӯ содир гардидани боз чандин дигар ҷпноятҳон вазнин вуҷуд дорад.

Қисми 2-юми ин м. 8 КҶ ҶТ аз талаботи м. 5 Эъломияи умумии ҳуқуққои инсон ва қ. 3 м. 18 Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки истифодаи шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсониро катъиян манъ кардаанд [9].

В.Д. Филимонов иброз медорад, ки принсипи инсондӯстӣ низ асосҳои иҷтимоии худро дорост. Ба ақидаи муаллиф, принсипи инсондӯстӣ ба ҳолатҳои зерин вобаста аст. Аввалан, бо он ки ҷавобгарӣ барои ҷинояти содиршуда на танҳо ба зиммаи ҷиноятккор, балки ба маънои муайян ба зиммаи ҷомеае низ гузошта мешавад, ки вай дар он ташаккул ёфтааст ва ҳаёт ба сар мебарад. Шахс чӣ тавре ки маълум аст, ҷиноятккор тавлид

намешавад, он зери таъсири муҳит ба ин раванд мубаддал мегарданд [79, с. 117-118].

Ба андешаи мо, аз тарафи қонунгузор ба низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ дохил кардани принсипи инсондӯстӣ, нишондиҳандаи умқи дигаргуниҳое мебошад, ки дар шароити муосир ба амал меоянд, ки ба хушбахтии инсон нигаронида шудаанд.

Ба андешаи муаллифони тафсири Кодекси ҷиноятии ФР "механизми татбиқи ин муқаррарotҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ хеле мушаххас аст, зеро ҳар як қонунгузории соҳавӣ тибқи предмети худ ба мазмуни принсипи инсондӯстӣ ва кафолат дар амалия, тағйироти худро ворид мекунад ва «дар қонуни ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он, тассавуротҳои баланди ахлоқӣ дар бораи шахс ба санҷишҳои бузургтарин дучор мешаванд, маҳз дар ин ҷо таҳдиди бозгашт ба ҷазо, қасди хунӣ, қатлҳои тахассусии намоишӣ, ғояи нобуд кардани ҷиноятkор доимо вуҷуд доранд, маҳз ба воситаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, чун қоида, таъкиби оммавии одамон бо баҳонаи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ, ташкил карда мешаванд" [37, с. 43].

Дар айни замон баъди ба охир расидани муҳлати зиёда аз ду даҳсолаи амали КҶ ҶТ маълум кардани он, ки муваффақияту камбудиҳои ифодаи қонунии принсипи инсондустӣ чӣ гуна аст, аҳаммияти хосаро пайдо мекунад. Ин аз он сабаб бояд анҷом дода шавад, ки аз тарзи муайян кардани принсипи инсондустӣ ва ифшои мазмуни он, бештар ҳалли вазифаҳое, ки дар назди қонунгузории ҷиноятии Русия истодаанд, вобастагӣ доранд. Дар ин асос масъалаи ба принсипи инсондустӣ мувофиқ омадани мазмуни меъёрҳои Қисми умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ, аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар мавриди аввал, муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар ҳолатҳои алоҳида, бояд ба аъзоёни ноустувори ҷомеа таъсири бездоранда дошта, аз содир намудани ҷиноятҳо пешгирӣ карда, бо ҳамин амнияти ҷомеаро таъмин намояд. Принсипи инсондӯстӣ инчунин ба таъмини

ҳуқуққои инсон, ки қонунро вайрон кардааст ва шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, нигаронида шудааст [71, с. 13].

Ба андешаи Б.В. Здравомислов «инсондӯстии ҳуқуқи ҷиноятӣ пеш аз ҳама ва бояд дар таъмини воситаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқии шахсият, инсон ва шаҳрванд, моликият аз таҷовузҳои ҷиноятӣ зоҳир шавад. Нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятҳои вазнин содир мекунанд, ба ташкилотчиён ва иштирокчиёни фаъоли гурӯҳҳои ҷиноятие, ки дар одамон ҳисси тарсро нисбат ба ҳаёт ва бехатарии худ ва наздиконашон, нобоварӣ аз он ки онҳо аз ҷинояткорон боэътимод ҳифз карда мешаванд ба вуҷуд меоваранд, татбиқ намудани меъёрҳои сахттарини ҷазои ҷиноятӣ инсондустона, асоснок ва одилона хоҳад буд» [72, с. 20].

Дар баробари ин, ӯ диққаташро ба он ҷалб мекунад, ки «инсондӯстӣ нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятҳои дараҷаи хавфнок надоштаро содир кардаанд ва боиси оқибатҳои вазнин нагардидаанд, нисбат ба онҳое, ки қонуни ҷиноятиро бори нахуст вайрон кардаанд, аз ин самимона тавба кардаанд, барои ҷуброни зарари расонидашуда кушиш ба харҷ додаанд ва ғ., эҳтимоли муносибати нармро пешбинӣ мекунад» [72, с. 21].

Бояд гуфт, ки қонунгузории ҷиноятии амалкунанда мақсади аввалиндараҷа – таъмини амнияти инсонро аз ҳар гуна таҷовузи ҷиноятӣ ифода менамояд. Ба андешаи муаллифони тафсири Кодекси ҷиноятии ФР «агар ҷазо азобу уқубат, маҳрумият ва маҳдудиятро дар бар намегирифт, вай табиати тарбиявӣ намедошт ва аз ҷониби одамон ҳамчун чорае, ки суд ба манфиати ҷамъият ва ҳатто худи ҷинояткор таъин кардааст, қабул намешуд» [39, с. 161].

В.В. Малтсев қайд менамояд, ки «ҳангоми тавсифи предмети ҳифзи ҳуқуқӣ бояд дар назар дошт, ки амнияти инсон бояд дар асоси принсипҳои «дахлнопазирии асосҳои рушди ФР ҳамчун давлати инсонпарварона таъмин карда шавад. Дарвоқеъ, барои таъмини амнияти шаҳрвандон ҳамчун узви ҷомеа, пеш аз ҳама, амнияти ҷомеа ва давлатро

дар маҷмуъ таъмин кардан лозим аст» [115, с. 51]. Гуфтаҳо боло исботи худро дар амалия ёфтаанд. *Масалан, Судшаванда Мирзоев Турахон Додарджонович, 15 майи соли 2018 тахминан соатҳои 14 ба 15^{00} дақиқа ҳангоми дар манзили истиқоматиаш, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Р.Набиев бинои 292/1 ҳуҷраи 11 қарор доштанаш, бо ҳамсараш Намозова Шаҳло Ҷамшедовна, соли таваллудаш 1978, ҳангоми пайдо шудани рашк байни онҳо, муноқиша намудааст. Дар ин асно, дар ниҳоди судшаванда Мирзоев Т.Д. қасди куштори ҳамсараш Намозова Ш.Ҷ. пайдо гашта, бо мақсади қасдан аз ҳаёт маҳрум кардани ҳамсараш Намозова Ш.Ҷ. аз ошхонаи манзили истиқоматиашон як адад корди хоҷагидориро гирифта, ба гулӯи ҳамсараш Намозова Ш.Ҷ. гузошта, мақсади куштарро кардааст.*

Ин вақт, Намозова Ш.Ҷ. аз дасти судшаванда Мирзоев Т. Д. раҳо шуда, ба роҳрави бинои манзили истиқоматишон гурехта, ба ошёнаи 1-ум фаромаданӣ шудааст. Судшаванда Мирзоев Т.Д. бо мақсади амалӣ намудани кирдори ҷиноятикоронааш оид ба қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани шахс, ҳамсараш Намозова Ш.Ҷ.-ро бо корди хоҷагии дар дасташ буда думболагирӣ карда, ӯро дар роҳрави ошёнаи 1-ум ва 2-юм дастгир карда, 4 маротиба ба узвҳои ҳаётан муҳими Намозова Ш. Ҷ. зарба задааст.

Ин вақт шаҳрвандон Шарипов Муҳаммадҷон Зуҳуршоевич ва Мирзоева Тоҷигул Саидовна ҳолати мазкурро дида, доду фиғон бардошта, барои пурра амалӣ намудани кирдори ҷиноятии худ ба судшаванда Мирзоев Т.Д. монеа эҷод менамоянд. Баъди монеагӣ намудани шаҳрвандон Шарипов Муҳаммадҷон Зуҳуршоевич ва Мирзоева Тоҷигул Саидовна, судшаванда Мирзоев Т.Д. кирдори ҷиноятиашро бо сабабҳои аз ӯ вобастанабуда ба охир расонида натаванистааст. Мувофиқи хулосаи экспертизаи суди тиббӣ таҳти №2909 аз 28.05 соли 2018 ҷароҳатҳои ҷисмонии бадани шаҳрванд Намозова Ш.Ҷ. ба монанди захми халидаи буридаи воридшавандаи мавзеи зерқабурғаи чап бо хунравӣ ба дохили шикам, захмҳои халидаву буридаи

сатҳи паҳлуиву қафои нимаи чапи қафаси сина, ба зарари вазнини саломатӣ бо аломатҳои хавфнок барои ҳаёт мансуб мебошанд.

Судшаванда Мирзоев Турахон Додарджонович дар маҷлиси судӣ бо моддаҳои 32 қисми 3 -104 қисми 1-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон худро пурра айбдор ҳисобида, чунин нишондод дод, ки ӯ аз соли 2000 ба вазифаи нозири БДА РВКД дар шаҳри Душанбе дохил шуда, то моҳи апрели соли 2011 дар вазифаи мазкур, аз моҳи майи соли 2011 то моҳи августи соли 2011 дар ҚТОҒ РВКД дар шаҳри Душанбе, аз моҳи августи 2011 дар ШВКД н.И.Сомонӣ дар ротаи ППС, аз моҳи декабри соли 2012 дар вазифаи муовини командири ротаи ППС, аз соли 2013 дар баталиони ППС дар РВКД ш.Душанбе, кор кардааст ва аз моҳи апрели соли 2015 дар вазифаи нозири минтақавии ШШМ (Шодиёна) дар н.Фирдавсӣ ва аз моҳи марти соли 2016 то инҷониб дар вазифаи нозири минтақавии МХМ-16 ШҲТҶ ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе кор кардааст.

Ӯ бо ҳамроҳии оилааш Намозова Шаҳло аз соли 2005 то инҷониб бо пешбурди хоҷагии умумӣ зиндагонӣ карда, соҳиби 2 фарзанд гардидаанд. Онҳо дар хобгоҳи оилавии Сарраёсати сохтмонии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар кӯчаи Н.Қарабоев, бинои 152 А, ҳуҷраи 52 зиндагонӣ мекардаанд ва дар зиндагониашон ягон камбудӣ набудааст ва муносибаташ бо оилааш хуб будааст. Моҳи ноябри соли 2016 аз тарафи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро қадрдонӣ намуда, воқеъ дар кӯчаи Р.Набиев, бинои 292/1 ҳуҷраи 11 хонаи истиқоматӣ туҳфа намудаанд. Моҳи январи соли 2017, ки ӯ зиндагонии якҷояашонро бо оилааш Намозова Ш. дар ҳуҷраи мазкур шуруъ намудаанд, муносибати ӯ бо оилааш Намозова Ш. рӯз ба рӯз бад шудан гирифтааст, яъне ҳангоми дар хона ягон камбудӣ пайдо мешудаст, оилааш дарҳол бо ӯ ҷанҷол мекардааст, лекин номбурда ҳаракат мекардааст, ки ҷанҷолаш ба ҷанг табдил наёбад ва дарҳол аз хона берун мешудааст. Ӯ чандин маротиба бо ҳамроҳии оилааш Намозова Ш. ба назди духтури асабшинос рафта будаанд, лекин дорувории навиштаи духтурро то охир истеъмол

намекардаанд. Оилааш Намозова Ш. бошад намегузоштааст, ки номбурда бо ӯ ҳамхоба шавад ва нафси шаҳвонии худро қонеъ кунад. Тахминан охирҳои моҳи феврали соли 2018 будааст, ки охирин пас аз кор дар хона қарор доштааст ва тахминан соати 02:00-и шабона номбурда хостааст бо оилааш Намозова Ш. ҳамхоба шавад ва нафси шаҳвонии худро қонеъ кунад, лекин оилааш Намозова Ш. нагузоштааст, ки охирин бо ӯ ҳамхоба шавад ва ба оилааш Намозова Ш. гуфтааст, ки "Худо туро занад" ва сипас ба ҳаммом рафта, баданашро шуста, либосҳояшро пӯшида аз хона берун шудааст ва оилааш аз қафояш ба ӯ ҷавоб дода гуфтааст, ки равад ва дигар ба хона барнагардад. Ӯ ба суханони Намозова Ш. аҳаммият надода, аз хона берун шудааст ва дар он вақт кадом ҳуҷҷатеро дар хона фаромӯш кардааст ва боз ба хона баргаштааст, лекин оилааш дари хонаро пас аз 10 дақиқа кушодааст ва ба ӯ дод зада гуфтааст, ки чиро фаромӯш кардаӣ? Ӯ ба Намозова Ш. гуфтааст, ки ҳуҷҷаташро гирифта аз хона берун мешавад ва дигар барнамегардад. Намозова Ш. низ бо суханони худ, яъне "дигар барнагард, зеро парвоятро надорам", гуфта ба асаби ӯ таъсирашро расонида, дар болои ҷойгаи хоб рафта пойҳояшро дароз карда, нишастааст ва ӯ, ки асабони шудааст, рафта аз пушти сараш дошта сарашро ба тарафи пойҳояш зер кардааст ва Намозова Ш. оҳ гуфта, гуфтааст, ки миёнашро лат додааст, лекин ӯ ба суи Намозова Ш. умуман даст набардошта, назадааст. Ӯ сипас аз хона берун шудааст, ба вазифаи хизматиаш шуруъ намудааст. Пагоҳирӯзи ӯ ба хона омада, Намозова Ш-ро ба беморхонаи "Қарияи-Боло" корпуси 8 назди нейрохирург бо номи Хуршед бурдааст. Дар он ҷо сутунмуҳраи оилааш Намозова Ш.-ро дида, ба ӯ гуфтаанд, ки сутунмуҳрааш шикаст дорад ва ба Намозова Ш. оромии ҷойгаҳ лозим аст. Сипас ӯ Намозова Ш.-ро ба шуъбаи шикастабандӣ назди духтур Ҳошимов Юсуф бурдааст ва дар он ҷо ба ӯ гуфтаанд, ки шикасташ пешин будааст, пас аз лат додан, каме сутунмуҳраи 2 ва 13 ҷағ овардааст. Сипас Намозова Ш.-ро дар онҷо 10 шабонарӯз хобондаанд. Пас аз онҷо ӯро ҷавоб дода, гуфтаанд, ки ба Намозова Ш. оромӣ

даркор аст ва ягон кор бояд накунад, танҳо хоб равад. Ӯ сипас рози шудааст ва Намозова Ш. бо ҳамроҳии модараш Комилова Моҳинав ба шаҳри Кӯлоб баргаштаанд ва оилааш дар он ҷо то охирҳои моҳи апрели соли 2018 истодааст ва сипас аз Намозова Ш. хоҳиш кардааст, ки ба хона баргардад ва фарзандонашонро нигоҳубин кунад. Намозова Ш. розӣ шуда, охирҳои моҳи апрели соли 2018 ба хона баргаштааст. Дар ин муддат боз ба ӯ гапҳои пасту баланд мегуфтааст, лекин ӯ кушиш мекардааст, ки бо Намозова Ш. ҷанҷол нашавад.

Санаи 15 майи соли 2018 пас аз кори шабонарӯзиаш бо мақсади иваз намудани либос барои маъракаи сиёсӣ дар назди боғи ҳайвонот барои гузаронидани чорабинии сиёсии байнидавлатӣ бояд ҷамъоварӣ мешудаанд. Ӯ сипас тахминан соати 13:10 дақиқа ба хона ворид шудааст ва оилааш бо ӯ ҳамчун бегона рафтор мекардааст ва Намозова Ш. аз ӯ пурсон шудааст, ки хӯрок мехурад ё не. Ӯ розӣ шудааст ва Намозова Ш. ба ӯ хӯрок овардааст. Ӯ ба оилааш Намозова Ш. гуфтааст, ки либосҳояшро дастмол кардан лозим аст, лекин Намозова Ш. ҷавоб дода гуфтааст, ки дастмол карда наметавонад, зеро миёнаш дард мекунад. Ӯ сипас худаш хеста, либосҳояшро дастмол кардааст ва аз Намозова Ш. хоҳиш кардааст, ки 15-20 дақиқа хоб меравад ва ӯро аз хоб бедор кунад. Пас аз 20 дақиқа аз хоб бедор шудааст ва дидааст, ки Намозова Ш. дар долон дар назди оина мӯйҳояшро ороиш дода истодааст ва ӯ ба Намозова Ш. ҷавоб дода гуфтааст, ки барои чӣ мӯйҳояшро ороиш дода истодааст ва ба ягон ҷой равон аст ё не?. Намозова Ш. дарҳол бо ӯ ҷанҷол шуда, нисбати ӯ суханҳои паст, яъне "Ту ҳамчун занак ба ороиш доданам аҳаммият медиҳӣ, ту занак ҳастӣ, аз феъли занакиат намондаӣ занакча" гуфта, боз гуфтааст, ки ба модараш занг зада ҳолати корро ба вай нақл мекунад. Ӯ ба Намозова Ш. гуфтааст, ки шӯхӣ кардааст, лекин Намозова Ш. ба шӯхиҳои ӯ бовар накарда, ба пеши ӯ давида, омада гуфтааст, ки ӯро агар заданӣ бошад занад, лекин ӯ ягон кор накардааст. Намозова Ш. сипас аз болои яхдон рафта корди дастааш сабз бударо ба

назди ӯ овардааст ва гуфтааст, ки худашро бо корд мезанад, лекин ӯ аз дасти Намозова Ш. кӯшиш карда кордро гирифтааст. Намозова Ш. сипас дод зада гуфтааст, ки "ту ҳамон девонаи пешинӣ" ва ба модараш занг мезанад. Инчунин, ӯро дар назди ҳамсояҳо шарманда мекунад, гуфта ба берун гурехтааст, ӯ аз қафои Намозова Ш. давидааст ва аз сабаби дар танааш курта надоштааст шарм овардааст ва ба хона баргашта куртаи худро пӯшидааст ва аз паи кофтукови Намозова Ш. шудааст, зеро тарсидааст, ки худро дар зери ягон воситаи нақлиёт напартояд ё ягон фалокат бо худ накунад. Сипас ба ошёнаи 5-ум ба назди дугонаи Намозова Ш., ки номаш дар хотираш нест ва дар ҳуҷраи 18 зиндагонӣ мекунад шавҳараш командири рота аст, аз ӯ пурсон шудааст, ки Шаҳло дар он ҷо аст ё не? Ӯ сипас ба поён фаромада, берун аз бино шуда ба воситаи нақлиёти худ нишастааст ва аз пайи кофтукови Намозова Ш. шудааст, лекин дар берун Намозова Ш.-ро пайдо накардааст ва ба хона баргаштааст. Воситаи нақлиёти худро дар истгоҳи назди бино гузоштааст. Ҳангоми вориди бино шудааст ва дар ошёнаи 3-юм расида овози занашро шунидааст, ки баланд суханрони карда истода будааст, дар дохили манзили истиқоматиашон. Сипас, модари Намозова Ш. бо тариқи телефони мобилӣ ба ӯ занг задааст ва ҷанҷол карда гуфтааст, ки боз чӣ гап шудааст. Ӯ ҷавоб дода гуфтааст, ки Намозова Ш. боз бо ӯ ҷанҷол карда истодааст ва бо корд худро куштанӣ шудааст, лекин кордро аз дасташ гирифтааст. Дар ҳамин вақт оилааш бо телефони мобилӣ суханронӣ карда истода будааст, лекин огоҳ набудааст, ки ӯ дар пушти дар истодааст ва дар садо додааст, Намозова Ш. дари хонаро кушодааст. Телефони дар дасташ бударо гирифта, аз Намозова Ш. хоҳиш кардааст, ки ин корро накунад ва ором шавад, лекин Намозова Ш. боз ҷанҷол карда гуфтааст, ки ӯро дар назди ҳамсояҳо шарманда мекунад. Ӯ аз он тарсидааст, ки Намозова Ш. дар назди ҳамсояҳо мегӯяд, ки ӯ ҳиз (импотент) мебошад ва бо Намозова Ш. ҳамхоба шуда наметавонад. Аз ҳамин тарсидааст, ки дар назди ҳамсояҳо шарманда нашавад. Ӯ дигар дар хотираш нест, ки чӣ тавр

кордро гирифта оилаашро бо корд задааст ва чӣ тавр дасти худро бурида ба шикамаш корд задааст. Танҳо ҳамин дар хотираш мондааст, ки ҳангоми дар дохили ҳаммом қарор доштанаш садои дар шудаст ва ӯ аз ҳаммом берун шудааст ва дари хонаро кушодааст, ки дар пушти дар Бозоров Орзӯ бо як нафари дигар қарор доштааст ва аз ӯ пурсон шудаанд, ки бо худаш чӣ кор кардааст. Дар ҳамин вақт ӯ ба пушт афтодааст ва танҳо садои одамонро мешунидаасту, дида наметавонистааст. Пас за ба худ омадан дар беморхона қарор доштааст.

Инчунин, илова намуд, ки ӯ ин ҷиноятро содир кардааст, аз кирдори содирнамудааш сидқан пушаймон мебошад ва афсус мехӯрад, бемори касалии қанд мебошад, дар тарбияаш шаш фарзанди ноболиғ дорад. Аз суд хоҳиш намуд, ки ҳолатҳои дар боло зикршударо ба инобат гирифта нисбати ӯ дар доираи қонун ҷазои сабук таъин карда шавад.

Гуноҳи судшаванда Мирзоев Т.Д., ба ғайр худиқрории ӯ бо гуноҳи худ, боз бо далелҳо исбот гардидааст [155].

Қисми 2 м. 9-и КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд: «Ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда истифода мешавад, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надорад».

Идомаи мантиқии татбиқи меъёри мазкуро мо дар муқаррароти м. 89-и КҶ ҶТ, ки дар он тартиби татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявидошта танзим мешаванд, инчунин дар м. 96-и КҶ ҶТ, ки дар он ба сифати мақсадҳои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, м. 97-и КҶ ҶТ - асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пешбинишуда оварда мешаванд (шахсоне, ки кирдорҳои пешбининамудаи бо моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс дар ҳолати ноқисулақлӣ содир намудаанд, ки пас аз содир кардани ҷиноят бемории рӯҳӣ пайдо кардаанд, ки боиси таъин ё иҷрои ҷазо ғайриимкон мегардад ва ғайра) ва ё беҳтар гардидани ҳолати рӯҳии онҳо, инчунин

пешгирӣ кардани содир кардани кирдорҳои нав, ки КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, мушоҳида карда метавонем.

Бо дарназардошти мундариҷаи моддаи 9 КҶ ҶТ, ки принсипи инсондӯстиро ифода мекунад, баъзе муаллифон қайд мекунанд, ки муқаррароте, ки дар қ. 2 м. 7-и Қонуни ҷиноятӣ мавҷуданд, ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мансуб кардан мумкин нест, «он аломати принсипи Кодекси ҷиноятиро надорад ва бояд дар он моддаи Кодекс, ки ҳадафҳои ҷазои ҷиноятиро муайян мекунад, ҷойгир карда шавад» [78, с. 137].

Чунин ба назар мерасад, ки ибораи мухтасари м. 9-и КҶ ҶТ аз соли 1998 мазмуни принсипи инсондӯстиро дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври кофӣ ошкор мекунад ва ба таҳрир ниёз надорад. Аксари муаллифоне, ки ба таҳлили масъалаҳои принсипҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ машғуланд, қайд мекунанд, ки яке аз зуҳуроти инсондӯстӣ нисбат ба ҷинояткор ин принсипи сарфакоронаи таъқиб ба ҳисоб меравад. Н.Ф. Кузнетсова онро ба чунин муқаррароти Қонуни ҷиноятӣ, ки пешбинӣ менамояд: намуди сахттари ҷазо аз ҷумлаи онҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, танҳо дар сурате таъин карда мешавад, ки агар намуди ҷазои сабуктар ноил шудан ба ҳадафи ҷазоро таъмин карда натавонад [113, с. 33].

Муаллифони дигар чунин мешуморанд, ки «сарфи таъкиб дар сатҳи қонунгузорӣ он вақт ба даст меояд, ки агар масъалаи ҳам доираи кирдорҳо, ки ба қонуни ҷиноятӣ дохил шудаанд (ҷинояткорӣ кардан) ва ҳам масъалаи тадбирҳои ҷазо барои онҳо (пенализатсия) ҳалли худро ёбанд ... сарфаи таъқиб – ин инсондӯстӣ, ки аз ҷониби қонунгузорӣ ифода шудааст» [35, с. 154].

Ба ақидаи дигарон, ба принсипи сарфаи таъқиб «ниҳодҳои озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, танг кардани андоза ва муқаррар намудани маҳдудиятҳои махсус барои татбиқи ҳукми қатл» дохил

мешаванд [39, с. 43]. Дар баробари ин, меъёри асосӣ тибқи қоидаҳои сарфаи таъқиб ҳангоми интихоби воситаи таъсири ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ин зарурат, кифоя будани чора барои ноил шудан ба мақсадҳои танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, яъне ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, муҳити зист, сохти конститутсионии ҶТ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, таъмини сулҳу амнияти инсоният, инчунин пешгирии ҷиноятҳо (м. 2 КҶ ҶТ) ба ҳисоб мераванд.

Аммо ҳангоми баррасии ин масъала чунин нуқтаи муҳимро фаромӯш кардан лозим нест, ки аз нуқтаи назари инсондустӣ чӣ тавр ва бо кадом восита вазифаҳои ба миён гузошташударо ба даст овард. Посух ба ин суол дар худ бисёр вазифаҳои ҳалнашавандаро дар бар мегирад, зеро объекти таъсир шахс ба ҳисоб меравад, хоҳ шаҳрванди қонунӣ бо мақсади пешгирӣ кардан аз ҷониби ӯ аз содир намудани ҷиноят ва ё хоҳ ҷинояткор. Таҳлили воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба мо имкон медиҳад, ки инро қайд кунем:

1. Зарурати таъмини амнияти инсон, ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида бо талаботи муносибати инсондӯстона нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда рӯ ба рӯ мешавад. Гуфтан мумкин аст, ки ҷазое, ки ба ҷинояткор таъин шудааст, дар айни замон зуҳуроти муносибати инсондӯстона нисбат ба ҷабрдида низ мебошад. Сарфи назар аз он, ки маҳз дар шакли ниҳоии «намоён»-и ҳукми суд таносуби инсондӯстӣ ба ҷинояткор ва ҳам ба ҷабрдида зоҳир мешавад, аз ин рӯ, дар қонунгузорӣ таҳкими мувозинати одилонаи манфиатҳои шахсони мазкур, аҳаммияти бузург дорад. Ин ба сифати гарави дуруст истифода бурдан дар амал татбиқи принсипи инсондӯстӣ ба ҳисоб меравад. Дигар ин ки нигоҳ доштани ин мувозинат ҳатто дар шароити кунунии қонунэҷодкуниву ҳуқуқтатбиққунӣ, ки ба ғояи инсондустӣ асос ёфтааст, кори осон нест.

2. Воситаҳои таъсири ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таърихӣ ба ҳисоб мераванд, ивазшавии давру замон, тағйироти иҷтимоию сиёсии дар давлат ба амал

омада, ба фаҳмиши инсондӯстӣ чизи нав ва махсусеро меоваранд, аз ҷумла ба низоми воситаҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ. Ҳамин тавр, дар КҶ ҶТ аз соли 1998 дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии қаблӣ, дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ тағйироти назаррас ба амал омаданд, ки маҷмуи намудҳои муайяни ҷазои аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснокшуда мебошад, ки бо тартиби афзоиши вазнинии ҷазо дар онҳо таҳия шудаанд. Навъҳои нави ҷазоҳо пайдо шуданд, мазмуни навъҳои анъанавии ҷазоҳое, ки ба матни КҶ ҶТ дохил карда шудаанд, ба куллӣ тағйир ёфтаанд.

3. Афзалияти принсипи инсондустӣ дар қонуни ҷиноятӣ аллакай дар сохтори Кодекси ҷиноятии ҶТ зоҳир мегардад. “Ҳамин тавр, Қисми махсуси ӯ бо боби 7 «Ҷиноятҳо бар зидди шахсият» оғоз мешавад. Қисми махсуси собиқ КҶ ҶШС Тоҷикистон бо боби «Ҷиноятҳои давлатӣ» оғоз ёфта, баъд боби «Ҷиноятҳои зидди моликияти шуравӣ» ва танҳо аз боби сеюм сар карда, бобҳо оид ба ҷиноятҳои зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахс, ҷиноятҳо зидди ҳуқуқҳои сиёсӣ ва меҳнатии шаҳрвандон, ҷиноятҳо зидди моликияти шахсии шаҳрвандон оғоз ёфтаанд.

Далели мазкур, албатта, мушаххас аст, лекин он барои баҳои пурмазмун додан ба принсипи инсондӯстӣ, ки дар ду кодекси ҷиноятии тамоман гуногун инъикос ёфтааст, асоси кофӣ шуда наметавонад. Дар баробари ин, далеле ки Қисми махсуси КҶ ҶТ бо фасл оид ба ҷиноятҳои зидди шахсият оғоз шудааст, ки дар он 5 боб мавҷуд аст, аз бисёр чиз гувоҳӣ медиҳад. Ва пеш аз ҳама, дар бораи он ки дар он муқаррароти принсипи инсондӯстӣ, ки дар Қисми умумии КҶ ҶТ таъкид шудаанд, инъикос ёфтааст.

Намунаи барҷастаи зуҳури инсондӯстӣ нисбат ба шахсе, ки дар қаламрави амали қонуни ҷиноятии ҶТ қарор дорад, - ин муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои муқбили ҳаёт ва саломатӣ (б. 16 КҶ ҶТ), зидди амнияти ҷамъиятӣ (б. 21-и КҶ ҶТ), барои

ҷиноятҳои экологӣ (б. 24-и КҶ ҶТ), як қатор ҷиноятҳои нақлиётӣ (б. 23 КҶ ҶТ), инчунин барои ҷиноятҳои зидди сулҳу амнияти инсоният (б. 34 КҶ ҶТ), ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки муҷозот барои ин ҷиноятҳо кофӣ сахтанд. Чунин ақида тасдиқи худро меёбад, ки инсондӯстӣ бо авф баробар карда намешавад ва ғамхории ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлат пеш аз ҳама, ба шаҳрвандони қонунӣ ва тамоми ҷомеа нигаронида шудааст.

4. Инсондӯстӣ нисбат ба ҷиноятқор ҳам дар меъёрҳое, ки намуд ва андозаи ҷазои ҷиноятӣ ва дигар тадбирҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро муайян мекунанд ва ҳам дар меъёрҳое, ки принсипҳо ва тартиби татбиқи чунин чораҳоро танзим мекунанд, таҷассум меёбад. Муҷозотҳо, чун қоида, бо навъҳои алтернативии ҷазо, бо “панҷшохаҳои” васеи андозаҳо ифода карда мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки дар муҷозот намудҳои алтернативии ҷазо маҳдудкунии озодӣ ва ҳабс мебошанд, судҳо маҷбур мешаванд то ки аз озодӣ маҳрум карданро муқаррар кунанд (масалан, м. 194 КҶ ҶТ - Тасарруфи маводи радиоактивӣ). Дар натиҷа ба ҷойи қонуникунонии ҷазоҳо, қариб ки нобуд сохтани онҳо ба амал омад.

Дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии қаблӣ, дар КҶ ҶТ аз соли 1998 принсипи таҳияи рӯйхати ҷазоҳо «аз камтар сахт то сахттарин» истифода шудааст. Инчунин, муҷозотҳо дар моддаҳои марбут ба ҷиноятҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд. Ин навгониҳо дар баробари уҳдадории таъин намудани ҷазои намуди нисбатан сахттар, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, танҳо дар сурате таъин карда мешаванд, ки агар намуди ҷазои сабуктар ноил шудан ба ҳадафи ҷазоро таъмин карда натавонад.

Ба андешаи Ф. Кузнетсова ин ба суд имкон медиҳад, то ки ҳангоми фардикунонии ҷазо «самаранокии ҷазоеро, ки бо маҳрум кардан аз озодӣ алоқаманд нест», арзёбӣ кунад [113, с. 33]. Ғайр аз он, муносибати

инсондӯстона нисбат ба шахси содиркардаи ҷиноят дар партави талабот, то ҳадди имкон ба ӯ ҷазои сабуктар таъин намудан, дар дигар моддаҳои Кодекс низ, ки таъини ҷазоро танзим мекунанд, инъикос ёфтааст. (м.м. 63, 64, 65, 71 ва ғайра), инчунин дар моддаҳое, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод карданро танзим мекунанд.

Дар ин моддаҳо қонунгузор принсипи инсондӯстиро амалӣ намуда, инчунин консепсияи мубориза бо ҷинояткориро риоя намуда, ки дар асоси КҶ ҶТ аз соли 1998 мустаҳкам шудаанд, қисман рӯйрост, ҳангоми нигоҳ доштан ва зиёд кардани ҷавобгарии сахт барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ва такрори ҷиноятҳо, ҳамзамон ҷавобгариро барои бори аввал содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва кирдорҳои ҷинояткорони ноболиғ, сабук мекунад.

Инак, бо мақсади татбиқи инсондустӣ нисбат ба ҷабрдида, дар КҶ амалкунанда муҳлати аз озодӣ маҳрум сохтан аз 15 сол аз рӯи собиқ КҶ ҶШС Тоҷикистон ба 20 сол зиёд карда шуд. Бо маҷмуи ҷазоҳо, вақте ки ҷинояткор ҳангоми адои ҷазо ҷиноят содир мекунад, муҳлати ҳадди аксар аз озодӣ маҳрум сохтан аз 15 то 30 сол зиёд карда мешавад. Якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун алтернатива бар ивази ҳукми қатл ҷорӣ шудааст. Баръакс, барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна, ки бори аввал содир шудаанд, ду намуди нави озодкунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ – бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор (м. 72-и КҶ ҶТ) ва пушаймонӣ аз кирдор (м.73-и КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст.

Рӯйхати ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо васеъ карда шуд. Мавқеи КҶ пештара оид ба руйхати ғайримукаммали ҳолатҳои сабуккунанда ва баръакс, руйхати пушидаи ҳолатҳои вазнинкунанда нигоҳ дошта шудааст. Азбаски инсондӯстӣ нисбат ба ҷинояткор бо инсондӯстӣ дар шакли таъмини амнияти инсон алоқаманд аст, васеъ кардани рӯйхати ҳолатҳои вазнинкунанда дар КҶ ҶТ аз соли 1998 низ инсондӯстона ба ҳисоб

меравад. Рӯйхати навшудаи ҳолатҳои вазнинкунанда аз ҷиҳати криминологӣ пурра асоснок аст, яъне аз ҳолати кунунии ҷиноят бармеояд.

Ҷудо кардани бахши мустақили «Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон» бо принсипи инсондӯстӣ комилан мувофиқ аст. Мундариҷаи ин бахш хоҳиши қонуни ҷиноятиро дар бораи то ҳадди имкон ба инобат гирифтани хусусияти синну соли ноболиғон, ҳангоми муайян кардани ҳудуди ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ки пеш аз ҳама дар истифодаи бештари чораҳои тарбиявӣ нисбат ба онҳо ифода ёфтааст, нишон медиҳад, инчунин ҳангоми муқаррар намудани тартиби махсуси татбиқи масъалаҳои умумии ҷавобгарӣ ва ҷазо нисбати ноболиғон (масалан, муҳлати ниҳоии ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ барои ноболиғон даҳ солро ташкил медиҳад (қ. 2 м. 88 КҶ ҶТ).

Ҳангоми муайян кардани шакл ва ҳаҷми ҷавобгарӣ ба шахсе, ки ҷиноят содир кардааст чораи на танҳо зарур, балки барои ноил шудан ба мақсадҳо ва ҳалли вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ кифоякунанда, низ интихоб карда шаванд.

Ҳамин тавр, андозаи ақали ҷавобгарӣ барои кирдор набояд ба бахшиши умумӣ мубаддал гардад ва ҳисси беҷавобгариро ба вуҷуд орад. Аз нуқтаи назари вазифаҳое, ки дар назди ҳуқуқи ҷиноятӣ истодаанд, муҳим аст, ки «муносибати инсондӯстона нисбат ба шахси содиркардаи ҷиноят, ҳамзамон бояд ҳамчун воситаи самарабахши мубориза бар зидди ҷинояткорӣ баромад кунад» [35, с. 148].

Дар хотима бояд қайд кард, ки аз тарафи қонунгузор ба низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ дохил намудани инсондӯстӣ яке аз воситаҳои самарабахши таъмини ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти он, ки муборизаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бо ҷинояткорӣ нисбат ба ҳама гуна шаклҳои дигари давлатӣ-ҳуқуқии фаъолият зиёдтар аст ва ба ҳуқуқ ва манфиатҳои одамон таъсирасон аст, принсипи инсондӯстӣ бояд

ҳатман ҳамчун принсипи танзимкунандаи тавсифи тамоми маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, хидмат кунад.

Дар айни замон қонунгузории ҷиноятӣ дар маҷмуъ ҳифзи арзишҳои инсондӯстии ҷомеаро ба таври назаррас аз ҳисоби он ки, доираи татбиқи принсипи инсондӯстӣ ба мазмуни меъёрҳои Қисми умумии КҶ ҶТ ва ба мазмуни диспозитсия ва муҷозоти меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ низ дахл дорад, таъмин менамояд.

Ҳангоми тавсифи принсипи инсондӯстӣ як ҳолатро ба назар гирифтан лозим аст: ҳам худи қонуни ҷиноятӣ ва ҳам амалияи татбиқи он метавонад инсондӯстона ва ғайриинсондӯстона бошанд. Таърихи қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ ҳолатҳои зиёдеро медонад, вақте ки маҳрум сохтан аз озодӣ бо қонун ба муҳлати аз 3 то 5 сол маҳдуд карда шудааст, чунон бераҳмона ва бо чунин хароҷоте, дар бобати азобу уқубати ҷисмонӣ расонидан ва паст задани шаъну шарафи инсон татбиқ гардидааст, зиёд кардани муҳлати ин намуди ҷазо дар қонун танҳо зиёдатӣ ба ҳсиоб мерафт.

Дар бораи инсондӯстии воқеии ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате сухан рондан мумкин аст, ки агар инсонпарварона татбиқи қонуни ҷиноятӣ на аз фаъолияти мақомоти татбиқи қонун, балки аз меъёрҳои ҳуқуқи инсондӯстӣ, ки ин принсипро муқаррар намудааст, мазмуни онро мушаххас намудааст, мазмун ва роҳҳои татбиқи онро пешбинӣ мекунанд, бармеояд.

Ҳамин тавр, таҳлили зербоби принсипи инсондӯстиро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои асоснокро пешниҳод намудан мумикн аст:

1. Принсипи инсондӯстӣ аз моҳияти м. 5 Конститутсияи ҶТ бармеояд, ки инсонро арзиши олӣ эълон намуда, риоя ва ҳифзн ҳуқуқу озодиҳои ӯро вазифаи давлат эълон намудааст. Ин меъёр ба ҳаман одамон тааллуқ дорад. Ҷиноятқор ҳам, новобаста аз ҷинояти содиркардааш ва дараҷаи хавфнокии кирдораш, инсон аст ва аз ин ҷиҳат, муносибати ннсониро

нисбати худ талаб менамояд. Қонун наметавонад ҳуқуққои танҳо ҷабрдидаро ҳимоя намояд. Ҷазоҳои ҷиноятие, ки ба ҷиноятқор таъин мешаванд, албатта, ҳуқуқу озодиҳои ӯро маҳдуд мекунанд. Вале маҳкумшуда пурра аз ҳуқуққояш маҳрум намешавад.

2. Қисми 2 м. 9-и КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд: «Ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда истифода мешавад, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надорад». Идомаи мантиқии татбиқи меъёри мазкуро мо дар муқаррароти м. 89-и КҶ ҶТ, ки дар он тартиби татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявидошта танзим мешаванд, инчунин дар м. 96-и КҶ ҶТ, ки дар он ба сифати мақсадҳои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, м. 97-и КҶ ҶТ – асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ пешбинишуда оварда мешаванд (шахсоне, ки кирдорҳои пешбининамудаи бо моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс дар ҳолати ноқисулақлӣ содир намудаанд, ки пас аз содир кардани ҷиноят бемории рӯҳӣ пайдо кардаанд, ки боиси таъин ё иҷрои ҷазо ғайриимкон мегардад ва ғайра) ва ё беҳтар гардидани ҳолати рӯҳии онҳо, инчунин пешгирӣ кардани содир кардани кирдорҳои нав, ки КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, мушоҳида карда метавонем.

3. Афзалияти принсипи инсондустӣ дар қонуни ҷиноятӣ аллакай дар сохтори Кодекси ҷиноятии ҶТ зоҳир мегардад. «Ҳамин тавр, Қисми махсуси ӯ бо боби 7 «Ҷиноятҳо бар зидди шахсият» оғоз мешавад. Қисми махсуси собиқ КҶ ҶШС Тоҷикистон бо боби «Ҷиноятҳои давлатӣ» оғоз ёфта, баъд боби «Ҷиноятҳои зидди моликияти шуравӣ» ва танҳо аз боби сеюм сар карда, бобҳо оид ба ҷиноятҳои зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахс, ҷиноятҳо зидди ҳуқуқҳои сиёсӣ ва меҳнатии шаҳрвандон, ҷиноятҳо зидди моликияти шахсии шаҳрвандон оғоз ёфтаанд».

2.7. Принсипи демократизм

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи КҶ ҶТ барои ислоҳи ашхосе, ки ҷиноят содир намудаанд, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон ё коллективҳо бо дархосту ризоияти онҳо чалб карда мешаванд.

Принсипи демократизм дар он ифода меёбад, ки намояндагони ҷамъият дар ислоҳи ашхоси ҷиноят содиркарда имкони иштирок карданро доранд. Қонуни ҷиноятӣ аз он бармеояд, ки на танҳо давлат ва мақомоти он (муассисаҳои иҷрои ҷазо ва ғ.), балки дигар унсурҳои системаи сиёсии ҷамъият низ дар ноил шудан ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ бевосита иштирок карда метавонанд.

Қонун ин имконро ба ҳизбҳои сиёсӣ, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон, аз қабили иттифоққҳои касаба, созмонҳои занон, ветеранҳо, ташкилотҳон маъюбон, ҷавонон, иттиҳодияҳои илмӣ, техникӣ, маданию маърифатӣ, тарбияи ҷисмонию варзиш, эҷодӣ, ассотсиатсияҳо, кумитаҳо, дигар иттиҳодияи шаҳрвандон [11], ҷамоат чун мақоми худидоракунии шаҳрвандон ва коллективҳо медиҳад [1, қ. 6, м. 78].

Намояндагони ҷамъият танҳо дар ҳолатҳои дар КҶ пешбинишуда барои ислоҳи ашхоси ҷиноят содиркарда ҷалб карда мешаванд. Барои ин дархосту ризояти онҳо зарур аст.

Принсипи демократизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҷузъи таркибии арзишҳои умумидемократии низоми ҳуқуқӣ ва сиёсати давлат, таҷассумгари робитаи зичи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо асосҳои демократии ташкили ҳокимият ва идоракунии ҷомеа мебошад. Ин принсип ба моҳияти сиёсати ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ таъсири мустақим мерасонад ва дар баробари дигар принсипҳо, ба таъмин намудани ҳадафҳои иҷтимоӣ ва тарбиявии ҷазо мусоидат мекунад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи махсуси ҳуқуқ, ки ба ҳимояи манфиатҳои муҳими ҷамъиятӣ ва давлат, пешгирии ҷинояткорӣ ва ислоҳи шахсони ҷинояткор равона

шудааст, дар татбиқи худ наметавонад аз механизмҳои иштирок ва назорати иҷтимоӣ, ки хоси ҷомеаи демократӣ мебошанд, ҷудо бошад. Дар ҳамин робита, истифодаи васеи захираҳои иҷтимоӣ ва иштироки фаъолонаи ҷомеа, махсусан коллективҳои меҳнатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, барои расидан ба ҳадафҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти муҳим дорад.

Намунаи возеҳи амалисозии ин принсип — ҳолатҳое мебошанд, ки ҷазои ҷиноятӣ бе ҷудо кардани шахс аз муҳити иҷтимоӣ, бахусус муҳити меҳнатӣ, татбиқ мегардад. Масалан: Вақте ки шахс шартан маҳкум карда мешавад ва аз адои воқеии ҷазо озод мегардад, вале дар муҳити меҳнатӣ ва иҷтимоии худ боқӣ мемонад; Вақте ки ҷазо дар шакли корҳои ислоҳӣ ё дигар ҷазоҳои алтернативӣ, ки шахс имконияти идомаи фаъолияти меҳнатиро дорад, татбиқ мегардад. Дар чунин ҳолатҳо, иштироки фаъоли коллективҳои меҳнатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки на танҳо дар ҷараёни назорат, балки дар раванди ислоҳи шахс, ташвиқ ва ҳавасмандсозии ӯ ба тарзи ҳаёти қонунманд саҳм мегузоранд, хусусияти амалӣ касб мекунад. Ин равиш, на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии ҷазо ва эҳтимоли ислоҳи шахс, балки ба таҳкими робитаи ҷомеа бо низоми ҳуқуқ, баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии коллективҳо ва шаҳрвандон, инчунин ба тақвияти эътимод ба адолати судӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, принсипи демократизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун унсури назариявӣ, балки ҳамчун абзори амалии ташаккули муҳити иҷтимоӣ-ҳуқуқии мусоид барои ислоҳи шахсони ҷинояткор, пешгирии ҷинояткорӣ ва таҳкими муҳити солими ҷамъиятӣ амал мекунад.

Принсипи демократизм ҳамчунин зимни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан (м. 76), аз ҷазо озод кардани ноболиғон бо роҳи ба муассисаҳои махсуси таълимӣ-тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявии ноболиғон ҷойгир кунонидани онон (м.

90) ва ғайра дида мешавад. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо коллективҳои меҳнатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ дар кори ислоҳкунии маҳкумшудагон иштирок намуда, онҳоро зери назорати қатъии худ мегиранд.

Принсипи демократизм дар қонуни ҷиноятӣ ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шахрванд асос ёфта, муносибати одилона ва баробарро нисбат ба ҳама шаҳрвандон кафолат медиҳад. Ин принсип муаян мекунад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва таъмини адолати судӣ бояд пурра риоя гардида, таъмини волоияти қонун амалӣ карда шавад. Чунки дар моддаи якуми Конститутсияи ҶТ муқарар гардидаст ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати сохибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад». Бо ҳамин асос, принсипи демократизми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ин меери конститутсионӣ сарчашма гирифта, дар низом принсипхои қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гардидаст, ки дар тамоми ҳолатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс бояд унсурҳои муқараргардидаи принсипи демократизм бояд инобат гирифта шаванд.

Мақсад ва аҳаммияти принсипи демократизм дар қонуни ҷиноятӣ дар маҳакҳои зерин ифода меёбад: он ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидаст; баробарии ҳамаи шахсонро новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва мавқеи молумулкӣ дар назди қонун муайян намуда, дар вақти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ҳама баробар буданро ифода менамояд; пешгирӣ намудан ва истифода нагардидани ҷазоҳои золимона ва муносибати беадолатонаро нисбат ба гумонбаршудагон, айбдоршавандагон, судшавандагон ва маҳкумшудагон ифода менамояд; пеш аз ҳама аз таъмини шаффофият ва одилона будани мурофиаҳои судӣ ва татбиқи дурусти меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятиро ифода менамояд.

Баро мисол чунин ҳолатдоро номбар намудан мумкин аст: Агар шахс боздошт шавад, ӯ бояд ба ҳуқуқҳои худ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳимоятгар, огоҳ карда шавад. Дар суд ҳама шаҳрвандон баробар ҳастанд, новобаста аз мансаб ё мавқеи иҷтимоии онҳо. Ҷазо бояд мутаносиб ва инсондӯстона бошад, масалан, истифодаи шиканҷа ва дигар муносибатхои золимона манъ аст.

Принсипи демократизм дар қонуни ҷиноятӣ ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардида, баргузории мурофиаи судӣ шаффоф ва одилонаро пешбинӣ намуда, муайянкунандаи ҳама дар назди қонун ба шумор меравад. Ин принсип яке аз заминаҳои муҳими адолати иҷтимоӣ ва низоми ҳуқуқии давлатҳои демократӣ, аз ҷумла ҶТ маҳсуб меёбад.

Принсипи демократизм яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад ва ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи шаҳрвандон аз беадолатӣ ва баробарии ҳама дар назди қонун асос ёфтааст. Ин принсип қонуни ҷиноятиро бо меъёрҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи демократӣ мутобиқ мегардонад

Принсипи демократизм ҳам дар қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳам дар амалияи судӣ татбиқ мешавад. Принсипи демократизм дар қонуни ҷиноятӣ инъикос меёбад, вақте ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар мадди аввал қарор мегиранд. Ҳеҷ кас бе асоси қонунӣ аз озодӣ маҳрум карда намешавад. Ҳеҷ шахсро маҷбур кардан мумкин нест, ки бар зидди худ ё наздиконаш шаҳодат диҳад. Ҷазо бояд мутаносиб ва одилона бошад. Барои ҷиноятҳои сабук ҷазои сабуктар ва барои ҷиноятҳои вазнин ҷазои сахттар таъин мешавад. Ҳуқуқи ҳимоя ва мурофиаи одилона таъмин карда мешавад. Ҳар шахс, ки ба ҷиноят муттаҳам мешавад, ҳуқуқи ҳимоя аз ҷониби вакили ҳимоятгарро дорад. Ҳукм танҳо дар асоси далелҳои боэътимод ва дар раванди шаффофи судӣ бароварда мешавад. Қонуният ва шаффофияти равандҳои судӣ таъмин карда мешаванд. Қонунгузорӣ

бояд возеҳ бошад, то ҳар шахс фаҳмад, ки кадом амалҳо ҷиноят ҳисоб мешаванд. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад, ки парвандааш дар муҳокимаи одилона ва беғаразона баррасӣ шавад.

Дар амалия принсипи демократизм дар ҳар як марҳилаи татбиқи қонуни ҷиноятӣ риоя мешавад. Аз ҷумла:

1) Дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ: ҳуқуқи шахс ба озодӣ ва дахлнопазирӣ ҳифз мешавад. Агар шахс дастгир шавад, ӯ бояд дар муддати кӯтоҳ ба суд бурда шавад. Ҳар гуна шиканҷа, таҳқир ва маҷбур кардани шахс барои эътироф манъ аст;

2) Дар марҳилаи мурофиаи судӣ: суд бояд бетараф ва мустақил бошад. Шахс бегуноҳ ҳисоб мешавад, то он вақте ки гуноҳаш исбот гардад. Айбдоршаванда бояд имкони ҳимоя кардани худро дошта бошад;

3) Дар марҳилаи таъини ҷазо: ҷазо бояд танҳо дар асоси қонун ва адолат таъин гардад. Ҷазо набояд дорои хусусияти золимона ва таҳқиромез дошта бошад. Ҳукми қатл ва шиканҷа дар кишварҳои демократӣ манъ карда мешаванд ё маҳдуд мешаванд.

Чунин мислоҳо дар ин самт аз таҷрибаи судӣ овардан мумкин аст: 1) Баробарии шаҳрвандон дар назди қонун: агар ду шахс ҷинояти якхеларо содир кунанд, онҳо бояд баробар ҷазо гиранд, новобаста аз он ки яке мансабдор аст ва дигаре шахси оддӣ; 2) Ҳифзи ҳуқуқи гумонбаршуда: агар шахс боздошт шавад, ӯ бояд фавран аз ҳуқуқҳои худ огоҳ карда шавад ва ҳуқуқ ба вакили ҳимоя дошта бошад; 3) Манъи шиканҷа ва муносибати таҳқиромез: агар дар ҷараёни бозпурсӣ шахсро шиканҷа кунанд, далелҳои бадастовардашуда беэътибор дониста мешаванд; 4) Бегуноҳии шахс то лаҳзаи исботи гуноҳ: агар касеро ба ҷиноят гумонбар кунанд, вале далелҳои боэътимод набошад, ӯро гунаҳгор ҳисоб кардан мумкин нест.

Дар маҷмуъ, принсипи демократизм дар қонуни ҷиноятӣ кафолат медиҳад, ки: ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳифз шаванд, ҳама шаҳрвандон дар назди қонун баробар бошанд, мурофиаи судӣ шаффоф ва одилона сурат

гирад, ҷазо таносуби одилона дошта бошад, ҳар гуна муносибати золимона ва беадолатӣ манъ карда шавад.

Принсипи демократизм яке аз махсусиятҳои асосии давлатҳои ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи демократӣ мебошад ва нақши муҳим дар ҳифзи адолати судӣ дорад.

4) Ҳимояи шаҳрвандон аз зӯроварӣ ва ҷазоҳои золимона. Принсипи демократизм кафолат медиҳад, ки ҳеҷ кас мавриди шиканҷа, ҷазоҳои ғайриинсонӣ ва золимона татбиқ карда нашавад ва шахс дар асоси қонун муҳокима гардад. Шиканҷа ва муносибати таҳқиромез манъ аст. Ҷазо бояд ба дараҷаи ҷиноят мутаносиб бошад. Ҳар гуна маҷбуркунии шахс барои эътироф манъ аст. Мисол: Агар шахсро дар боздоштгоҳ шиканҷа кунанд, вай ҳуқуқ дорад, ки аз болои кормандони ҳифзи ҳуқуқ шикоят барад ва чунин далелҳо дар суд беэътибор дониста мешаванд.

5) Шаффофияти мурофиаи судӣ ва адолати ҷиноятӣ. Принсипи демократизм кафолат медиҳад, ки мурофиаи судӣ шаффоф ва одилона гузарад ва қарорҳои суд дар асоси далелҳо ва қонунҳои мавҷуда қабул карда шаванд. Айбдоршаванда ҳуқуқи ҳимояи худро дорад. Суд бояд мустақил ва бетараф бошад. Қарорҳои суд бояд дар асоси қонун қабул шаванд, на бо фишор ё таъсири беруна. Мисол, агар шахс ба ҷиноят гумонбар шавад, вай ҳуқуқ дорад, ки адолати судӣ риоя гардад, далелҳо пурра санҷида шаванд ва қарор дар асоси далелҳо қабул карда шавад.

6. Таъмини волоияти қонун ва пешгирии худсарӣ. Принсипи демократизм барои он муҳим аст, ки ҳеҷ кас аз болои қонун баландтар буда наметавонад ва ҳама бояд онро риоя ва иҷро намоянд. Қонун бояд ба ҳама баробар татбиқ гардад. Давлат уҳдадор аст, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро новобаста аз шаҳрвандӣ ва дигар ҳолатҳои дар қонун муқараргардида ҳифз кунад. Ҳуқуқвайронкуниҳо бояд танҳо дар асоси қонун баррасӣ шаванд. Мисол, агар мансабдор аз ваколатҳои худ

сӯиистифода кунад, вай бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, мисли ҳама дигар шаҳрвандон.

7. Баланд бардоштани эътимод ба низоми судӣ ва адолат. Агар принсипи демократизм риоя шавад, шаҳрвандон ба низоми судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътимоди бештар пайдо мекунанд. Мурофиаи одилона эҳтироми шаҳрвандонро ба қонун зиёд мекунад. Шаҳрвандон бовар мекунанд, ки ҳифзи ҳуқуқи онҳо кафолат дода шудааст. Ҷомеа боварӣ ҳосил мекунад, ки ҳукмҳои судӣ дар асоси адолат қабул мешаванд. Мисол, агар мурофиаи судӣ шаффоф ва бе ғараз гузарад, шаҳрвандон эътимоди бештар ба судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пайдо мекунанд.

8. Муносибати инсонгароёна дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ. Принсипи демократизм ба он асос ёфтааст, ки ҳар шахс имконияти ислоҳ шудан ва бозгашт ба ҷомеаро дорад. Ҷазо набояд танҳо ҷазо бошад, балки воситаи ислоҳ. Барои шахсоне, ки ҷиноятҳои сабук содир кардаанд, метавон ҷазоҳои алтернативӣ (масалан, корҳои ислоҳӣ) татбиқ кард. Давлат бояд ба шахсони озодшуда имконияти дубора ба ҷомеа ворид шуданро фароҳам оварад. Мисол, агар шахсе бори аввал ҷинояти сабук содир карда бошад, ба ӯ метавон ҷазои ғайри аз озодӣ маҳрумиро таъин кард, то вай имконияти ислоҳ шудан дошта бошад.

Хулоса, принсипи демократизм дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти калон дорад, зеро он кафолат медиҳад, ки: ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳифз шаванд, ҳама дар назди қонун баробар бошанд, мурофиаи судӣ одилона ва шаффоф гузарад, ҷазо мутаносиб ва инсонгароёна бошад, шиканҷа ва муносибати золимона манъ карда шавад, эътимоди мардум ба низоми адолати ҷиноятӣ баланд гардад. Принсипи демократизм асоси давлати ҳуқуқбунёд ва низоми судии адолатпарвар мебошад.

БОБИ 3. ТАҶРИБАИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

3.1. Таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ

Дар бобҳои пешинаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мо масъалаҳои татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар соҳаи қонунгузорӣ дида баромадем. Аз нуқтаи назари илмӣ ва бо мақсадҳои амалӣ ба масъалаҳои марбут ба татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ таваҷҷуҳ кардан муҳим ба шумор меравад. Тавре маълум аст, ҳуқуқи ҷиноятӣ фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомотҳоро оид ба ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳи татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ба танзим медарорад. Татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун идеяҳои бунёдии он, ба таври табиӣ дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба амал меояд. Бинобар ин, татбиқи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба маънои васеъ татбиқи принсипҳои он низ ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи В.Б. Малтсев «ба гуногунрангӣ ва ба амиқии таъсири принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба мундариҷаи марҳалаҳои раванди ҳуқуқтатбиққӣ: ба баҳодиҳии умумии ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдорҳои ҳам қонунӣ ва ё ҷиноятӣ, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ; таъйини ҷазо ва аз ҷазо озод кардан, шубҳае нест» [47, с. 323].

Дар ҳақиқат, аҳаммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми амалигардонии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ муҳим аст. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба сифати меъёри муҳимтарини ин арзёбӣ ва баҳисобгирӣ баромад карда, ҳамин тавр, аз раванди ҳуқуқтатбиққунӣ дар маҷмуъ ҷудонашаванда ба ҳисоб мераванд.

Азбаски вазифаи раванди мазкур, дар асл, ҳалли масъала оид ба ҷавобгарии ҷиноятии шахси содиркардаи кирдори мушаххас мебошад, фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ҳалли ин масъала ва ҳалли мушкилоти

татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар бар мегирад, ки айни ҳол, онҳо кам нестанд.

Ворид кардани принсипҳо ба амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ душвориҳои муайяне дорад, аз ҷумла, аз он сабаб, ки онҳо, тавре дар бобҳои пештара қайд шуда буд, дақиқ тартиб дода нашудаанд. Дар КҶ ҶТ меъёрҳое ҳастанд, ки ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолифанд. Кафолати риояи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалия, танҳо меъёрҳои асосноку дар қонун дақиқ муайяншудаи онҳо буда метавонанд. Ба андешаи В.В. Малтсев «дар умум, ҳар қадар, ки мундариҷаи меъёрҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқтар бошад, ҳамон қадар таъсири ғояҳои адолат, баробарию инсондустӣ, гунаҳгорӣ ва қонуният ба раванди ҳуқуқтатбиққунӣ пурзӯртар мешавад. Агар меъёрҳои ҳуқуқию ҷиноятии дорои потенсиали баланди инсондӯстӣ мувофиқи мақсади таъйиноти худ татбиқ карда шаванд, дараҷаи татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ ҳангоми истифодаи чунин меъёрҳо он қадар баланд буда наметавонад” [47, с. 271].

Вобаста ба ин, аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти амалии худ риояи шудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ махсусан муҳим мебошад [130, с. 211], [131, с. 190], [137, с. 176], [138, с. 193], [142, с. 54], [143, с. 199], [144, с. 188], [148, с. 216], [149, с. 217], [153, с. 183], зеро аз тарафи мақомотҳои тафтишоти пешакӣ, суд риоя нашудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро вайрон кардани қонун ба шумор меравад, ки боиси бекор кардан ё тағйир додани ҳукми суд мегардад. (м. 372, 412 ва ғ. КМҶ ҶТ).

Масалан, мутобиқи м. 372 КМҶ ҶТ яке аз асосҳои бекор кардан ё тағйир додани ҳукми суди марҳилаи якум ин татбиқи нодурусти қонуни ҷиноятӣ мебошад, ки дар вайрон кардани талаботи Қисми умумии Кодекси ҷиноятии ҶТ ифода ёфтааст, ки ба шумораи онҳо принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро низ нисбат додан мумкин аст.

Дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ Суди Олии ҶТ нақши калон мебозад. Мутобиқи м. 21 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи судҳои ҶТ” Суди Олии ҶТ мақоми олии судӣ ба ҳисоб рафта, назорати судиро аз болои фаъолияти Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия оид ба парвандаҳои граждани, оилавӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар парвандаҳои дар тобеияти ин судҳо буда амалӣ намуда, барои ташкили кори Суди Олии ҶТ, Суди ВМКБ, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия, таъминоти моддию техникии онҳо, хоста гирифтан ва тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, пешниҳод барои ба вазифа интихоб ва таъин намудан, аз вазифа бозхонд ва озод кардани судяҳо, ташкили имтиҳоноти тахассусӣ ва иҷрои ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. Дар ин фасл мо диққати асосиро ба фаъолияти Суди Олии ҶТ медиҳем.

Омӯзиши амалияи мақомоти олии судӣ аз нишон медиҳад, ки Суди Олии ҶТ ҳангоми умумикунонии амалияи судӣ аз рӯи категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ ва пешниҳоди тавзеҳоти мутобиқ бо принсипҳои қонуният, гунаҳгорӣ ва ғ. дастур мекунад [143, с. 199], [144, с. 188], [148, с. 216], [149, с. 217], [153, с. 183].

Айни замон аҳаммияти тавсияҳои Суди Олии ҶТ бузург ба ҳисоб меравад, ки нақши асосии онҳо таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузории ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо мебошад. Хеле муҳим аст, ки мақомоти олии ҳокимияти судӣ, ки раҳнамокунанда ва баъзан, инчунин оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқию ҷиноятӣ ба зермақомотҳо пешниҳодҳои мушаххас медиҳад, ба амалия ғояҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятиро ворид карда ва бо ин васила кори ҳуқуқтатбиққуниро беҳтар менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки айни ҳол метавон оид ба мавҷуд набудани тавзеҳоти дахлдори Суди Олии ҶТ аз рӯи категорияҳои алоҳидаи парвандаҳои ҷиноятӣ сухан ронд, ки ба андозаи муайян мавҷуд набудани ҳалли онҳоро доир ба парвандаҳои мушаххас, пурра мекунанд. Тавре А.В. Наумов қайд мекунад, «ҳарфи қонуни ҷиноятӣ бо мазмуни воқеӣ танҳо тавассути қарорҳои судӣ доир ба парвандаҳои мушаххас пурра мешавад ва мундариҷаи меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз маҷмуи претседентҳои маълуми судӣ доир ба ин парвандаҳо иборат мебошад. Ҳар як амсоли нави судӣ тасаввуроти корманди ҳуқуқтатбиққуниро дар бораи мундариҷаи меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ васеъ ва ё баръакс танг мекунад... Бидуни амсоли судӣ дилхоҳ меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ коста ва ба андозае абстрактист» [51, с. 21].

Бояд гуфт, ки принсипҳои ҳуқуққои ҷиноятӣ дар амалияи Суди Олии ҶТ тасдиқ ва татбиқи пайваста (мунтазам) пайдо мекунанд. Суди Олии ҶТ оид ба парвандаи мушаххас бо такя ба талаботҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ санади судӣ қабул намуда, вазифаҳои дар назди мақомоти адлия гузошташударо татбиқ менамояд.

Аз шумораи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар санадҳои судии СО ҶТ танҳо принсипи адолат ба таври равшан зикр шудааст, дар ҳоле ки принсипҳои дигар танҳо тахмин карда мешаванд [130, с. 211], [131, с. 190], [136, с. 29], [138, с. 139]. Аммо дар ҳолати мазкур муҳим нест, ки дар санадҳои СО ҶТ чанд принсип зикр шудааст, балки муҳим он аст, ки ҳангоми қабули санади судӣ чӣ тавр онҳо татбиқ мешаванд.

Мақоми Суди Олии ҶТ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама дар низоми судӣ, аз он шаҳодат медиҳад, ки санадҳои расмии тафсиркунандаи аз он бароянда, доир ба масъалаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд. Аз сабаби он ҳолате, ки мавқеи Суди Олии ҶТ аз бисёр ҷиҳат фаъолияти судҳои поёниро муайян мекунад, хеле муҳим аст, ки принсипҳои ҳуқуқи

ҷиноятӣ дар амалияи мақомоти олии судӣ таҷассуми бевоситаи худро пайдо кунанд.

Номутобиқатии санксия ба принсипи адолат ба он оварда мерасонад, ки «ислоҳот»-и мутобиқро ба ин санксия худи судҳо ворид мекунанд: агар санксия аз ҳад сахтгир бошад, он гоҳ судҳо бо ёрии м. 63 КҶ ҶТ ҷазоро камтар аз ҳадди пасттарини пешбинишудаи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ ё ягон намуди ҷазои сабуктари дигареро таъйин мекунанд, ки дар ин модда пешбинӣ шудааст. Агар санксия аз ҳад сабук бошад, дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ тамоюл ба муайянкунии кирдорҳо аз рӯи дигар моддаҳои КҶ, бо ҷазои нисбатан сахттар ошкор мешавад. Дар ин ҳол нақши калонро бояд баҳодиҳии дақиқи хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда иҷро намояд.

Вазнинӣ ва сабукии аз ҳад зиёди ҷазо бошад, дар чунин ҳолатҳо шаҳодати вайронкуниҳои оддии принсипи инсондӯстӣ нисбати маҳкумшудагон ё нафарони аз ҷиноятҳо ҷабрдида мебошад. Зиёда аз ин, ҳуқуқи суд ба таъйини ҷазо ба уҳдадории он доир ба таъйини ҷазои қонунӣ, яъне бо риоя кардани тамоми меъёрҳои маҳдудкунандаи ҳудудҳои салоҳдиди ӯ мувофиқат мекунад. Табиист, ки уҳдадориҳои ҳуқуқвайронкунанда ҷазо кашидан низ ба ҳуқуқи ӯ, аз суд талаб кардани ҷазои қонунӣ, одилона ва башардӯстона мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, принсипи адолат дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳаргиз танҳо ба масъалаи таъйини ҷазои одилона анҷом намеёбад.

Вобаста ба ин, масъалаи доир ба тарзҳои дар фаъолияти мақомотҳои ҳуқуқтатбиққунӣ бартараф кардани хатоиҳое, ки дар принсипҳои КҶ ҶТ сабаби вайрон шудани принсипҳои муқарраркардаи КҶ ҶТ мешаванд, муҳим мегардад.

С.Г. Келина, В.П. Кудрявтсев зикр менамоянд, ки «барои ин бояд як қатор шароитҳои сиёсӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ таъмин карда шавад, муқаррар кардани тартиби ошкоркунии ҳақиқате, ки барои тамоми иштирокчиёни муносибатҳои протсесуалӣ ҳатмӣ мебуд ва

ҳадди аксар (ба таври максималӣ) аз хатоиҳо ҳангоми муайян кардани гуноҳ ва баровардани ҷазо кафолат медод» [35, с. 167].

Муаллифони мазкур ақидаҳои мутахассисонро оид ба он, ки ин "мурофиа" бо кадом аломатҳо бояд тавсиф ёбад, баён мекунанд [91, с. 48], [106, с. 45]: «1) тартиби дақиқ дар қонун муқарраршудаи тафтишот ва ҳал кардани парванда (ҳам дар маҷмуъ ва ҳам аз рӯи марҳилаҳою унсурҳои алоҳидаи он); 2) мабдаи давлатӣ-ҳокимиятӣ дар якҷоягӣ бо низоми ҳуқуқҳо ва кафолатҳои шахсият; 3) талаботи ҳатмии исботи пурраи ҳолатҳои воқеии парванда; 4) тарзу услубҳои хоси таъмини ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои иштирокчиёни равандҳои ба ноилшавии ҳақиқат (презумпсияҳо тахминҳо, муҳлати исботкунӣ ва ғ.» равонашуда.

Дар баробари ин, «барои ноилшавии ҳақиқат аз рӯи ҳар як парванда, пеш аз ҳама, хусусиятҳои гносеологии дарки онро дар вазъияти муноқишавӣ, ки одатан тафтишоти ҳуқуқвайронкунӣ, муайянкунӣ ва ҷазо додани гунаҳгорон чунин аст, ба назар гирифтан лозим аст. Ин вазъияти низоӣ ба душвории раванди тафтишот ва ба саъйю кӯшишҳои шахсону ташкилотҳое оварда мерасонад, ки ба муқаррар намудани ҷиноят, барои пешгирӣ кардани он манфиатдор нестанд.

Аз тарафи дигар, хавфи ҳукмҳо ва амалҳои ғайриобъективӣ аз тарафи нафарони дар гунаҳгор будани гумонбаршуда боваридошта, ба миён меояд. Ин вазъияти мухолифат дар сурати ба ҷо овардани як қатор шартҳо, аз ҷумла беғаразӣ ва объективии шахсони мансабдоре, ки тафтишот ва мурофиаи судиро мегузаронанд, бомуваффақият ҳал кардан мумкин аст. Дар навбати худ, барои ин бояд мунтазам принсипҳои қонуният, демократизм, ошкорбаёнӣ, рақобатпазирии тарафҳо, мустақилияти судяҳо, презумпсияи бегуноҳӣ ва дигар кафолатҳои мурофиавӣ дар ҳаёт татбиқ карда шаванд.

Вазъиятҳои низоӣ вақте низ ба миён меоянд, ки ҷинояткор аллакай муайян карда шудааст ва сухан оид ба баҳодиҳии кирдорҳои ӯ ва муайян

кардани чораи ҷавобгарӣ меравад. Аз як тараф, ногузирии ҷавобгарии ҷиноятқорро таъмин кардан лозим аст, ки ошкор намудани ҳамаи кирдорҳои ғайриқонунии содиркардаи ӯ, суръати вокуниши иҷтимоӣ (ҳуқуқӣ) ба ин кирдорро дар бар мегирад, таъмин кардан лозим аст.

Аммо аз тарафи дигар, барои ноилшавӣ ба адолати ҷавобгарӣ, таъмини мутаносибии ҷазо ба вазнинии кирдор ва шахсияти гунаҳгор бояд тамоми талаботи тартиби муқарраршуда риоя карда шаванд, ки пешакӣ шинос кардани субъектро бо айбномаи нисбат ба ӯ пешниҳодшаванда, ба ӯ имконият додани бо тамоми воситаҳои пешбиникардаи қонун муҳофизат намудани худ, тафтиши чандинкаратаи қарорҳои қабулшуда, аз рӯи онҳо шикоят кардани айбдоршаванда ва дигар шахсони манфиатдорро дар назар дорад.

Беғаразӣ ва адолат дар фаъолияти мақомотҳое, ки ҳуқуқвайронкуниҳоро ошкор ва тафтиш мекунанд, на танҳо бо меъёрҳои қонун, балки бо воситаҳои сиёсию тарбиявӣ ва ташкилӣ низ таъмин карда мешаванд. Дар ин замина инчунин принсипҳои зерини фаъолияти тартиботи мурофиаи судӣ, ба монанди интихоби ҳамаи судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, танҳо ба қонун итоат кардани онҳо, мувофиқи эътиқоди ботинӣ қабул кардани қарор, коллегиалӣ будан ҳангоми қабули қарорҳои ниҳоӣ, ба таври оммавӣ ва ошкорбаёнӣ баррасӣ кардани масъалаҳо, иштироки аҳли ҷомеа дар мурофиаи судӣ хизмат мекунанд.

Мустақилият, итоат кардан танҳо ба қонун ва такя ба эътиқоди ботинӣ - принсипҳое мебошанд, ки дар ҳама марҳилаҳои мурофиавӣ ва аз рӯи ҳар як парванда амал мекунанд. Онҳо ба принсипҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии демократизм, инсондӯстӣ, адолат, баробарии ҳама дар назди қонун мувофиқат мекунанд [35, с. 171-172].

Қайд кардан бамаврид аст, ки нигоҳ накарда ба он, ки муҳокимаҳои мазкур ба таҳлили қонуни ҷиноятӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ дахл доштанд, қонунгузории ҷории кишвар аз бисёр ҷиҳат таҷрибаи мусбати замони

гузаштаро нисбати дар асоси ба таври қатъӣ риоя намудани принсипи қонуният, ҳифзи пурраи ҳуқуқи иштирокчиёни раванд барпо намудани асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ қабул кард. Масалан, Конститутсияи ҶТ дар боби 2, феҳристи муайяни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванди дар ҶТ эътирофшавандаю кафолатдиҳандаро муайян карда, дар асл, маъно, мундариҷа ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти тамоми мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва адлияро низ ба он вобаста намуд.

Бевосита тартиби мурофиаи судии ҷиноятиро дар қалamрави ҶТ КМҶ ҶТ аз соли 2009, муаёян менамояд, ки мутобиқи м. 6 КМҶ ҶТ: Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад.

Дар боби 2 КМҶ ҶТ – принсипҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ҷойгир шудааст, ки дар он мабдаъҳои асосии зерини мурофиаи судии ҷиноятӣ номбар карда шудаанд: м. 9 – қонуният ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, м. 10 – эҳтироми шаъну шарафи шахс, м. 11 – дахлнопазирии шахсият, м. 12 – ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, м. 13 – дахлнопазирии манзил, м. 14 – маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот, сирри шахсӣ ва оилавӣ, м. 15 – эҳтимолияти бегуноҳӣ, м. 16 – баробарӣ дар назди қонун ва суд, м. 17 – мустақилияти судяҳо, м. 18 – забони мурофиаи судии ҷиноятӣ, м. 19 – ошкоро будани муҳокимаи судӣ, м. 20 – мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, м. 21 – тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор, м. 22 – таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда, м. 23 – ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа.

Дар боби зикршуда принсипҳои асосии раванд бо талаботҳои дуюмдараҷаи марбути марҳилаҳои алоҳидаи он, амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ ва ҳатто масъалаҳои ташкилӣ «омехта» буданд. Ду нуқтаи назари ба ҳамдигар истиснои фарогирандаи сатҳи қонунгузорӣ: яке барои ҳуқуқи ҷиноятӣ, дигар

барои раванди ҷиноятӣ вуҷуд дошта наметавонанд. Сиёсаи давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ бояд ягона бошад».

Ба андешаи мо, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи адолати судӣ, номгӯи принсипҳои адолати судии ҷиноятиро бо принсипҳои дар қонуни ҷиноятӣ муқарраргардида ва бо мундариҷаи мурофиавӣ-ҷиноятӣ пурра кардан зарур аст.

Маҳз дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ нақши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар намуди афзалиятҳои умумии қонуни ҷиноятӣ махсусан муҳим аст. Ҳамин тавр, яке аз самтҳои муҳимми мукаммалгардонии тачрибаи таъқиб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳқиқотҳое мебошанд, ки асосашонро таҳлили маҳз амалияи нашршудаи мақомоти олии суд ташкил мекунад.

Ҳамин тавр, таҳлили зербоби тачрибаи ҳуқуқтатбиққунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ҷамъбаст намуда, чунин хулосаҳои асоснокро пешниҳод намудан мумикн аст:

1. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи адолати судӣ, номгӯи принсипҳои адолати судии ҷиноятиро бо принсипҳои дар қонуни ҷиноятӣ муқарраргардида ва бо мундариҷаи мурофиавӣ-ҷиноятӣ пурра кардан зарур аст. Маҳз дар соҳаи ҳуқуқтатбиққунӣ нақши принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар намуди афзалиятҳои умумии қонуни ҷиноятӣ махсусан муҳим аст. Ҳамин тавр, яке аз самтҳои муҳимми мукаммалгардонии тачрибаи таъқиб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳқиқотҳое мебошанд, ки асосашонро таҳлили маҳз амалияи нашршудаи мақомоти олии суд ташкил мекунад.

2. Ворид кардани принсипҳо ба амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ душвориҳои муайяне дорад, аз ҷумла, аз он сабаб, ки онҳо, тавре дар бобҳои пештара қайд шуда буд, дақиқ тартиб дода нашудаанд. Дар КҶ ҶТ меъёрҳое ҳастанд, ки ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолифанд.

Кафолати риояи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалия, танҳо меъёрҳои асосноку дар қонун дақиқ муайяншудаи онҳо буда метавонанд.

3. Аз шумораи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар санадҳои судии Суди Олии ҶТ танҳо принсипи адолат ба таври равшан зикр шудааст, дар ҳоле ки принсипҳои дигар танҳо тахмин карда мешаванд. Аммо дар ҳолати мазкур муҳим нест, ки дар санадҳои Суди Олии ҶТ чанд принсип зикр шудааст, балки муҳим он аст, ки ҳангоми қабули санади судӣ чӣ тавр онҳо татбиқ мешаванд. Мақоми Суди Олии ҶТ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама дар низоми судӣ, аз он далолат менамояд, ки санадҳои расмии тафсиркунандаи аз он бароянда, доир ба масъалаҳои татбиқи қонуни ҷиноятӣ ҳатмӣ мебошанд. Аз сабаби он ҳолате, ки мавқеи Суди Олии ҶТ аз бисёр ҷиҳат фаъолияти судҳои поёниро муайян мекунад, хеле муҳим аст, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалияи мақомоти олии судӣ таҷассуми бевоситаи худро пайдо кунанд.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳлили мавзуи таҳқиқот хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

